**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД:332.362**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**НАЗАРОВ МУРОДАЛӢ СОЛИҲОВИЧ**

# ТАФРИҚАБАНДИИ МИНТАҚАВИИ САТҲУ СИФАТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),**

**доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт**

**(6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** н.и.и, дотсент
Нурализода Амрулло Назрулло

**ДУШАНБЕ – 2023**

**МУНДАРИҶА**


| | |
|---|---|
| **НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ........................** | **3** |
| **МУҚАДДИМА..........................................................................................** | **4** |
| **БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ СИФАТИ ЗИНДАГӢ ВА ОМИЛҲОИ ТАФРИҚАБАНДИИ МИНТАҚАВИИ ОН...........................** | **14** |
| 1.1. Муҳтавои иқтисодӣ ва ҷанбаҳои минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ.............................................................................................. | **14** |
| 1.2. Омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сифати зиндагӣ.................................................................................................... | **35** |
| 1.3. Усулҳои муайяннамоии сатҳу сифати зиндагӣ ва алгоритми он............. | **50** |
| **БОБИ 2. ДИНАМИКАИ МИНТАҚАВИИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.........................................................................** | **66** |
| 2.1. Вазъи иҷтимоӣ-демографӣ ва иқтидори корӣ дар вилояти Хатлон............. | **66** |
| 2.2. Арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа............................................ | **80** |
| 2.3. Ҳамбастагии сатҳи зиндагӣ, тафриқабандии он ва самаранокии фаъолияти иқтисодиёти минтақавӣ................................................................ | **91** |
| **БОБИ 3. ИДОРАКУНИИ МЕХАНИЗМҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲУ СИФАТИ ЗИНДАГӢ ДАР МИНТАҚА.................................................** | **105** |
| 3.1. Самтҳои асосии такмилдиҳии механизми идоракунии сифати зиндагӣ.. | **105** |
| 3.2. Ташкили комплексҳои агросаноатӣ бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот........................................................................... | **117** |
| 3.3. Роҳҳои баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии вилояти Хатлон........... | **132** |
| **ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ.................................................................** | **151** |
| **ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.........................................................................................** | **153** |
| **РӮЙХАТИ АДАБИЁТ...........................................................................** | **155** |
| **ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ.........................................................................................** | **172** |

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**БРИКС** - иттиҳоди кишварҳои Бразилия, Россия, Ҳиндустон, Хитой ва Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ;

**ВМКБ** - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

**ИА** - Иттиҳоди Аврупо;

**ИДМ** - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**ИМА** - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

**ИРИИ** - Индекси рушди иқтидори инсон;

**КАС** - Комплекси агросаноатӣ;

**Кҷ** - Коэффитсиенти Ҷини;

**Кив** - Коэффитсиенти истеъмоли воқеӣ;

**Ки** - Коэффитсиенти истеъмолӣ;

**Кк**-Коэффитсиенти камбизоатӣ;

**Кхт** - Коэффитсиенти худтаъминкунӣ;

**КОА** - Комиссияи олии аттестатсионӣ;

**ММД** - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

**МММ** - Маҷмуи маҳсулоти миллӣ;

**МСМ** - маҳсулоти софи миллӣ;

**МОИ** - Минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

**СММ** - Созмони Милали Муттаҳид;

**СУС** - Созмони умумиҷаҳонии савдо;

**СМР** - Стратегияи миллии рушд;

**ТСВ** - Ташкилоти содиротию воридотӣ;

**ФАО** - Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ;

**ҲСПКСК** - Ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ;

**ШВС** - Ширкати воридотӣ-содиротӣ;

**CNS** - Коэффитсиенти номиналии дастгирии давлатии молиявии истеҳсолот;

**б.ф** – банди фоизӣ

**ҳаз.** – ҳазор

**мар.**- маротиба

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Навсозии бонизоми иқтисоди миллӣ дар солҳои охир барои ташаккули шароити мусоиди иқтисодиву иҷтимоӣ замина фароҳам овард, ки омили асосии рушди иқтисодии кишвар сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад.

Воқеан, сатҳи зиндагӣ самарабахшии меҳнатро дар ҷомеа инъикос менамояд ва он ба сифати сарчашмаи дороии миллӣ баромад намуда, нишондиҳандаи раҳоӣ аз бuҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад. Нигаҳдошт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, инчунин, ба гузариши ҷомеаи ҷаҳонӣ дар даврони навин ба зинаи нав – «дараҷаи сифат» алоқамандӣ дорад, зеро аксари ташкилотҳои байналмилалӣ асри XXI-ро асри баланд бардоштани дараҷаи сифати зиндагӣ эълон кардаанд. Ин гузариш таваҷҷуҳро ба ин масъалаҳо афзоиш дод.

Раванди мураккаб дар солҳои охир бо вазъи иҷтимоӣ ва тафриқагузории маҳаллии аҳолӣ алоқаманд аст. Ба вуҷуд овардани низоми назорати сатҳи зиндагии аҳолӣ барои таъминоти саривақтии маълумоти оиди ин масъалаҳо зарур мебошад. Зеро усулҳои мавҷудаи баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа имкони пурраи таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва муайянсозии мушкилоти камбизоатиро дар шароити имрӯза фароҳам намеорад.

Имрӯзҳо фарқияти сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа аён буда, на ҳама паҳлуи сифати зиндагӣ, ки аз фаъолияти анъанавии минтақаҳо ва аҳолии деҳот бармеояд, дар методологияи муайянсозии сатҳи камбизоатӣ ва зиндагӣ ворид карда шудааст. Коркардҳои назариявӣ низ имрӯз аз таҷрибаи мавҷудаи байналмилалӣ дар кишвар бархӯрдор набуда, зарурати гузаронидани таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамояд.

Айни замон дарки мақсад ва зарурати рушди устувори зиндагии аҳолии минтақаҳои мамлакат ба назар мерасад.

Чунин ҳолат аз набудани таҷрибаи кофӣ ва хусусан хусусиятҳои хоси рушди минтақа, ки ба амал меояд, вобаста мебошад. Зарурати муайян кардани роҳҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

хусусан вилояти Хатлон, таҳия ва татбиқи барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, консепсия ва самтҳое лозиманд, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ва тақвияти дастгирии давлат ба фаъолияти иқтисодии аҳолии он нигаронида шуда бошад.

Аҳаммияти муҳими таҳлили омилҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ монеъ мегарданд, инчунин, коркарди нокифояи назариявӣ ва методологии масъалаҳои марбут ба арзёбии сифати зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳои алоҳида мубрамияти мавзуи рисолаи илмиро бозгӯӣ менамояд. Инчунин, мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни такмил додани механизми баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии минтақаҳо бештар аён мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар ташаккули ҷанбаҳои назариявии муайян кардани моҳият ва шаклгирии принсипҳои ҷойгиркунии «сатҳи зиндагӣ» як қатор олимони маъруфу машҳури хориҷӣ, аз он ҷумла олимони рус, ба монанди Л.И. Абалкин, А.Л. Василев, Б.М. Генкин, А. Вагнер, Т.Малтус, А.В. Гличев, В.Н. Бобков, Н.М. Римашевская, А.И. Кочерга, В.А. Добринин, Л.В. Бондаренко, А.В. Петриков, ва дигарон нақши муҳим гузоштаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар асарҳои илмии олимони иқтисодчӣ, ба монанди Д.Б. Қодирзода, Ҳ.Р. Исайнов, А.А. Мадаминов, И.С. Ашуров, Ҷ.С. Пиризода, И.Ҳ. Самандаров, С.Ҷ. Комилов, Р.К. Раҷабов, Т. Алимардонов, Ҷ.Ҳ. Тағоев, А.Н. Нурализода, И.С. Фасеҳзода, Р.Р. Аҳмадов, Н.К. Билолов, С.И. Абдуллоев, А.М. Бобоев ва дигарон инъикос ёфтааст.

Осори нашрии солҳои охир дар омӯзиши мушкилоти сатҳи зиндагии аҳолӣ, таҳқиқи қонуният ва хусусиятҳои ташаккули он саҳми назаррас доранд. Бо назардошти гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, тағйирёбии усулҳои идоракунӣ ва шаклҳои моликият, ки дар ҷомеа рух дода истодаанд, ҷиҳатҳои алоҳидаи ин масъала таҳқиқи минбаъдаро талаб мекунанд. Ин тағйиротҳо ислоҳоти амиқро ба вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ворид намуда, омилу ҷанбаҳои нави сифати

зиндагии аҳолиро муайян мекунанд, ки зарурати таҳқиқи амиқи назариявӣ ва методологиро ифода мекунанд.

Дараҷаи нокифояи омӯзиши мавзуи мазкур дар робита бо марҳилаи буҳрону таъсири омилҳои манфии беруна, такмили вазифаҳои иҷтимоии давлат ва саноатикунонии босуръати кишвар таҳқиқи масъаларо аз ҷиҳати методология ва воситаҳои нав тақозо намуда, маҳз ин вазифаҳо сохтори таҳқиқоти илмиро муайян намуд. Ҳадафи таҳқиқот такмил додани методологияи арзёбӣ ва мониторинги сатҳи зиндагӣ мебошад, ки он ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳо бо дарназардошти устувории нигаҳдошти тафриқа миёни аҳолӣ равона шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо Барномаи дурнамои ислоҳоти хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи ислоҳоти кишоварзӣ, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳамияти иҷтимоидошта баҳри рушди устувори ҷамоатҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018-2022, инчунин, ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, № 522), Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019-2021 алоқамандӣ дорад. Диссертатсия мувофиқи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** асосноккунии назариявию методологии ташаккул ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар минтақа маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мувофиқи ҳадафи таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- омӯзиши моҳият ва муҳтавои иқтисодиву иҷтимоии мафҳуми “сатҳи зиндагии аҳолӣ” лозим аст;

- баррасии алоқамандии мафҳумҳои «сифати зиндагӣ» ва «сатҳи зиндагӣ», муайян кардани омилҳое, ки ба сифати зиндагӣ таъсир мерасонанд талаб карда мешавад;

- такмили методологияи арзёбии сифати зиндагии аҳолӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ дар мисоли вилояти Хатлон, муайян кардани тамоюлҳои мушаххаси ин соҳа дар даврони муосир;

- таҳия намудани нақшаҳои такмили низоми мавҷудаи мониторинги сатҳи зиндагӣ дар минтақаҳои дорои тафриқаи доимии баланди аҳолӣ, пешниҳодҳои амалӣ барои татбиқи онҳо;

- бо истифода аз таҳлили нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ дар мисоли вилояти Хатлон бунёди модели устувори иқтисодӣ, инчунин, пешгӯӣ намудани нишондиҳандаҳои сифати зиндагии аҳолӣ дар давраи миёнамуҳлат;

- гузаронидани таҳлили регрессионӣ ҷиҳати ҳамбастагии соҳаҳои воқеии иқтисодӣ бо даромади аҳолии вилояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқот** чараёни арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар маҳалҳо бо дарназардошти дарачаи баланди тафриқа миёни аҳолӣ ба шумор меравад.

**Мавзуи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии мансуб ба арзёбӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар маҳалҳо бо дарназардошти дараҷаи баланди тафриқа миёни аҳолӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқоти илмӣ** аз инҳо иборат аст**:**

1. Таъмини рушди устувори минтақаҳои сераҳолии вилояти Хатлон аз сатҳи рушди соҳаи кишоварзӣ ва сиёсати давлатӣ дар ин самт вобастагӣ дорад;

2. Рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор бо сатҳи зиндагии аҳолӣ алоқамандӣ дорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Таҳқиқотҳои гузаронида шуда буданд, ки дар онҳо  олимони хориҷию ватанӣ моҳият ва муҳтавои мафҳумҳои «сифати зиндагӣ» ва «сатҳи зиндагӣ»-ро меомӯзанд, инчунин методологияи арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро тартиб медиҳанд. Хулоса ва пешниҳодоти

таҳқиқоти мазкур метавонанд ба базаи назариявии рушди иқтисодию ичтимоии минтақа дохил карда шаванд, ки он ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагӣ дар асоси истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷудаи минтақа нигаронида шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** Дар диссертатсия бо мақсади ноил гаштан ба мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда усулҳои умумии илмӣ, аз ҷумла методҳои иқтисодӣ, системавӣ, оморӣ, таҳлили эконометрикӣ, усули муқоисавии таҳлил ва инчунин, методҳои баргузидаи таҳқиқоти иҷтимоӣ истифода бурда шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати маълумоти аввалия қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мавзуи таҳқиқшаванда, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ”, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо, асарҳои классикони назарияи иқтисодӣ, маълумотҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, асарҳои илмии олимони илми кишоварзӣ, ҳисоботи солонаи корхонаҳои бахши озуқавории комплекси агросаноатӣ, коркардҳои шахсии худи муаллиф ва дигар манбаъҳои иттилоот истифода бурда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори таҳқиқотӣ дар назди кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2022 анҷом дода шудааст.

**Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот ғояҳои навро, монанди “сатҳи зиндагӣ”, “сифати зиндагӣ”, “камбизоатии дарозмуддат”, инчунин, методологияи комили арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва такмили низоми мониторинги сатҳи зиндагии аҳолии минтақаро дарбар мегирад. Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии тадқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

- дар асоси танзими консепсия ва назарияҳои гуногуни илмӣ дараҷаву сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳолат ва тамоюлҳои рушду равнақи он дар минтақа муайян

карда шуда, шарҳи муаллифии мафҳумҳои “сатҳи зиндагӣ”, “сифати зиндагӣ” ва “камбизоатии дарозмуддат” пешниҳод гардида, роҳҳои рушди он, аз ҷумла тавассути бо ҷойи кор таъминкунии аҳолӣ, амалигардонии сиёсати иҷтимоии давлат, ба роҳ мондани истеҳсолоти агросаноатӣ, воридоти технологияҳои пешқадам, фаъолгардонии сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ нишон дода шудааст;

- дар натиҷаи таҳқиқот зарурати дар мадди назар гирифтани сатҳи камбизоатии дарозмуддат асоснок карда шуда, ҷиҳати дар муайяннамоии сатҳи он ба инобат гирифтани маърифати деҳот, истифодаи технологияи интенсивӣ ва арзёбии фарқияти ҳудудии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо афзалият дода шудааст;

-дар дисертатсия бо далелҳои муътамади илмӣ нишон дода шудааст, ки ба табиати сатҳи зиндагӣ нисбии мафҳуми “татҳи зиндагӣ”ва тағирпазирии он вобаста аз муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣишора мекунад. Ин раванди мураккаби иқтисодиву иҷтимоӣ фарогири масоили марбут ба маҳдудиятҳои зеринанд: иқтидори инсон дар ҷомеа ва маҳдуд будани омилҳои рушди сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳо;

- алгоритми муайянсозии сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа бо назардошти хислати хоси он, урфу одат, таркиби истеъмолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои истисноӣ нишон дода шуда, пешниҳод гардидааст, ки дар асоси рақамикунонии раванди ҷамъоварии маълумот, таҳқиқоти сотсиологӣ ва пурсишҳо дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ самаранокии низоми маълумоти дақиқ оид ба сатҳи камбизоатӣ таъмин мегардад;

- барои бартараф намудани камбизоатии дарозмуддат муҳиммияти такмили методологияи арзёбӣ ва низоми мониторинги сифати зиндагии аҳолии минтақа асоснок карда шудааст;

- таҳлили регрессионӣ нишон дод, ки ба ташаккул ва афзоиши даромади аҳолии вилояти Хатлон соҳаи саноат назар ба соҳаи кишоварзӣ таъсири бештар мерасонад. Тасдиқ шуд, ки чӣ қадаре дар минтақа кишоварзӣ ҳиссаи бештар дошта бошад, ҳамон қадар сатҳи даромад ва зиндагии аҳолӣ дар он пасттар ва

тафриқаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон низ дар асоси ин нишондиҳанда зиёд аст. Дар асоси ин зарурати тезонидани ҷараёни саноатикунонӣ дар минтақа асоснок карда шуд.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот:**

- шарҳи васеи илмии мафҳумҳои "сатҳи зиндагии аҳолии минтақа" аз нуқтаи назари иқтисодиву иҷтимоӣ, "сифати зиндагӣ" аз рӯйи методологияи муосир, "камбизоатии даромуддат" аз нуқтаи назари тарзи зиндагӣ дар шароитҳои гуногунии иқтидори маҳал;

- равандҳое, ки бо тағиротҳои иҷтимоӣ – демографи алоқаманданд; аз ҷумла ҳиссаи аҳолии дар камбизоатии дарозмудатзиндагикунанда, сатҳи фаъолияти иқтисодӣ, омилҳои асосии муаянкунандаи сатҳи зиндагии аҳолии минтақа мебошад.

- методикаи арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии минтақа, ки нишондиҳандаи мураккаби интегралӣро дар бар мегирад тавсифҳои сифати ҳам ва миқдориро дар назар дорад баён карда мешавад;

- низоми мукаммали мониторинги сатҳи зиндагии аҳолии минтақа, ки дар асоси он нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои давраи миёнамуҳлат пешбинӣ мегарданд;

- самтҳои асосии баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар минтақаҳо бо назардошти тафриқаи назаррас миёни аҳолӣ муайян карда шудаанд;

- таҳлили регрессионӣ вобаста ба ҳамбастагии соҳаҳои саноату кишоварзии вилоят бо ҷараёни ташаккул ва афзоиши даромади аҳолии вилояти Хатлон.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар муайян кардани моҳият ва мундариҷаи мафҳумҳои «сифати зиндагӣ» ва «сатҳи зиндагӣ», муайян кардани методологияи арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот иборат мебошад.

Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти амалӣ, инчунин, поягузории илмии мансуб ба сатҳи зиндагии мардум истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим, инчунин, дар кори ташкилотҳое, ки ба таҳлил ва пешгӯии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ машғуланд, мусоидат кунанд. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф аз ҷониби Вазорати рушди

иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо истифода шуда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ): 1.4. Муаммоҳои ноҳиябандии иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат аз рӯйи меъёрҳои моддӣ ва ғайримоддӣ; 1.5. Трансформатсияи ҳудудӣ-иқтисодӣ, тафриқабандии минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; 1.22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо ва хусусиятҳои идоракунии он мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми марҳилаҳои татбиқи нақшаи рисолаи диссертатсионӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд. Таҳқиқоти илмии докторант дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми таълими фанҳои “Макроиқтисод”, “Иқтисодиёти меҳнат” “Иқтисод ва идоракунӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ”, “Таҳлили иқтисодӣ”, “Иқтисоди миллӣ” истифода шуда истодааст. Муаллиф дар раванди таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он, ҳалли мушкилоти мавҷуда, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва ҳавасмандии аҳолии деҳот баҳри ободонии он саҳмгузор мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ дар мавзуъҳои “Ҳолат ва

роҳҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе - 2021), “Асосҳои назариявии сифати зиндагии аҳолии деҳот ва танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосир” (Душанбе - 2022), “Ҷанбаҳои назариявию услубии сатҳи сифати зиндагӣ ва роҳҳои рушди устувор дар минтақа” (Душанбе-2022), «Амнияти озуқаворӣ ва мавқеи он дар рушди устувор» (Москва-2021), “Масоили сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа дар таҳқиқоти назариявӣ” (Душанбе – 2022), “Омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сифати зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе-2022) маъруза гардидаанд ва барои муҳокима пешниҳод шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ таҳия намудааст, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаву пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо фарогирии 172 номгӯй, 13 ҷадвал, 14 расм, ва 3 диаграмма иборат буда, дар ҳаҷми 174 саҳифаи чопӣ ҷамъбаст гардидааст.

## Натиҷаи таҳқиқот

Дар **муқаддимаи диссертатсия** мубрамияти мавзуъ асоснок ва дараҷаи омӯзиши он бозгӯӣ шуда, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян гардида, ҳамзамон, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори таҳқиқот баён шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Ҷанбаҳои назариявии сифати зиндагӣ ва омилҳои тафриқабандии минтақавии он»** муҳтавои иқтисодӣ ва ҷанбаҳои минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба таври васеъ дида баромада шуда, моҳияти илмии онҳо ошкор карда шудааст, инчунин, заминаҳои асосии омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сифати зиндагӣ

асоснок ва методологияи баҳодиҳии сатҳи он пешниҳод гардида, сифати зиндагӣ ва усулҳои милликунонии Ҳадафҳои Рушди Устувор пешниҳод шудааст.

**Дар боби дувум** – “**Динамикаи минтақавии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар вилояти Хатлон**” вазъи иҷтимоӣ-демографӣ ва иқтидори корӣ дар вилояти Хатлон, арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа ва ҳамбастагии сатҳи зиндагӣ, тафриқабандии он ва самаранокии фаъолияти иқтисодиёти минтақавӣ ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ шудаанд.

**Боби сеюм** – «**Идоракунии механизмҳои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ дар минтақа**» ба таҳқиқи самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми идоракунии сифати ҳаётгузаронӣ, нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти иқтидорҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва роҳҳои баландбардории сатҳи зиндагонии аҳолии вилояти Хатлон бахшида шудааст.

**Дар хулоса ва пешниҳодот** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф ҷамъбаст гардида, якчанд пешниҳоди судманд оид ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар минтақа, рушди корхонаҳои саноатӣ, беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии минтақа оварда шудаанд.

# БОБИ 1.
# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ СИФАТИ ЗИНДАГӢ ВА ОМИЛҲОИ ТАФРИҚАБАНДИИ МИНТАҚАВИИ ОН

## 1.1. Муҳтавои иқтисодӣ ва ҷанбаҳои минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ рушди иқтисодӣ, бахусус ташаккули он дар маҳалҳои алоҳида ҳамеша дар мадди назари давлат буда, беҳсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи муҳимро касб менамояд. Аз таҳлили адабиёти илмии мавҷуда бармеояд, ки сиёсати иқтисодӣ дар ҳар як кишвар аз сатҳи зиндагии аҳолии он сахт вобастагӣ дошта, маҳз дар ҳамин замина мо ба дастовардҳои иқтисодӣ ноил мегардем.

Ба андешаи бисёре аз муҳаққиқони соҳа ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ба марҳилаи нави рушд – “марҳилаи сифат” гузарад. Асри XXI-ро бисёр созмонҳои байналмилалӣ асри сифат эълон кардаанд. Сифат нишондиҳандаи самаранокии баланди меҳнат дар ҷомеа, манбаи сарвати миллӣ ва омили рафъи бӯҳронҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад [52, с. 212].

Мазмуни мафҳуми “сатҳи зиндагӣ” гуногунҷанба ба ҳисоб меравад ва сифат тамоми ҷанбаҳои ҳаёти одамонро фаро гирифта, он яке аз омилҳои асосии сохтори иҷтимоӣ ва фаъолияти одамон мебошад. Хусусиятҳои сифатӣ, инчунин, барои дарки моҳияти инсон ва фарҳанги маънавӣ пояи асосӣ мебошанд [81, с. 3-134].

Сифат аз ду ҷиҳат – мафҳуми иқтисодӣ ва ҳам технологӣ баррасӣ мешавад. Аз ин рӯ, сифат на танҳо маҷмуи хосиятҳо, хусусиятҳои маҳсулот, молҳо, хизматрасониҳо, корҳо, меҳнат, балки қобилияти онҳо барои қонеъ кардани талабот ва ниёзи одамон, роҳи расидан ба ҳадафи онҳо дар асоси талаботи стандартҳо, шартномаҳо, дархостҳои истеъмолкунандагон мебошад.

Рушди иқтисодӣ на танҳо тамоюли миқдорӣ, балки сифатии маҳсулот дошта, аз омилҳои истеҳсолот вобаста мебошад. Аз ин ҷост, ки рушди иқтисодӣ мувофиқи консепсияи миқдорӣ ва миқдорию сифатӣ таъриф дода мешавад. Мувофиқи консепсияи якум (миқдорӣ) рушди иқтисодӣ гуфта, афзоиши миқдории хаҷми маҳсулоти миллӣ ва даромади миллиро меноманд. Мувофиқи консепсияи дуюм (миқдорию сифатӣ), рушди иқтисодӣ такмили миқдорию сифатии истеҳсолот ва зиёдшавии ҳаҷми маҳсулоти ҷамъиятӣ мебошад, ки он дар ҳалли масъалаи маҳдудияти захираҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ кумак мерасонад.

Дар маҷмуъ, рушди иқтисодӣ ҳамчун категорияи иқтисоди миллӣ бо якчанд мафҳумҳо маънидод карда мешавад, ки ин ҷараёни моддӣ мебошад:

-ба таври объективӣ арзи вуҷуд дорад;

-таҳти таъсири низоми омилҳо, аз ҷумла моддӣ, иҷтимоӣ, табиию иқлимӣ, таърихӣ, илмию техникӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳатто психологӣ фаъолият менамояд;

-рушди иқтисодӣ ба тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ дар сохтори иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои алоҳида ва минтақаҳо вобаста аст;

-имконияти истифодаи ҳадди аксари қонунҳои иқтисодиро талаб мекунад;

-сатҳи рушди мусбат, манфӣ ва сифрии тараққиёт дорад, яъне тағйирёбии он метавонад мусбат ё манфӣ бошад ва ё метавонад бетағйир монад;

-хусусияти мураккабу бисёрҷабҳа дошта, наметавонад бо як нишондиҳандаи алоҳида ифода шавад, зеро дилхоҳ нишондиҳанда имконияти баҳодиҳии танҳо як қисми ҷараёни мураккабро дораду халос [71, с. 86].

Дар таҷриба се усули муайянкунии сатҳи рушди иқтисодӣ вуҷуд дорад:

1. Зиёдшавии воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар давраи вақти алоҳида мебошад.

2. Зиёдшавии ММД дар давраи вақти алоҳида ба ҳар сари аҳолӣ мебошад.

3. ММД ҳақиқӣ тақсими ММД номиналӣ бо ҳисоби фоиз мебошад.

Дар бораи омилҳои рушди иқтисодӣ сухан гуфта, пеш аз ҳама, баъзе ҳолатҳоро ба назар гирифтан зарур аст:

1. Низоми мазкур дар худ чаҳор унсурро фаро мегирад, ки бевосита ба истеҳсоли маҳсулот таъсир мерасонанд: а) меҳнат (миқдор ва сифати захираҳои меҳнатӣ); б) замин (миқдор ва сифати захираҳои табиӣ ва дар асоси онҳо ба даст овардани воситаҳои гардон дар шакли ашёи хом, мавод, сӯзишворӣ ва ғ.); в) сармоя (дар шакли маблағгузориҳо ба фондҳои асосӣ бо назардошти дараҷаи технологӣ, ки сатҳи татбиқи пешрафти техникиро таъмин месозад); г) фаъолияти соҳибкорӣ (қобилияти соҳибкорон дар самти пайвасткунии се омили дар боло қайдшуда ва сатҳи навоварӣ дар онҳо).

2. Низоми омилҳои рушди иқтисодӣ доимо тараққикунанда мебошад. Дар сатҳи ҳар як унсур ва дар он дохилшаванда ё ин ки дар гардиши фаъолияти муҳити бизнес, маҳорати касбии менеҷерҳо, бозоршиносон, мутахассисон дар соҳаи банақшагирии стратегӣ, ояндабинии бизнес - нақша ва ғ.

3. Низоми омилҳои рушди иқтисодӣ доимо такмил меёбанд. Дар ҷараёни омӯзиши чуқур ва истифодаи онҳо, ки дар ин ҳолат дараҷаи таснифи омилҳо баланд гардида, таъсири ҳар як омил ба эътибор гирифта мешавад. Масалан, ҳангоми баҳодиҳии кадрҳо сатҳи дониши кормандон, ҳавасмандкунии меҳнат, реҷаи корӣ ва истироҳат ба назар гирифта мешавад.

Дар доираи омилҳои табиӣ ҷараёни боз ҳам самаранок коркарднамоии ашёи хоми табиӣ ба миён меояд. Ивази захираҳои табиӣ бо маводи сунъӣ, ки қаблан таркиби онҳо иваз шудааст, дар натиҷаи технологияи илмғунҷоиш ба даст оварда мешавад. Ҳамаи ин ҳолатҳо таркиби унсури миқдорӣ ва сифатии омилҳои рушди иқтисодиро тағйир дода, дар дараҷаи нав тафаккури назариявӣ ва амалии азхудкунии муаммо ва баҳодиҳии онро мегузорад. Яке аз хусусиятҳои рушди иқтисодӣ вобастагии он ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад. Ба омилҳои дохилии рушди иқтисодӣ истифодаи имкониятҳои табиии давлат (яъне, сарчашмаи ашёи хом, энергия, захираҳои маъданӣ (менералӣ) ва ғайраҳо), иқтидори кадрии он, захираҳои молиявии худӣ, таҷриба ва дониши соҳибкорони ватанӣ, пешрафти илм ва техникаи ватанӣ ва ғайра дохил мешаванд. Омилҳои берунӣ аз ҷалб намудани захираҳои молиявӣ аз дигар кишварҳо, ашёи хом, энергия, комёб гардидани мутахассисон ва натиҷаҳои таҳқиқоти олимони

хориҷӣ иборат мебошад. Маҷмуи омилҳои берунии рушди иқтисодӣ бевосита имконияти васеъшавии иқтисоди миллиро ба вуҷуд оварда, рушди устуворро таъмин месозанд.

Мафҳуми сатҳи зиндагӣ бо мазмуни калимаи англисии “quality of life” ва немисии “Lebensqualitat” тасниф шуда, он дар худ маънои тавсифи воқеии зиндагии аҳолӣ ва шахсияти ҳар як фардро таҷассум менамояд. Мафҳуми сифати ҳаётро аз якчанд ҷониб баррасӣ кардан мумкин аст, аз ҷумла равишҳо аз нуқтаи назари психологияи иҷтимоӣ ва фалсафа, иқтисодиёт ва фарҳангшиносӣ. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар ин раванд мафҳуми иқтисодӣ ва иҷтимоии он арзиши бештар пайдо менамояд (расми 1.1)




**Расми 1.1. Мазмун, моҳият ва мафҳуми «сифат»**
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Барои фаҳмидани моҳияти мафҳуми «сифат» ва мазмуни мантиқии он мо ба заминаҳои пайдоиши ин мафҳум бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоем. Дар таърихи мураккаб ва гуногунҷабҳаи тафаккури инсонӣ, дар шакли маҷмуӣ, намудҳои зеринро дар фаҳмиши сифат фарқ метавон кард (расми 1.2):




**Расми 1.2. Намудҳои сифат**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Сифати зиндагӣ мафҳуми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳам фалсафӣ мебошад, ки бо ҷаҳонбинии инсон алоқаманд аст. Ҳар кас ба сифати зиндагии худ ба тарзи гуногун баҳо медиҳад, аз ин рӯ, ҳатто шахси нодор низ метавонад бо муносибати дақиқкорона ба ашё, нигоҳдории оқилонаи онҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассуси худ, донистани ҳуқуқу уҳдадорӣ ва малакаҳояш барои худ сифати баландтари зиндагиро фароҳам орад, қувваи кории худро самаранок истифода барад.

Таҳлили пешакии ҳама гуна соҳаи иқтисоди миллӣ, бахусус сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бояд, пеш аз ҳама, аз таҳлили ҳаматарафаи шароитҳои мавҷудаи фаъолият оғоз гардида, дараҷаи рушди сохтори истеҳсолотро инъикос намояд ва омилҳои стратегии дар оянда таъсиррасонро ҷудо созад. Ин гуна таҳқиқот бахшҳои зеринро бояд дар бар гирад:

- таҳлили муҳити беруна. Барои ин ба омилҳои иқтисодӣ, бозорӣ ва рақобатие баҳогузорӣ намудан зарур аст, ки ба рушди соҳа таъсиргузор бошанд. Самти афзалиятнок дар ин ҳолат ин таҳияи нақшаи “маҳсулот - бозор” аст;

- таҳлили муҳити дохилӣ. Дар ин зинаи таҳқиқот бояд вазифаҳои субъектҳо гурӯҳбандӣ шаванд, ба муҳити сармоягузорӣ баҳогузорӣ намуда, шаклҳои танзими давлатӣ мушаххас гарданд ва дараҷаи рушди техникаю технология, инфрасохтори иҷтимоию муҳандисӣ таҳлил карда шаванд;

- масъалаҳою мақсадҳои стратегӣ мушаххас гарданд. Зарур аст, ки самтҳои стратегии фаъолияти соҳаҳои иқтисодӣ аниқ гардида, мақсадҳо ба таври мушаххас асоснок карда шаванд. Барои ба даст овардани мақсаду вазифаҳои гузошташуда таҳлили миқдорию сифатии захираҳои инсонӣ, молиявӣ ва моддӣ гузаронида шавад;

- дар навбати худ, таҳлили самтҳои асосии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ гузаронида шавад. Дар ин зина арзёбии маҷмуии корҳое, ки дар доираи самтҳои афзалиятноки рушди соҳа муайян гардидаанд, гузаронида шуда, пешниҳодҳои мушаххас барои ба даст овардани марому мақсадҳои гузошташуда таҳия мегарданд, ки вазъи муҳити дохилию берунаро ба инобат мегиранд;

- гузаронидани таҳлили сохторӣ зарур аст. Бояд сохтори идоракунӣ муайян карда шуда, сатҳи марказонияти таъсиррасонӣ ба соҳа асоснок карда шавад, яъне ниҳодҳои (институтҳои) зарурӣ ташкил карда шуда, мутахассисони зарурӣ барои таҳия ва амалисозии барномаҳои давлатӣ ҷалб карда шаванд;

- мустаҳкам намудани иқтидори давлат ба воситаи ҷалби ниҳодҳои ҷамъиятӣ. Дар ин зина бояд меъёрҳое таҳия гарданд, ки фаъолияти мақомоти идоракуниро назорат ва ба рушди шаклҳои гуногуни назорати ҷамъиятӣ такя намояд ва фаъолияти соҳибкорон ва ниҳодҳои давлатиро таҳти назорат гиранд.

Ҳамин тавр, арзёбии фаъолияти соҳаҳои иқтисоди миллӣ бояд ба ташхиси пешакӣ такя намуда, мавқеи субъектҳои фаъолро доир ба бадастории мақсадҳо ба назар гирад.

Ин мақсадҳо бояд бо сохтори мавҷуда муқоиса шаванд, то ин ки муайян карда шавад, ки то чӣ андоза онҳо ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд. Бояд зикр намуд, ки меъёрҳои мутлақ дар ягон самти фаъолият мавҷуд нестанд, ки дар асоси он сохтори идоракунии соҳаи алоҳида баҳогузорӣ гардад, вале принсипҳои умумии идоракунии субъектҳо мавҷуданд ва бо такя ба онҳо самти самараноки истифодаи таъсиррасонии ниҳодҳои давлатиро ба соҳаҳо мушаххас менамоем. Ҳамаи ин вазифаи танзими давлатии соҳаҳои иқтисоди миллиро мураккаб менамояд, ки бояд дар фаъолияти рӯзмарра ба инобат гирифта шавад.

Аз нигоҳи фалсафӣ, мутафаккири машҳури юнонӣ Арасту яке аз аввалинҳо шуда, мафҳуми «сифат»-ро баррасӣ кардааст. Ба ақидаи ӯ, он чизе, ки худ арзи ҳастӣ дорад, сифатро ташаккул медиҳад ва сифат пас аз моҳият дар ҷойи дуюм меистад.

Сифатро Арасту бо маънოҳои зерин баррасӣ мекунад:

1. Ҳамчун фарқияти мушаххаси ташкилот;

2. Ҳамчун хусусияти ҳолатҳои мавҷуда;

3. Ҳамчун хосияти ашё.

Ба ақидаи Арасту, «сифат» аз бисёр ҷиҳат дар ҳастӣ зоҳир мешавад. Намуди якуми сифат устувории ашё буда, фарқияти онро аз ашёи дигар ифода мекунад. Навъҳои дуюм ва сеюм фарогири хосиятҳое мебошанд, ки арзиши муайян дошта,

хусусияти табдилёбӣ ба якдигарро – гармӣ - хунукӣ, беморӣ - саломатӣ ва ғ. доранд [55, с. 40].

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулосабарорӣ намуд, ки сифати зиндагӣ хусусияти ҷудонашавандаи мавҷудияти инсон мебошад, ки дараҷаи ҳастӣ (расидан ба камолот – баръакси он, маҳрумият аз камолот), сегонаи қудрати бунёдии умумии инсонро ифода мекунад:

– қобилият (саломатӣ);

– озодӣ;

– эҷодкорӣ.

Мафҳуми «сифати зиндагӣ» одатан бо истифода аз ду равия баррасӣ карда мешавад: субъективӣ ва объективӣ. Равиши субъективӣ аз баррасии арзишҳо ва таҷриба иборат бошад, муносибати объективӣ аз баррасии ҷузъҳои ҳаётан муҳим, аз қабили гандум, манзил ё таҳсил иборат аст. Дар ҳолати аввал, бо муносибати субъективӣ, унсурҳои сохтори сифати ҳаёт – некуаҳволӣ, қаноатмандӣ, хушбахтӣ ё омезиши ин унсурҳо мебошанд. Дар ҳолати дувум, бо муносибати объективӣ, сифати ҳаёт ҳамчун сифати иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ муайян карда мешавад.

Олими рус В. Соловёв ҳангоми таҳлили масъалаҳои ахлоқӣ ва фалсафӣ мафҳуми муайянсозиҳои сифатиро васеъ истифода мебарад. Мавҷудияти сифатро хусусиятҳое фароҳам меоранд, ки хосиятҳои худро тавассути муносибатҳои ахлоқӣ зоҳир мекунанд.

Дар таълимоти худ В. Соловёв хусусияти сифатро ҳамчун муносибати ахлоқии инсон ба ҳама гуногунӣ баррасӣ мекунад. Ҳамин тавр, фард хислати сифатии худро нисбат ба дигар арзишҳо фарқ карда, чунин намуди гуногуни муносибатҳоро ба амал меорад: муносибат ба арзишҳои пасттар, ба арзишҳои ҳамнавъи худ ва аз худ баландтар. Ба гуфтаи муҳаққиқи мазкур, муносибат дар он сурат муносибати зарурӣ буда наметавонад, ки мо ба арзишҳои мавҷуда дуруст муносибат карда наметавонем [157, с. 73].

Олими ватанӣ Ҷ.С. Пиризода нақши муҳимми чунин омилҳоро, ба монанди руҳонӣ (равонӣ), психологӣ ва ғайраро дар муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба

барқарорсозии хоҷагӣ нигаронида шудаанд, қайд намудааст. Дар гуфтаҳои ӯ нуктаҳои муҳимми илмиро мушоҳида менамоем: «Низоми самарабахш онест, ки аз маънавиёт баҳрабардорӣ мекунад. Ҳосилнокии баланд ҳамеша ба иқтидории олии фардӣ такя мекунад ва иқтидори шахсӣ омезиши хосиятҳои муайяни маънавӣ: тобоварӣ, худдорӣ, виҷдон, оқилӣ мебошад. Ҷамъияти тараққикардаро танҳо дар асоси ғояи иқтидори фардӣ ҳамчун асос ва ченаки тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ метавон бунёд намуд» [148, с.113-114].

Мавзуи сифат ва моҳияти он дар асарҳои олими ватанӣ Д.Б. Қодирзода ба таври васеъ ва муфассал оварда шудааст. Ӯ қайд мекунад, ки ҷаҳони муосир ба одамони содиқ, иродаи қавии онҳо, донишмандон ва шахсони боистеъдод; ташкилотҳои қавӣ; кори машаққатталаби сермаҳсул; маҳсулоти хушнавъ ва сифати баланди зиндагӣ ниёз дорад, ки ҳамаи ин омилҳо сатҳи баланди зиндагиро таъмин менамоянд. Шарти муҳим дар рушди босубот, ба гуфтаи Д. Қодирзода, доштани истеъдоди табиӣ ва маънавии халқ мебошад [128, с. 170-175].

Фаҳмиши вазифавии сифат аз он иборат аст, ки тавсифотро тавассути нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ки бо равандҳои иқтисодӣ алоқамандии зич доранд, ифода кунад. Аз ин рӯ, тавре ки дар боло қайд кардем, мафҳуми «сифати зиндагӣ» хусусияти мураккабест, ки на танҳо ҷанбаҳои фалсафӣ, балки ҷанбаҳои иқтисодӣ ва дар аксари ҳолатҳо, иҷтимоии ҳаёти одамонро дар бар мегирад.

Соли 1943 равоншинос А. Маслоу пешниҳод карда буд, ки одамон барои ҳавасмандии худ ба панҷ намуди ниёзҳо такя кунанд. Ӯ чунин мешуморид, ки ниёзҳо як ҷараёни хоссаро ташкил медиҳанд, ки дар он фард пас аз гузаштан дар зинаи ҳокимият соҳибтаҷриба мешавад.

Олими мазкур ин равандро чунин тавсиф медиҳад:

– ниёзҳои физиологӣ: ниёз ба маҳсулоти хӯрокворӣ, об ва дигар чизҳои ҳаётан муҳим барои таъмини зиндагӣ;

– ниёзҳои амниятӣ: ниёз ба амният, муҳофизат, тартибот, сулҳ;

– ниёзҳо ба муҳаббат ва дастгирӣ: ниёз ба муҳаббат ва самимият;

– ниёз ба эҳтиром: мақом, эътибор, шуҳрат, муваффақият, таваҷҷуҳ;

– ниёз барои ифодаи мақсади худ: тарбияи оилавӣ, худшиносӣ [104, с. 264].

Сифати зиндагӣ одатан ҳамчун шароити мавҷудияти инсон фаҳмида мешавад, ки онро дар омилҳои зерин метавон инъикос кард: таъмини манфиатҳои моддӣ (хӯрок, либос, манзил), бехатарӣ, дастрасии ёрии тиббӣ, имкониятҳои таҳсил ва рушди қобилият, вазъи муҳити табииву иҷтимоӣ, муносибат дар ҷомеа, аз ҷумла озодии баён ва таъсири шаҳрвандон ба равандҳои сиёсӣ.

Дар асоси назарияи олими шинохта, академики АМИТ Т.Н. Назаров сифати зиндагӣ «ин идеологияест, ки барои зинда мондани инсоният равона карда шудааст. Ин роҳест барои таъмини ояндаи бехатар ва шукуфон. Ин роҳи ҳалли мушкилиҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муҳити зист дар маҷмуъ, ҳамоҳанг карда шудааст. Мо бояд ба эҳёи иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ ноил шавем ва ҳамзамон эҳтиёҷоти асосии мардумро қонеъ созем, сатҳи зиндагиро беҳтар намоем ва экосистемаро нигоҳ дорем» [143, с. 35-37].

Дар фарҳанги тафсирии иқтисодӣ «сифати зиндагӣ»-ро чунин шарҳ додаанд: «ин категорияи умумиҷамъиятии иқтисодӣ мебошад, ки он маҷмуи мафҳуми «сатҳи зиндагӣ»-ро ифода намуда, на танҳо сатҳи истеъмоли неъматҳои моддӣ ва хидматҳоро дар бар мегирад, балки инчунин қонеъ кардани ниёзҳои маънавӣ, тандурустӣ, умри инсон, шароити муҳити атроф, фазои ахлоқиву равонӣ ва ғайраро фаро мегирад» [51, с. 299].

Оид ба роҳҳои рушди устувори экологӣ ва иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ профессор Т.Б. Ғаниев таҳқиқот бурда, иброз медорад, ки «Сифати зиндагӣ ин муътадилсозии вазъи захираҳои инсонӣ нест, балки ҷораёни тағйир додани онҳо мебошад, ки тавозуни истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бо назардошти оянда таъмин мекунад» [65, с. 18-20].

Ба андешаи муҳаққиқ Р.Фатхутдинов мафҳуми «сифати зиндагӣ натиҷаи ниҳоии фаъолияти мақомоти ҳокимият мебошад, ки он аз як тараф, аз дурнамо ва самаранокии қонунҳо, стратегияҳо ва ташкили рушди ҷомеа муайян карда мешавад ва, аз тарафи дигар, бо қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоии инсон рабт дорад» [149, с. 60].

Албатта, мо бо чунин ақида розӣ ҳастем, аммо паҳлуҳои гуногуни сифати зиндагӣ аз нуқтаи назари омилҳои беруниву дохилӣ сарфи назар мемонад.

Ба гуфтаи муаллифон В.П. Бабинсев ва А.А. Гармашев «сифати зиндагии мардум» дараҷаи қонеъгардонии талаботи зиндагӣ бо захираҳои мавҷуда буда, инчунин, стандартҳои ҳадди ақалли иҷтимоиро инъикос мекунад [112, с. 5-11].

Ба ақидаи мо, муайян намудани стандарти зиндагӣ ҳанӯз сифати зиндагиро инъикос намекунад, чунки моҳияти озодии интихоб дар ин ҷо гум мешавад.

Дар таҳқиқи А.Н. Нурализода категорияҳои ҷудонашавандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ ба таври мукаммал нишон дода шудаанд. Ба гуфтаи ин муҳаққиқ, «сатҳи зиндагии аҳолӣ категорияҳои зерини ба ҳам алоқамандро фаро мегирад: сатҳи зиндагии аҳолӣ (дараҷаи истеҳсол, солимии ҷисмонӣ, сатҳи маълумот, фарҳанг, тахассус); некуаҳволии аҳолӣ (даромадҳо ва хароҷоти воқеӣ, таъминоти манзил ва амвол, таъмини имкониятҳои инфрасохтори ҷомеа); сатҳи соҳаи иҷтимоӣ (шароити кор, амнияти ҷисмонӣ ва моликият, хусусиятҳои тағйирпазири иҷтимоӣ ва ҳудудии аҳолӣ, солимии иҷтимоию сиёсии ҷомеа); сатҳи бахши экологӣ ва шароити табиӣ-иқлимӣ (вазъи ҳаво, ҳавзаи об, ҳолати хок, гуногунии биологӣ, ҳолати экосистемаҳои табиӣ)» [144, с. 182-184].

Бинобар ин, чунин шарҳ ба таври мукаммал моҳияти объекти таҳқиқоти моро мекушояд.

Азбаски сифати зиндагӣ дорои хусусиятҳои мураккаб аст, дар рисолаи илмӣ ҷанбаи иқтисодӣ ва иҷтимоии ин мафҳум муфассалтар баррасӣ шудааст. Дар даврони муосир омилҳои иқтисодиёт – категорияи иҷтимоӣ вобаста ба талаботи ҷомеа омилҳои асосиро иваз кардаанд. Ин нуктаи муҳим мавриди таваҷҷуҳи олимони зиёди хориҷӣ қарор гирифтааст. Ба гуфтаи А.Н. Романов, «мафҳуми сатҳи зиндагӣ шароити зисти аҳолӣ, кору шуғл, зиндагии рӯзмарра ва фароғат, саломатӣ, таҳсилот, зисти табииро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, сатҳи зиндагӣ нишондиҳандаи нисбатан мураккабтар буда, бо дараҷаи қонеъгардонии ниёзҳои инсон, ки дар робита бо меъёрҳо, урфу одатҳои дахлдор ва инчунин дар робита бо сатҳи орзуҳои шахсӣ муайян мегардад, тавсиф карда мешавад. Ба ибораи

дигар, сатҳи зиндагӣ маҷмуи муайяни хусусиятҳоест, ки некуаҳволии моддӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолиро инъикос мекунад» [90, с. 312].

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки сатҳи зиндагӣ ин бозгӯи дараҷаҳои сифатии шароити мавҷудияти инсон аст. Дар ин қатор манзил, хӯрок, либос; дастрасии соҳаи иҷтимоӣ, ёрии тиббӣ; имкони гирифтани маълумот; муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа; вазъи экологӣ ва ғайра дохил мешаванд. Сифати зиндагӣ бо дараҷаи қаноатмандии ниёзҳои инсон, ки дар робита бо меъёрҳо, урфу одатҳои дахлдор ва орзуҳои шахсӣ муайян карда мешавад, тавсиф мегардад.

Таҳлили адабиёти илмии соҳаи иқтисоди ватанӣ ва хориҷӣ нишон дод, ки дар фаҳмиши мафҳуми "сифати ҳаёт" байни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ихтилофоти зиёде ба назар мерасад. Барои мукаммал гардидани ҷанбаҳои назариявӣ ва татбиқи ин масъала дар бахши иқтисодиёт зарурати таҳлилу омӯзиши ақидаҳои муҳаққиқони соҳа пеш меояд.

Яке аз муҳаққиқони ин бахш Ван Гиг сатҳи зиндагии аҳолиро ҳамчун бозгӯи вазъи некуаҳволӣ дарк мекунад. Ба андешаи ин муҳаққиқ онро дар асоси ҳадафҳои мансуб ба сиёсати давлатие метавон муайян сохт, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, баланд бардоштани некуаҳволии умумии аҳолӣ, нигоҳ доштани чунин шароите, ки инсон ва табиат метавонанд ҳамзистии алоқамандро ба роҳ монанд, нигаронида шудаанд [163, с. 52].

Профессор Ҳ.Р. Исайнов дар китоби худ бо номи «Иқтисоди миллӣ» возеҳан шарҳ медиҳад, ки «Сатҳи зиндагӣ се унсури асосӣ дорад: рушди иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист. Таъминоти сатҳи зиндагӣ яке аз принсипҳои унсури асосии иқтисодӣ буда, мувофиқи он вазъи некуаҳволии мардум бояд ба таври максималӣ баланд бардошта шавад, камбизоатӣ бо ёрии истифодаи оптималӣ ва оқилонаи захираҳои табиӣ кам гардад» [71, с. 122].

Мебинем, ки аллакай мафҳум бо экология алоқаманд гардонида шудааст, ки аз пайомадҳои тағйирёбии иқлим вобаста аст.

Иқтисодшинос, профессор Қаюмов Н. паҳлуи дигари масъалаи рушди устувор - заминаи бехатарии иқтисодии давлат ва эҳтиёҷоти иҷтимоии онро

чунин маънидод намудааст: «Асоси рушди устувор ва бехатарии иқтисодии давлат, пеш аз ҳама, низоми устувори андозӣ-буҷетӣ ва пулию қарзӣ мебошад» [145, с.11].

Фаъолияти самараноки давлат низ ба сифати зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад, ки мо бо ин ақида низ розӣ мебошем. Аз инҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки зимни амалисозии рушди устувори иқтисодӣ дар назди мо интихоб байни тараққиёти устувор ва нигоҳдории муҳити зист меистад.

Бо такя ба андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ метавон ақидаи муаллифии мафҳумро илова намуд, ки «Сатҳи зиндагӣ - ин чунин навъи рушде мебошад, ки дар он истифодаи захираҳои табиӣ, самтҳои сармоягузорӣ, инкишофи илмию техникӣ, рушди неруи инсонӣ ва ислоҳоти институтсионалию беҳдошти фазои экологӣ бо ҳам мутобиқ гардонида шуда, талаботи имрӯзаи инсонҳоро қонеъ гардонида, талаботи наслҳои ояндаро зери хатар намегузорад».

Дар Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ яке аз мақсадҳои муҳимтарини стратегии сиёсати давлатӣ буда, дастрасӣ ба он имконият медиҳад, ки бехатарии озуқавории мамлакат, рақобатпазирии иқтисод ва некуаҳволии аҳолӣ баланд бардошта шавад [17, с. 10].

Илова ба ин, дар ҳуҷҷати мазкур истилоҳи зерин - сиёсати давлатӣ оид ба рушди устувори ҳудудҳои деҳот мавҷуд аст, ки чун самти муҳимтарини сиёсати умумидавлатӣ мавқеъ пайдо кардааст.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди устувори ҳудудҳои деҳот низомҳои чорабиниҳои ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодӣ ва ташкилиро дар бар мегирад, ки фаъолияти мақомоти ҷумҳуриявӣ, худидораи ҳудудӣ ва маҳаллии онро муайян мекунад ва онҳо ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии деҳот, сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақаҳо, ҳамчунин, истифодаи сарфакорона ва азнавистеҳсолкунии иқтидорҳои табиию захиравии ҳудудҳои деҳот равона шудаанд.

Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки сиёсати давлатӣ оид ба рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ду сатҳи идора бояд амалӣ карда шаванд:

- ҷумҳуриявӣ;

- минтақавӣ.

Бо тахия ва мураттаб шудани равишҳои методологӣ оид ба баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ, бо назардошти дараҷаи қаноатмандии шахс аз иҷрои нақшаҳои ҳаёт, ки бо стандартҳои қабулшудаи иҷтимоӣ ва иқтидори захиравии маҳал алоқамандand, диққати бештар ба ҷанбаи иқтисодӣ ва иҷтимоии ин консепсия равона карда шудааст (ҷадвали 1.1.).

**Ҷадвали 1.1. - Шарҳи мафҳуми «сатҳи зиндагӣ» дар адабиёти ватанию хориҷӣ**

| Категория | Муаллиф | Таърифи асосӣ оид ба мафҳум | Моҳияти илмӣ |
|---|---|---|---|
| Категорияҳои фалсафӣ | Аристотел | Устувории ашё, фарқияти он аз ашёҳои дигар; ҳолат ва сохторе, ки арзиши муайян дошта, хусусияти табдилёбӣ ба якдигарро дорад. | Хусусияти ашёй-мундариҷавии таҳқиқот |
| | Гегел | Мафҳуми бо ҳастӣ алоқаманд | Хусусияти ахлоқӣ ва фалсафии таҳқиқот |
| | В.С. Соловев | Муносибати дурусти шахс ба ҳама гуногунӣ тавассути ахлоқ | |
| | П.Б. Струве | «Мутобиқат», ки ба самарабахшӣ мувофиқат мекунад. | Хусусияти психологӣ-маънавии таҳқиқот |
| | И А. Илин | Маҷмуи унсурҳо, одамон –муассисони муташаккил – меҳнати софдилона – маҳсулоти дараҷаи олӣ– сатҳи баланди зиндагӣ. | |
| Категорияи иҷтимоӣ | А. Маслоу | Фаъолият барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногун. | |
| | Р. Фатҳутдинов | Натиҷаи фаъолияти ҳокимият, ки тавассути дурнамо ва самаранокии қонунҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ ва маънавии шахс муайян карда мешавад. | Хусусияти иҷтимоии таҳқиқот |
| | В.П. Бабинсев А.А. Гармашев | Дараҷаи қонеъгардонии талаботи зиндагӣ бо захираҳои мавҷуда ва стандартҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ | |
| Категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ | А.Н. Романов | Маҷмуи хусусиятҳое, ки некуаҳволии моддӣ, иҷтимоӣ, ҷисмонӣ ва фарҳангии аҳолиро инъикос мекунанд. | Хусусияти иқтисодии таҳқиқот |
| | Д.Б. Қодирзода | Иродаи қавии одамон, донишмандон ва шахсони боистеъдод; ташкилотҳои қавӣ; кори машаққатталаби сермаҳсул; маҳсулоти хушнавъ ва сифати баланди зиндагӣ ниёз дорад, ки ҳамаи ин омилҳо сатҳи баланди зиндагиро таъмин менамоянд. | Хусусияти иқтисодии таҳқиқот |
| | А.Н. Нуралиев | Категорияҳои зерини ба ҳам алоқамандро фаро мегирад: сатҳи зиндагии аҳолӣ (дараҷаи истеҳсол, солимии ҷисмонӣ, сатҳи маълумот, фарҳанг, тахассус); некуаҳволии аҳолӣ (даромадҳо ва хароҷоти воқеӣ, таъминоти манзил ва амвол, таъмини имкониятҳои инфрасохтори ҷомеа); | Хусусияти иқтисодии таҳқиқот |
| | М.С. Назаров (муаллиф) | «Сатҳи зиндагӣ - ин чунин навъи рушде мебошад, ки дар он истифодаи захираҳои табиӣ, самтҳои сармоягузорӣ, прогресси илмию техникӣ, рушди неруи инсонӣ ва ислоҳоти институтсионалию беҳдошти фазои экологӣ бо ҳам мутобиқ гардонида шуда, талаботи имрӯзаи инсонҳоро қонеъ гардонида, талаботи наслҳои ояндаро зери хатар намегузорад». | Хусусияти иқтисодии таҳқиқот |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф аз рӯйи адабиёти илмӣ

Сатҳ ва сифати зиндагӣ мафҳумҳои мураккаб ва гуногунҷабҳа мебошанд, ки маънои гуногун доранд. Муносибатҳои назариявӣ ва тафсирҳои ин мафҳумҳо гуногунанд. Дар асоси таърифҳои мушаххас метавон тафриқаи онҳоро бозгӯӣ намуд:

«Сатҳи зиндагии аҳолӣ ин таъмини аҳолӣ бо неъматҳои моддӣ ва маънавии барои ҳаёт зарурию аввалиндараҷа ва дараҷаи қаноатмандӣ аз ин неъматҳо мебошад». «Сатҳи зиндагӣ сатҳи қаноатмандии ниёзҳои ҷисмонӣ, маънавӣ ва иҷтимоии одамон, таъмини аҳолӣ бо молҳои истеъмолӣ мебошад». «Сатҳи зиндагӣ сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, истеъмоли молҳо ва корбурди хидматҳо, маҷмуи шартҳо ва нишондиҳандаҳое мебошанд, ки меъёри қонеъ гардонидани талаботи асосии зиндагии мардумро одатан бо нишондиҳандаҳои миқдории ММД ё МММ ба ҳар сари аҳолӣ, даромади пулии аҳолӣ, даромади миёнаи оила, шахс дар муқоиса бо ҳадди ақалли зиндагии як давлати муайян дар дигар кишварҳо, бо буҷаи истеъмолии оила муайян мекунанд» [71, с.74-75].

Ҳамин тавр, сифати зиндагӣ муҳимтарин мафҳуми иқтисодию иҷтимоӣ мебошад, ки сохтори ниёзҳои инсон ва имконияти қонеъ кардани онҳоро тавсиф мекунад.

Ба ақидаи чунин коршиносон, ба мисли А.А. Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода, мафҳуми «сатҳи зиндагӣ» дар муқоиса бо мафҳуми «сифати зиндагӣ» яке аз мафҳумҳои муқарраршуда мебошад, ки дорои доираи хеле васеи нишондиҳандаҳои миқдорӣ буда, дар байни онҳо нишондиҳандаҳои ҳадди ақалли зиндагӣ ва андозаи сабади истеъмолӣ мавҷуданд [156, с. 190].

Истилоҳи «сатҳи зиндагӣ» аз ҷониби иқтисоддонҳо ҳанӯз дар асри XVIII истифода шудааст. Ба таври мисол, К. Маркс дар асари худ «Музди меҳнат, нарх ва фоида» ин мафҳумро ҳамчун хусусияти иҷтимоию иқтисодии дараҷаи қонеъгардонии талаботи аҳолӣ, табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ баррасӣ кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки «Ин сатҳи зиндагӣ на танҳо қонеъ кардани ниёзҳои ҳаёти ҷисмонӣ, балки қонеъ кардани ниёзҳои муайяни тавлидшударо, ки дар шароити иҷтимоии ташаккулёбанда арзи ҳастӣ менамояд, пешбинӣ мекунад». Олими маъруф К. Маркс ба ин истилоҳ эътибори махсус медиҳад. Ҳатто ӯ дар асараш

«Капитал» зарурати ба назар гирифтани мансубияти ҳудудиро қайд карда буд: «... (арзиши меҳнат) аз рӯйи сатҳи анъанавии зиндагӣ муайян карда мешавад, ки он на танҳо қонеъ кардани ниёзҳои мардумро пешбинӣ мекунад, балки қонеъ кардани ниёзҳои муайянеро фаро мегирад, ки дар он шароити иҷтимоӣ ба вуҷуд омадаанд ва одамон ташаккул меёбанд» [73, с. 150].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми маъмултарин дар ин самт «сатҳи зиндагии аҳолӣ» мебошад, ки маънои қонеъгардонии талаботи моддию маънавӣ ва иҷтимоии аҳолиро дорад. Ин таъриф омори сатҳи зиндагиро бештар ифода мекунад. Мафҳуми сатҳи зиндагӣ сохтори ниёзҳои инсон ва имконияти қонеъ гардонидани онҳоро тавсиф мекунад. Тибқи андешаронии ин мутахасси соҳа Қодирзода Д.Б. «... ниёзҳои мардум гуногунанд, дар баробари ниёзҳои моддӣ ниёзҳои маънавӣ ва иҷтимоӣ низ мавҷуданд. Баланд шудани сатҳи зиндагӣ заминаи мусоидро барои баланд бардоштани сифати зиндагӣ фароҳам меорад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҷузъҳои муҳимми сифати зиндагӣ, инчунин, дараҷаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, озодии интихоби шахс, беҳбудии муҳити иҷтимоӣ, муносибатҳои фарҳангӣ, миллӣ ва динӣ мебошанд» [128, с.174].

Дар адабиёти муосир сатҳи зиндагиро одатан бо истифодаи аҳолӣ аз неъматҳои моддӣ, маънавӣ ва дараҷаи қонеъгардонии ниёзҳои онҳо дарк мекунанд. Олими шинохта В.Ф. Майер «сатҳи зиндагӣ»-ро ҳамчун таъминот ё дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо неъматҳои моддӣ ва маънавӣ тавсиф мекунад [79, с. 263].

Асарҳои Ҷ.С. Пиризода ба омӯзиши методологияи истифодаи стандартҳо ва нишондиҳандаҳои байналмилалӣ ҳангоми тавсифи сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои вилояти Хатлон, нобаробарии минтақавӣ дар сатҳи зиндагӣ ва масъалаҳои рафъи камбизоатӣ бахшида шудааст. Ба андешаи ӯ, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ сиёсати даромадро ба куллӣ тағйир бояд дод [147, с. 299-304].

И.А. Смирнова яке аз омилҳои асосӣ ва калидии баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро дар шароити ташаккулёфтаи шуғли самарабахш медонад [154, с. 14-17].

Аммо на дар ҳама таҳқиқоти олимон фарқи байни сатҳ ва сифати зиндагӣ ё умумияти онҳо оварда шудааст.

Сатҳи зиндагӣ на дар алоҳидагӣ, балки дар робита бо ниёзҳои аҳолӣ муҳиммият касб менамояд. Эҳтиёҷот ниёзе мебошад, ки мувофиқи сатҳи фарҳангӣ ва шахсияти фард шакли мушаххас гирифтааст. Дар ин робита маҷмуи ниёзҳои ҳар як шахс гуногун аст: яке ба варзиш машғул мешавад, дигаре не, яке вақти холии худро ба мутолиаи китобҳо ё тамошои намоишҳо дар театр сарф мекунад, дигаре вақти холии худро ба тамошои телевизор ё мусиқӣ ва ғайра сарф мекунад. Баъзеҳо имкони харидани танҳо мошинҳои ватаниро доранд, дигарон барои харидани мошинҳои хориҷӣ талош меварзанд. Дар муайян кардани дараҷаи қонеъгардонии ниёзҳо истеъмоли воқеии мол ва хидматҳо ба меъёрҳои ҳадди ақал ва оқилонаи истеъмоли онҳо вобастагӣ дорад.

Таҳлили сатҳи зиндагӣ бо мазмуни умумии чунин арзишҳо муайян карда мешавад: сабади истеъмолӣ ва арзиши зиндагӣ. Дар маҷмуъ, сатҳи зиндагии як кишвар ё минтақа аз нигоҳи давомнокии миёнаи умри аҳолӣ, миқдори бекорӣ, хароҷоти истеъмолии шахс ва истеъмоли маҳсулоти серғизои асосии озуқаворӣ вобаста аст.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21 декабри соли 2021 қайд намуданд, «дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ва амалисозии стратегияву барномаҳои зикргардида дар зарфи солҳои истиқлолият дар мамлакат беш аз 3,3 миллион ҷойҳои кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, шароити зиндагии сокинони мамлакат тадриҷан беҳтар гардида истодааст.

Аз ҷумла дар ин давра музди миёнаи меҳнат 87 баробар, андозаи нафақа 80 баробар ва даромади пулии аҳолӣ 75 баробар афзоиш ёфт. Дар 30 соли соҳибистиқлолӣ шумораи аҳолии кишвар аз 5,5 миллион то 10,0 миллион нафар, яъне 1,9 баробар зиёд гардидааст» [31, с. 21].

Сатҳи зиндагӣ бояд дар робита бо нишондиҳандаҳои умумии иқтисодӣ, инчунин, нишондиҳандаҳои бо ҳам пайвасткунандаи сатҳҳои умумии иқтисодӣ

ва зиндагӣ – даромади аҳолӣ, талаботи истеъмолкунандагон, савдо, нархҳо, буҷаи давлатӣ ва қарзҳо баррасӣ карда шаванд. Ҳамин тавр, даромади аҳолӣ омилҳои асосии муайянкунандаи сатҳи зиндагӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре ки қайд кардем, ҷузъҳои асосии сатҳи зиндагии аҳолӣ намудҳои алоҳидаи ниёзҳои инсон мебошанд (масалан, ғизо, тандурустӣ, таҳсилот). Маҷмуи ҷузъҳо тамоми соҳаи ниёзҳои инсонро фаро мегирад.

Самарабахшии фаъолияти коргарон, арзиши меҳнат, инчунин, татбиқи он дар меҳнат, яъне истеҳсоли молҳои истеъмолӣ бештар аз сатҳи зиндагӣ вобаста аст. Афзоиш ё коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳосилнокии меҳнат ногузир иқтисодиётро тағйирпазир месозад.

Мафҳуми «сатҳи зиндагӣ»-ро бо назардошти як қатор нишондиҳандаҳои миқдорӣ баррасӣ метавон кард, ки дар байни онҳо нишондиҳандаҳои ҳадди ақалли зиндагӣ ва андозаи сабади истеъмолӣ мавқеи муҳимро касб менамоянд.

Дараҷаи ҳадди ақалли рӯзгор ин сметаи хароҷоти истеъмоли умумии шахс ё оила мебошад, ки он дар асоси сабади ҳадди ақалли истеъмолӣ муайян карда мешавад.

«Сабад» сохтори истеъмол ва хароҷоти камбизоатонро фаро гирифта, дастурҳоро (меъёрҳои ҳадди ақалро) барои зинда мондан аз нигоҳи физиологӣ дар бар мегирад. Худи ин маҷмуа ва дараҷаи ҳадди ақалли зиндагӣ ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар вобаста аст ва он тибқи принсипи тақсимот қабул карда мешавад.

Муҳаққиқи дигар Ҷ. Форрестер принсипи вобастагии баръакси мутаносиби сатҳ ва сифати зиндагиро ба миён гузошт: сатҳи зиндагӣ ҳар қадар баландтар бошад, сифат ҳамон қадар пасттар ва баръакси он мешавад.

Дар айни замон, сифати зиндагӣ маънои сатҳи изтиробро вобаста ба зичии аҳолӣ, сифати ғизо ва дараҷаи ифлосшавии муҳити атрофро дорад, ки дар натиҷа шумораи ҳолатҳои изтиробие, ки сифати зиндагиро паст мекунанд, афзоиш меёбад [68, с. 134].

Яке аз мушкилоти муҳимтарини замони мо тафриқаи назарраси аҳолӣ аз ҷиҳати некуаҳволӣ ва сифати зиндагӣ мебошад, ки рушди иҷтимоию иқтисодии

кишвар ва минтақаҳои онро дар алоҳидагӣ мураккабтар месозад. Раванде, ки дар аксари ҳолатҳо мушоҳида мешавад, ин бозгӯии воқеии даромади аз миёна, миёна ва аз миёна пасттари одамон буда, он ҳар гурӯҳро то андозаи мушаххас нишон намедиҳад, хусусиятҳои сифатиро ошкор намесозад. Ғайр аз ин, дар чунин тақсимот нишондиҳандаҳои фаъолияти иҷтимоӣ, аз ҷумла хусусияти кор, иштирок ва ё иштирок накардан дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, ташкили истироҳат ва ғайра ба назар гирифта намешаванд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар арзёбии ҳамаҷонибаи фарқияти аҳолӣ аз рӯйи сатҳи некуаҳволӣ ва сифати зиндагӣ пешниҳод карда мешавад, ки сатҳҳои асосии некуаҳволӣ ба инобат гирифта шавад (расми 1.3).




**Расми 1.3. Сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Камбизоатии дарозмуддат бояд он гурӯҳи одамонро дар бар гирад, ки даромади онҳо аз ҳадди ақалли зиндагии аҳолӣ камтар бошад, яъне онҳое, ки бо як қатор сабабҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ музди ночиз мегиранд, ки ба ҳадди ақалли зиндагӣ мувофиқат намекунанд ва даромади камтар аз ҳадди ақалли зиндагиро ба муддати дуру дароз мегиранд; ё гурӯҳи одамоне, ки кори доимӣ надоранд ва ё рафтори манфӣ доранд.

Рафтори манфӣ ин рафтори шахс ё гурӯҳест, ки ба меъёрҳои аз ҷониби умум қабулшуда мувофиқат накарда, дар натиҷа ин меъёрҳо аз ҷониби онҳо вайрон

карда мешаванд. Шаклҳои асосии рафтори манфӣ одатан ҷинояткорӣ, аз ҷумла нашъамандӣ, мастӣ ва худкушӣ мебошанд.

Ҷузъи сеюми сатҳи зиндагии аҳолӣ тарзи зиндагӣ намудан аст. Ба андешаи Бесутужев-Лада дар фаҳмиши «тарзи ҳаёт» чунин мафҳумҳо, ба монанди сатҳи зиндагӣ, сифати зиндагӣ, тарзи ҳаёт муттаҳид карда мешаванд [114, с. 20].

Ӯ «тарзи ҳаёт»-ро ҳамчун воситаи ҳаёти солим муайян мекунад, ки ба ягонагӣ такя дошта, бо мафҳумҳои сатҳ, сифат ва тарзи ҳаёт тавсиф мешавад. Аксар вақт муродифоти луғавии ифодагари «сатҳи зиндагӣ» бо шаклҳои гуногун истифода мешаванд: сатҳи зиндагӣ, тарзи зиндагӣ, сифати зиндагӣ, тарзи ҳаёт, ҳаёти солим ва ғ.

Моҳиятан таснифи ҷузъи «сатҳи саломатӣ ва дарозумрии аҳолӣ» ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии сохтории сифати зиндагӣ ба шумор рафта, дар амалияи ҷаҳонӣ сатҳ ва нигаҳдории саломатӣ, дарозии умр мавқеи аввалиндараҷаро ҳамчун талаботи асосии мавҷудияти инсон, шарти асосии пешрафти ҳаёти ӯ касб менамояд.

Омилҳои асосии бозгӯи сифати зиндагии аҳолии минтақа ба дараҷаи фарқият аз рӯйи тағйирёбандаҳои иҷтимоию демографӣ (аз ҷумла таносуби «камбизоатии дарозмуддат»), сатҳи фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, дараҷаи ташаннуҷи иҷтимоӣ, сатҳи рушди соҳаи иҷтимоӣ, мураккабии вазъи экологӣ алоқаманд аст. Ба ақидаи муаллиф тавсифоти хусусияти сифатии ҳаёти аҳолӣ, «сифати зиндагӣ» яке аз омилҳои асосии сохтори ҷамъиятӣ ва шарти зиндагии одамон мебошад, бинобар ин, он аз нуқтаи назари психологияи иҷтимоӣ ва фалсафа, иқтисод, фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар шарҳ дода мешавад.

Аммо, бо назардошти он ки сифати зиндагӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва экологӣ дар рушди минтақаҳо ташаккул меёбад, унсурҳои сохтории он нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ба сатҳи татбиқи ниёзҳои инсон, дараҷаи қаноатмандии ӯ аз амалисозии нақшаҳои ҳаёташ, ки бо стандартҳои қабулшудаи иҷтимоӣ ва потенсиали захиравии қаламрав алоқаманд аст, вобастагӣ дорад. Дар натиҷаи ин ҷараёни мураккаб омилҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ ба ташаккули сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири

ҳалкунанда мерасонанд, ки аҳаммияти баррасии моҳияти ин мафҳумро аз нуқтаи назари ҷанбаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад.

Дар айни замон, «сатҳи зиндагии аҳолии минтақа», аз як тараф, ҳолати кунунии шахсро инъикос мекунад, аз тарафи дигар, он бо маҷмуи хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки барои таъмин кардан заруранд, ба монанди шароити муқаррарии зиндагӣ барои шахс ва дар маҷмуъ, ҷомеа бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ тавсиф карда мешавад.

Дар асоси ин мо метавонем таърифи зеринро дар ифодаи мафҳуми мазкур пешниҳод намоем: "сатҳи зиндагии аҳолии минтақа як хусусияти мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти аҳолӣ мебошад, ки дараҷаи қаноатмандии ниёзҳои ҳаётро (маънавӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, экологӣ ва демографӣ) инъикос намуда, бо низоми нишондиҳандаҳои муайян, аз ҷумла сатҳи камбизоатии дарозмуддат ва мувофиқати шароити зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои қабулшуда тавсиф мешавад».

Дар асоси таҳқиқи моҳияти сатҳи зиндагии аҳолии минтақа ҳамчун як хусусияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ як қатор хусусиятҳои хоси онро муайян метавон кард. Умуман, муносибати байни мафҳуми «дараҷаи зиндагӣ» ва «сифати зиндагӣ»-ро дар расми 1.4. бо пуррагӣ шарҳ додаем.




**Расми 1.4. Муносибати байни сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Сатҳи зиндагӣ хусусияти ҷудонашавандаи сатҳи рушд ва қонеъ гардонидани талаботи одамон мебошад, ки бо стандартҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои захиравии ҷомеа вобастагӣ доранд.

Тавсифоти хусусияти сатҳи зиндагии аҳолӣ дар мафҳуми «сатҳи зиндагӣ» яке аз омилҳои асосии сохтори ҷамъиятӣ ва шарти асосии зиндагии одамон мебошад, бинобар ин, он аз нуқтаи назари психологияи иҷтимоӣ, фалсафа, иқтисодиёт, фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар шарҳ дода мешавад. Аммо, бо назардошти он ки сатҳи зиндагӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва экологӣ вобаста ба рушди минтақаҳо ташаккул меёбад, унсурҳои сохтории он нишондиҳандаҳое мебошанд, ки сатҳи татбиқи ниёзҳои инсон, дараҷаи қаноатмандии ӯ аз амалисозии нақшаҳои ҳаёташро, ки бо стандартҳои қабулшудаи иҷтимоӣ ва потенсиали захиравии қаламрав алоқаманд аст, акс менамояд.

Дар натиҷаи ин раванд омилҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ ба ташаккули сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд, ки аҳаммияти баррасии моҳияти ин мафҳумро аз нуқтаи назари ҷанбаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад.

### Хулосаи зербоби 1.1.

Умуман, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар айни замон, «сатҳи зиндагии аҳолии минтақа», аз як тараф, вазъи кунунии шахсро инъикос намуда, аз тарафи дигар, он бо маҷмуи хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки барои таъминоти рӯзмарра заруранд, инчунин, шароити муқаррарии зиндагӣ барои шахс ва дар маҷмуъ, ҷомеа бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ тавсиф карда мешавад. Дар асоси ин нуктаҳои муҳимми илмӣ мо метавонем таърифи зерини ин мафҳуми иқтисодиро пешниҳод намоем: «Сатҳи зиндагии аҳолии минтақа як хусусияти мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти аҳолӣ мебошад, ки дараҷаи қаноатмандии фардро аз талаботи зиндагӣ (маънавӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, экологӣ ва демографӣ) инъикос намуда, он бо низоми нишондиҳандаҳои муайян, аз ҷумла сатҳи камбизоатии дарозмуддат ва мувофиқати шароити зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳои қабулшуда тавсиф карда мешавад».

Тавассути таҳқиқи моҳияти сатҳи зиндагии аҳолии минтақа ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ як қатор хусусиятҳои хоси онро муайян метавон кард.

Аввалан, сатҳи зиндагии аҳолии як минтақа мафҳуми васеъҳаҷми фарогири сатҳи зиндагӣ, хусусиятҳои хоси шароити зиндагӣ ва сатҳи камбизоатии дарозмуддати аҳолӣ вобаста ба шароити мавҷудаи минтақаи баррасишаванда мебошад.

Дувум, ҳангоми арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии минтақа ду нуктаи муҳим ба назар гирифта мешавад: баҳодиҳии объективӣ (дараҷаи қаноатмандӣ аз талаботи зиндагӣ аз нигоҳи стандартҳои қабулшуда) ва баҳои субъективӣ (дараҷаи қаноатмандӣ аз талаботи ҳаёт аз рӯйи эҳтиёҷот ва манфиатҳои шахсӣ).

Сеюм, муҳимтарин хусусияти сатҳи зиндагии аҳолии минтақа ин нишондиҳандаи камбизоатии дарозмуддат буда, он ба ҳиссаи сокиноне алоқамандӣ дорад, ки имкониятҳои воқеии қонеъ кардани ниёзҳои моддию маънавиро дар давраи муайян ба сатҳи барои минтақа қабулшуда надоранд. Дар ин замина сатҳи камбизоатии дарозмуддат бозгӯи вазъи иқтисодиву маънавии ҷомеа буда, вобаста ба дараҷаи сатҳи камбизоатии шадид он ба сустшавии такрористеҳсолкунии манбаъҳои сифатии меҳнат, бад шудани ҳавасмандгардониҳо оварда мерасонад ва дар натиҷа, коҳиши суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ дар минтақа ба миён меояд.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса метавон омад, ки муҳаққиқони ватанию хориҷӣ арзёбии васеътари шароити зиндагии аҳолӣ, аз ҷумла омилҳои зерин озодии интихоб, ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва амнияти ҷомеаро пешниҳод кардаанд.

### 1.2. Омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сифати зиндагӣ

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол баррасӣ ва бозгӯии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва омилҳои муайянкунандаи ташаккули он аз нигоҳи илмӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳалли ин мушкилот сиёсати муайяни аз ҷониби давлат таҳияшударо талаб мекунад, ки дар нуқтаи маркази

он шахс, некуаҳволӣ, саломатии аҳли ҷомеа ва вазъи иҷтимоии ӯ меистад. Бо дарназардошти ин нуқтаҳои муҳим он дигаргуниҳое, ки ба ин ё он тарз метавонанд ба тағйирёбии сатҳи зиндагӣ оварда расонанд, барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Ҳангоми муайян кардани сатҳи зиндагӣ ду намуди нишондиҳандаҳо фарқ карда мешаванд: объективӣ ва субъективӣ.

- нишондиҳандаҳои объективии сатҳи зиндагӣ: табиӣ ва иҷтимоӣ.
- нишондиҳандаҳои субъективии сатҳи зиндагӣ: маърифатӣ (баҳодиҳии қаноатмандии умумӣ аз зиндагӣ ва арзёбии қаноатмандӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт) ва эмотсионалӣ.

Илова бар ин нишондиҳандаҳо, инчунин, якчанд нишондиҳанда мавҷуданд, ки онҳоро аз рӯйи як қатор хусусиятҳо гурӯҳбандӣ метавон кард:

– нишондиҳандаҳои макро: истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), маҷмуи маҳсулоти миллӣ (МММ) ё маҳсулоти софи миллӣ (МСМ) ба ҳар сари аҳолӣ; даромади номиналӣ ва воқеии аҳолӣ; нишондиҳандаҳои демографӣ; давомнокии ҳафтаи корӣ; вақти холӣ; сатҳи таваррум ва ғайра;

– нишондиҳандаҳои микро, ки қонеъгардонии ниёзҳои аввалияро дар доираи як шахс ё оила тавсиф мекунанд.

Вобаста ба хусусияти моҳияти категорияи «сатҳи зиндагӣ» таснифоти он чунин аст:

– мустақим, тавсифкунандаи сатҳи зиндагӣ бевосита, мустақиман, масалан, сатҳи истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ва ғ.;

– ғайримустақим, ки сатҳи зиндагиро бавосита, ғайримустақим инъикос мекунанд, масалан, нишондиҳандаҳои демографӣ.

Вобаста ба хусусияти ҳисобу китоб:

– сатҳ (арзишҳои мутлақ);

– сохторӣ (ҷузъҳои нишондиҳандаҳои дараҷавӣ);

–динамикӣ (нисбӣ, тавсифкунандаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои сатҳӣ).

Вобаста ба навъи талабот, ки қонеъгардонии онҳо бо ин ё он нишондиҳанда тавсиф карда мешавад. Се гурӯҳи асосии талабот мавҷуданд:

– талаботи ҷисмонӣ (хӯрок, манзил, истироҳат);

– талаботи маънавӣ (зеҳнӣ): имконияти боздид аз театрҳо, осорхона, кинотеатр, тарабхонаҳо ва иштирок дар дигар чорабиниҳои фарҳангӣ;

– эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ин талабот ба дониш, фаъолият ба манфиати ҷомеа мебошад.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳои гуногун бо хусусиятҳои хос фарқ карда мешаванд, ки бо ёрии онҳо сатҳи зиндагиро ба таври муфассал метавон тавсиф кард. Сатҳи зиндагӣ мустақиман ва бавосита аз омезиши омилҳои гуногун дар ҷомеа вобаста аст.

Ба сатҳи сифати зиндагӣ ба ин ё он дараҷа вазъи демографӣ, шароити кор ва зиндагӣ, ҳаҷм ва сифати молҳои истеъмолӣ метавонад таъсир расонад. Дар асоси назарияҳои мустаҳками илмӣ омилҳои муҳимтарини онро ба гурӯҳҳои зерин метавон ҷудо намуд:

Гурӯҳи якум аз харҷномаҳо дар асоси маълумоти оморӣ иборат аст.

Гурӯҳи дуюм аз арзёбиҳо дар асоси назарсанҷӣ иборат аст.

Интихоби нишондиҳандаҳои оморӣ ва иҷтимоӣ ба моҳияти унсурҳои асосии сифат ва сатҳи зиндагӣ асос ёфтааст.

Ҷузъи муҳимтарини баҳодиҳии сатҳи зиндагӣ муайян кардани сатҳи қаноатмандии аҳолӣ аз динамикаи тағйироти иҷтимоию иқтисодии маҳалли аҳолинишин (сифати ёрии тиббию профилактикӣ, фаъолияти меҳнатӣ, хидматрасонии фароғатӣ, амнияти экологӣ ва шаҳрвандӣ ва ғ.) иборат мебошад. Аз ин ҷиҳат, идоракунии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа дар баробари истифодаи низоми нишондиҳандаҳои оморӣ, таҳия ва истифодаи маҷмуи нишондиҳандаҳои иҷтимоиро, ки дар ҷараёни гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ ба даст оварда шудаанд, дар бар мегирад.

Омӯзиши сатҳи зиндагии аҳолӣ ба назар гирифтани меъёрҳоро ба низоми асоснокии илмӣ ва мушоҳидаи мунтазам, муташаккилона талаб менамояд.

Омилҳое, ки бевосита сатҳи зиндагии аҳолиро муайян мекунанд, ба панҷ гурӯҳ тақсим карда мешаванд: – омилҳои сиёсӣ; – омилҳои иқтисодӣ; – омилҳои иҷтимоӣ; – пешрафти илмӣ-техникӣ; – омилҳои экологӣ.




**Расми 1.5. Гурӯҳҳои асосии нишондиҳандаи сатҳи зиндагӣ**
**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Омилҳои сиёсӣ аз сохтори давлатдорӣ, муносибати он бо кишварҳои абарқудрат, таҳримҳо нисбати кишвар, татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва ғайра вобаста аст.

Омилҳои иқтисодӣ бошад, сатҳи даромади аҳолӣ, сатҳи инкишофи соҳаҳои саноату хизматрасонӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, рақобатпазирии кишвар ва дигар хусусияти сохтори иқтисодии кишварро дар бар мегирад.

Омилҳои иҷтимоӣ бо имконияти буҷети давлатӣ дар самти хароҷот ба соҳаҳои иҷтимоӣ, сатҳу сифати зиндагӣ, урфу одати мардум, сохтори истеъмолии мардум, саломатию дарозумрӣ ва низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва барномаҳои иҷтимоии татбиқшаванда алоқаманд аст.

Омилҳои илмӣ-техникӣ, албатта, дар шароити муосир сатҳу сифати зиндагиро муайян менамоянд, ки он сатҳи истифодаи техникаву технологияҳои муосир, навоварию ихтироот ва дигар нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад.

Омилҳои экологӣ бошад, бевосита ба ҳосилнокии замин ва зироатҳо таъсир расонида, хушксоливу офатҳои гуногуни табиӣ метавонад ба ҷамъоварии ҳосил ва амнияти озуқаворӣ таъсир расонад.

Омори байналмилалӣ оид ба сатҳи зиндагӣ гурӯҳҳои асосии нишондиҳандаҳоеро фаро мегирад.

Низоми нишондиҳандаҳои «Сатҳи зиндагӣ» аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 мавриди амал қарор гирифтааст, ки он аз нишондиҳандаҳои зерин иборат мебошад:

1. Музди меҳнати миёнаи кормандон.

2. Қобилияти харидории аҳолӣ бо музди миёнаи меҳнат ва нафақа.

3. Буҷаи ҳадди ақалли истеъмолӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ.

4. Дараҷаи ҳадди ақалли зиндагӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ.

5. Шумора ва ҳиссаи аҳолии дорои даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ аз буҷаи ҳадди ақалли истеъмолӣ ва ҳадди ақалли рӯзгузаронӣ.

6. Истеъмоли ғизо дар хонаводаҳое, ки сатҳи гуногуни даромад ба ҳар сари аҳолиро доранд.

7. Даромади пулӣ ва хароҷоти гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоию демографии аҳолӣ.

8. Нишондиҳандаҳои фарқияти аҳолӣ.

9. Таносуби даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ 10% аз ҳама бештар ва 10% аз ҳама табақаи камбизоати аҳолиро ташкил медиҳад.

10. Индекси тағйирпазирии даромади аҳолӣ (коэффитсиенти Ҷини).

11. Сохтори хароҷоти истеъмолии гурӯҳҳои иҷтимоию демографии аҳолӣ.

12. Тақсимоти аҳолӣ аз рӯйи даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ.

Музди меҳнати ҳармоҳаи номиналии меҳнат, ки ба кормандони кироякор пардохта шудааст, дар соли 2021 1540,84 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 10,5% зиёд шудааст [1, с. 86].

Таҳлили меъёрҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвари мо ва давлатҳои хориҷа нишон медиҳад, ки сифати зиндагӣ, инчунин, бо нишондиҳандаҳое тавсиф карда мешавад, ки на танҳо сатҳ, балки шароити зиндагиро низ муайян мекунанд:

1. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ (динамикаи истеҳсолоти саноатӣ, таваррум, музди меҳнати аҳолии шуғлнок).

2. Манзил, инфрасохтори иҷтимоӣ.

3. Вазъи саломатии аҳолӣ.

4. Ҳолати муҳити зист.

5. Норасоиҳои иҷтимоӣ (ҷинояткорӣ, нашъамандӣ).

Ин хусусиятҳои асосии мафҳуми «сифат»-и зиндагӣ аз гуногунии нишондиҳандаҳо вобаста аст. Нуқтаи охирин метавонад унсури алоҳидаи сифати зиндагӣ ё тамоми маҷмуаро тавсиф кунад. Ба қатори нишондиҳандаҳои асосӣ метавон инҳоро дохил намуд:

1. Хароҷот барои истеъмоли ниҳоӣ;

2. Ҳадди миёнаи даромади пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ;

3. Даромад аз фаъолияти меҳнатӣ ва иқтисодии хонаводаҳо;

4. Ҳиссаи амонатгузориҳо дар хароҷоти аҳолӣ;

5. Хариди асъор;

6. Хариди коғазҳои қиматнок;

7. Амволи ғайриманқул;

8. Замин барои истифодаи фардӣ;

9. Мавҷудияти мошинҳо бо ҳисоби 100 оила;

10. Захираҳои якдафъаинаи хонаводаҳо;

11 Ҳадди ақалли музди меҳнат;

12. Ҳадди ақалли нафақа;

13. Буҷаи ҳадди ақалли истеъмолкунандагон;

14. Коэффитсиенти тафриқаи детсилӣ;

15. Таносуби маблағҳо;

16. Таносуби тағйирпазирии даромад (коэффитсиенти Ҷини);

17. Таносуби ҳиссаи хароҷот барои хӯрок вобаста ба гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ.

Арзишҳои зиндагӣ:

1. Индекси нархҳои молҳои истеъмолӣ;

2. Арзиши ҳама намудҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла хадамоти манзилӣ, коммуналӣ ва хизматрасониҳо дар бахши иҷтимоӣ;

3. Музди меҳнат.

Истеъмоли аҳолӣ:

1. Хароҷот ва пасандоз;

2. Истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ;

3. Арзиши қувватнокӣ ва ғизоии маҳсулот.

Нишондиҳандаҳои асосии зиндагии аҳолӣ:

1. Таносуби даромад ва хароҷот;

2. Таносуби даромад ба ҳар сари аҳолӣ ва музди меҳнат;

3. Маблағи қисми шартан озоди даромади ихтиёрӣ;

4. Сатҳи камбизоатӣ;

5. Ҷараёни камбизоатӣ;

Аҳолие, ки даромадашон аз сатҳи зиндагӣ камтар аст. Таъмин ва фарогирии аҳолӣ бо иншооти инфрасохторӣ ва воситаҳои техникии соҳаи иҷтимоии соҳавӣ:

1. Шумораи корхонаҳои хизматрасонии маишӣ;

2. Шумораи муассисаҳои таълимӣ;

3. Шумораи донишҷӯён;

4. Шумораи кормандони тиб;

5. Шумораи муассисаҳои фарҳангӣ ва ташкилотҳои фароғатӣ. Нишондиҳандаҳои демографӣ:

1. Шумораи аҳолии доимӣ;

2. Синну сол ва таркиби ҷинсии аҳолӣ;

3. Коэффитсиенти умумии таваллуд;

4. Давомнокии умр;

5. Сатҳи умумии фавт;

6. Сатҳи издивоҷ;

7. Шумораи хонаводаҳо.

Марҳилаи муҳимми стратегии сиёсати иҷтимоӣ ҳавасмандкунии умумиҷаҳонӣ дар фаъолияти иқтисодии инсон ин фароҳам овардани шароит барои зуҳури ташаббус, қувва, қобилият барои таъмини сатҳи зиндагии шоистаи шахс мебошад. Гузаронидани чунин амалиёти стратегӣ тағйироти куллии шуури ҷамъиятӣ ва низоми муқарраршудаи арзишҳоро талаб мекунад.

Яке аз нишондиҳандаи муҳим дар шароити имрӯза ин сатҳи камбизоатӣ дар кишвар мебошад, ки аз он мо метавонем сифати зиндагии аҳолиро дар маҷмуъ арзёбӣ намоем.

Нишондиҳандаҳои гуногуни баҳодиҳии сифат ва сатҳи зиндагии аҳолиро омӯхта, мо метавонем қаблан хулоса барорем, ки яке аз хусусиятҳои иқтисодиёти Тоҷикистон тафриқаи назарраси даромади аҳолӣ, тақсимоти ҷомеа ба гурӯҳҳои камбизоатон ва дороён мебошад. Афзоиши тафриқаи даромадҳо ба таври объективӣ пайдоиши масоили камбизоатиро муайян мекунад.

Ба ақидаи Р.Р. Аҳмадов, камбизоатон бояд касонеро дар бар гиранд, ки «барои хариди ғизо, иштирок дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва таъмини шароити зиндагии муносиб манбаи кофӣ надоранд» [162, с. 22].

Дар даҳсолаҳои охир мушкилоти шадидтарини соҳаи даромад, ки устувории ҷомеа бештар аз он вобаста аст, ин афзоиши миқёси камбизоатӣ ва фарқияти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мебошад.

Тадқиқоти умдаи мансуб ба мушкилоти камбизоатиро дар соҳа аввал Бенҷамин Сиб Ронтри анҷом додааст, дар корҳои ин олими шинохта таърифи расмии камбизоатӣ пешниҳод гардида, дар асоси он ӯ мафҳуми сабади маҳсулотро низ ҷорӣ кардааст. Ба андешаи олими мазкур, ҳар касе, ки имкони харидани ин сабади хӯроквориро надошт, камбизоат ҳисоб мешуд.

Камбизоатӣ, инчунин, аз ҳисоби аҳолии қобили меҳнат, ки муддати тӯлонӣ музди меҳнат гирифта, такрористеҳсоли қувваи корӣ ва нигоҳубини шахсони ниёзманди ҷомеаро таъмин намекунад, зиёд мегардад.

Дар давраи пеш аз инқилоб ва дар нимаи аввали солҳои 20-уми садаи XX садҳо тадқиқот бевосита ба проблемаи камбизоатӣ бахшида шудаанд. Аммо, дар тӯли солҳои 70-ум (аз солҳои 20-ум то охири солҳои 80-ум) камбизоатӣ ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ муҳокима ва омӯхта нашудааст. Дар ин давра тамоми ҷанбаҳои мушкилоти камбизоатӣ дар зери мафҳуми «гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ» нокушода боқӣ мондааст. Дар ин давра расман чунин мешумориданд, ки таъмини эҳтиёҷоти «оқилонаи» қисми зиёди аҳолӣ дар замони сотсиализм аллакай ба даст омадааст [113, с. 30-38].

Дар замони шуравӣ аксари иқтисоддонҳо ва сиёсатмадорон камбизоатонро ҳамон оилаҳое меномиданд, ки даромади онҳо аз сатҳи миёнаи таъминоти моддии дар кишвар бадастомада хеле қафо мондааст ва ин олимон камбизоатиро як категорияи нисбӣ мефаҳмиданд.

Камбизоатӣ ҳолати мавҷуд набудани манбаъҳои зарурӣ барои таъмини тарзи муносиби зиндагӣ мебошад, ки дар ин ҳолати мушаххас қобили қабул аст. Байни камбизоатии муваққатӣ ва бардавом бояд фарқ гузошта шавад. Камбизоатии бардавом вазъияте мебошад, ки дар он гурӯҳҳо ё минтақаҳои муайян маҳдуд шудаанд, яъне якчанд насли одамон наметавонанд омилу сабабҳои камбизоатии бавуҷудовардашударо бартараф кунанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ се мафҳуми асосии таърифи камбизоатӣ мавҷуданд: мутлақ, нисбӣ ва субъективӣ (нигаред ба расми 1.6)

| Мутлақ | Нисбӣ | Субъективӣ |
| --- | --- | --- |
| Бо муайян кардани дараҷаи ҳадди ақалли зиндагӣ нигаронидашуда | Камбизоат онест, ки даромадаш имкон намедиҳад зиндагиаш тибқи стандартҳои истеъмолӣ, иҷтимоӣ эътироф карда шавад. | Одамоне, ки дар равандҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, ба суоли он ки онҳо ба қатори камбизоатон шомиланд ё не посух дода метавонанд. |

**Расми 1.6. Консепсияи камбизоатӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Камбизоатии муваққатӣ ин ҳолати барқароршаванда аст, ки бо марҳилаҳои муайяни давраи зиндагии оила ё бо тағйирёбии мавсимӣ ё бо ҳолатҳои фавқулода (аз даст додани ҷойи кор, маъюбии муваққатӣ) алоқаманд мебошад. Камбизоатии тӯлонӣ аз намудҳои дар боло зикршудаи камбизоатӣ маҳз бо он фарқ мекунад,

ки гурӯҳи одамон даромади камтар аз сатҳи зиндагии худро дошта, музди кам ё даромади муайяни нокифояро муддати дароз мегиранд.

1. Мафҳуми мутлақи камбизоатӣ чунин мебошад:

- муайян кардани ҳадди ақалли «сабади истеъмолӣ» ва бозгӯии он дар асоси чараёни камбизоатӣ, яъне ҳадди ақалли рӯзгор, ки арзиши харҷномаи ин сабадро ифода мекунад.

- муайян кардани дараҷаи захираҳои мавҷудаи моддӣ, ки онҳо дар асоси ҳадди ақалли «сабади истеъмолӣ» муқоиса карда мешаванд.

2. Барои муайян кардани раванди камбизоатӣ дар доираи консепсияи нисбӣ усулҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- оморе, ки тавсифи «камбизоатӣ»-ро ҳамчун категорияи нисбии маълумоти оморӣ пешбинӣ мекунад;

- меъёре, ки дар он муайян кардани ҳадди ақалли рӯзгор тибқи сабади истеъмолӣ сурат мегирад;

- усули якҷоя, ки дар асоси он озуқаворӣ тибқи стандартҳо ва боқимонда - аз рӯйи ҳисса дар хароҷоти умумӣ муайян карда мешаванд;

- захира, ки ба имкониятҳои иқтисодиёт дар таъмини музди меҳнат ва ғайра асос ёфтааст.




**Расми 1.7. Навъҳои камбизоатӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз ин рӯ, камбизоатии мутлақро нишонаҳои биологӣ (физиологӣ) ва камбизоатии нисбиро нишонаҳои иҷтимоӣ тавсиф мекунанд. Дар маҷмуъ, шаклҳои зерини камбизоатӣ фарқ карда мешаванд: ибтидоӣ, миёна, устувор ва шинокунанда, ки мо онро дар расми 1.7. дида мебароем. Агар ба воқеияти амалӣ назар дӯзем, метавон хулоса намуд, ки камбизоатии аввалия, пеш аз ҳама, бо мафҳуми «камбағалони нав» ифода ёфта, доираи зиёиёни бахши гуманитарӣ ва техникиро фаро мегирад. Камбизоатии дуюмдараҷа асосан омилаҳоеро дар бар мегирад, ки аъзои онҳо нӯшокиҳои спиртиро суиистифода мекунанд.

Сатҳи пасти таъминоти моддӣ ба бад шудани вазъи саломатӣ, сатҳи маълумот, имконнопазирии баланд бардоштани дараҷаи касбият дахл дошта, он дар ниҳояти кор, ба таназзул оварда мерасонад. Волидони камбизоат фарзандони камбизоат доранд, ки инро омилҳои асосии зиндагӣ муайян мекунанд.

Олими соҳа Ҷ.Ҳ. Тағоев ду намуди камбизоатиро фарқ мекунад – камбизоатии иҷтимоӣ ва камбизоатии иқтисодӣ. Ин навъҳои камбизоатӣ ба шаклҳои “заиф”, дувумӣ ба коргарони “қавӣ” ишора мекунад. Камбизоатии “заиф” ин камбизоатии маъюбон ва беморон, шахсони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва равонӣ ноустувор, инчунин, коргароне мебошанд, ки маҷбуранд бори гарони зиндагиро бар дӯш гиранд (саробони оилаҳои серфарзанд ва ғ.). Онро камбизоатии иҷтимоӣ номидан мумкин аст. Камбизоатии “қавӣ” дар шароити фавқулода ба вуҷуд меояд, вақте коргарони комилҳуқуқ қодиранд даромад ба даст оранд ва сатҳи зиндагии “муқаррарӣ”-ро таъмин кунад, худро дар ҳолате қарор медиҳанд, ки наметавонанд онҳоро таъмин кунанд. Камбизоатии “қавӣ”-ро метавон чун камбизоатии иқтисодӣ маънидод кард.

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон натиҷагирӣ кард, ки камбизоатии иҷтимоӣ музмин аст. Агар шахсе маъюб бошад, нуқси ҷисмонӣ ё руҳӣ дошта бошад, пас дар зиндагӣ муваффақ шудананаш қариб ғайриимкон аст. Камбизоатии иқтисодӣ барои коргарони қобили кори дар бухрон гирифторшуда ё вазъияте, ки вобаста ба ислоҳоти соҳаҳои дахлдор ба вуҷуд омадааст, хос аст (масалан, дар фаъолияти омӯзгорон ва кормандони соҳаи тандурустӣ).

Хусусияти хоси ҷомеаи муосир дар он аст, ки камбизоатии «заиф» дар мамлакати мо бо камбизоатии «қавӣ» омехта карда мешавад. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷомеашиносон дараҷаҳои (сатҳҳои) камбизоатии зеринро муайян карданд:

1. Сатҳи пасти даромад: вақте ки одамон наметавонанд як ё ду талаботи асосии худро дар зиндагӣ қонеъ гардонанд.

2. Сатҳи камбизоатӣ: вақте ки 3-4 номгӯи талаботи заруриро қонеъ кардан ғайриимкон аст.

3. Сатҳи маҳрумият: вақте ки одамон 5 ё зиёда талаботро қонеъ карда наметавонанд.

4. Сатҳи камбизоатии амиқ ва ноумедкунанда, ки дар он одамон аксари имтиёзҳои номбаршударо ба даст оварда наметавонанд.

Вазифаи асосӣ дар омӯзиши миқдории камбизоатӣ муайян кардани он оилаҳое мебошад, ки камбизоатанд, яъне даромади камтар аз хатти камбизоатӣ дошта бошанд (хатти камбизоатӣ сатҳи даромади ҳар сари аҳолӣ мебошад, ки оиларо расман вобаста ба синну сол ва шумораи аъзои он камбизоат меҳисобад).

Мафҳумҳои асосии марбут ба мушкилоти камбизоатӣ чунин мебошанд:

Хатти камбизоатӣ як «сабади истеъмолӣ» мебошад, ки риоя нашудани он имкон медиҳад хонавода ба табақаи камбизоати аҳолӣ дохил карда шавад.

Хатти камбизоатӣ аслан ҷараёни зинда мондан аст ва он пас аз камбизоатӣ қарор дорад.

Фарқияти камбизоатӣ ин ченаки маҷмуии умқи камбизоатӣ мебошад, ки бо миқдори захираҳо барои рафъи хатти камбизоатӣ чен карда мешавад. Бозгӯии дараҷаи камбизоатӣ хароҷоти ҳадди ақал барои решакан кардани он мебошад. Муайянсозии дараҷаи миёнаи камбизоатӣ нишондиҳандаи он ба сари аҳолӣ мебошад ва он аз рӯйи миқдори камбизоатон мушаххас карда мешавад.

Ташаккули камбизоатӣ − паҳншавии онро дар миёни як гурӯҳи муайяни аҳолӣ тавсиф мекунад ва ҳиссаи камбизоатонро дар ин гурӯҳ нишон медиҳад. Камбизоатӣ бевосита ба тақсимоти нобаробарии даромад ва амвол алоқаманд аст. Он дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ нобаробар аст, яъне байни аҳолии

шаҳр ва деҳот дар минтақаҳои гуногуни ҳудудӣ ва табиӣ-иқлимӣ, инчунин, миёни қишрҳои мухталифи аҳолӣ гуногун буда метавонад.

Сатҳи дигари зиндагии аҳолӣ пас аз камбизоатӣ, қашшоқӣ аст. Камбизоатӣ сатҳи нодории одамонро, ки дар дараҷаи пасти физиологӣ зиндагӣ мекунанд, муайян мекунад.

Камбизоатии аҳолии қобили меҳнат боиси тамоман набудани таваҷҷуҳ ба кор мегардад ва он дар сурати 2-3 ҷойи корӣ доштан манфиатовар буда наметавонад. Дар айни замон, нархи хӯрокворӣ, хоҷагии манзилӣ ва коммуналӣ мунтазам меафзояд ва аксаран музди меҳнат бетағйир боқӣ мондаанд [1, с. 61-64].

Дар ҷараёни ислоҳот фарқияти даромади аҳолӣ, табақабандии амвол ва сатҳи зиндагии аҳолӣ якбора афзоиш ёфт. Гурӯҳи одамони дорои сарвати хуб аз рӯйи меъёрҳои ғарбӣ дар ҷомеа арзи ҳастӣ менамоянд. Дар баробари ин, сафи камбизоатон низ меафзояд. Гузашта аз ин, онҳо на танҳо бекорон, маъюбон, балки як қисми аҳолии қобили меҳнатро низ вобаста ба қобилияти онҳо (ба истилоҳ «камбағалони нав») дар бар мегиранд.

Нишондиҳандаи камбизоатии дарозмуддатро метавон ҳамчун арзиши нисбии муайянкарда бо формулаи зерин таҳлил кард:

К.Д. = Nn.pt / Bh * 100%,

ки дар инҷо:

К.Д. - нишондиҳандаи «камбизоатии доимӣ»,

Nn.pt − шумораи одамоне, ки муддати тӯлонӣ аз зиндагӣ камтар даромад мегиранд,

Vn − шумораи даромади аҳолӣ.

Дар асоси ин метавон хусусиятҳои дарозмуддати камбизоатиро, ки ба минтақаҳои алоҳида хос буданд, дар марҳилаи ҳозира тавсиф намуд. Дар асоси як пурсиши сотсиологии аҳолии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон маълум шуд, ки хусусияти аввал паҳншавии камбизоатии дарозмуддат на танҳо дар байни бекорон, балки дар байни аҳолии қобили меҳнат мебошад, ки манбаи асосии даромади онҳо музди меҳнат аст.

Хусусияти дуюм ба муддати тӯлонӣ даромади хеле паст гирифтан ё набудани он вобаста аст, ки он боиси пайдоиши талаботи муҳимми ҳаётӣ гардида, ин тоифа намехоҳад ба ҳалли мушкилоти ҷамъшудаи иҷтимоию иқтисодӣ иқдом гиранд ва рӯ овардани одамон ба амалҳои манфии девиантӣ низ ин омилҳоро ба миён меорад.

Хусусияти сеюм афзоиши шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол дар байни одамоне мебошад, ки даромади онҳо аз ҳисоби миёна камтар аст.

Хусусияти чорум таъсири манфии камбизоатии дарозмуддат ба сармояи инсонӣ мебошад, ки ба зуҳур намудани тамоюли коҳиши такрористеҳсоли қувваи кории босифат, бад шудани ҳавасмандӣ барои кори пурсамар мусоидат мекунад.

Ин хусусият бо нобаробарии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳо боз ҳам мушкилтар гашта, на танҳо ба фарқияти ҳудудӣ, балки маҳрумияти иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад. Дар ниҳоят, ин зарурати ба назар гирифтани сатҳи камбизоатии дарозмуддатро ҳангоми баҳодиҳии асимметрияи ҳудудии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, бахусус деҳот ба миён меорад.

Асоси ҳамаи равияҳоро ба рушди ҳудудҳои деҳот дастгирии давлатӣ ташкил медиҳад. Мутахассиси соҳа О.И. Пантелеева ду консепсияи пойгоҳии дастгирии давлатии рушди деҳотро ҷудо намудааст [146, с. 52-57].

1. Равише, ки хоси Иттиҳоди Аврупост (бо қарори Комиссияи аврупоӣ таҳти №1698/2005 аз 20 сентябри соли 2005 қабул шудааст), ки ба вобастакунии ҷиддии шароитҳо ва механизмҳои дастгирии давлатӣ асос ёфтааст.

Дар асоси қарори зикршуда аз Фонди кишоварзии аврупоӣ барои рушди деҳот маблағгузории зиёда аз 30 чорабинӣ оид ба рушди ҳудудҳои деҳот амалӣ мешавад.

Ҳар як мамлакат - узви Иттиҳод барои ин ки аз ин дастгирии молиявӣ баҳравар шавад, бояд барномаи рушди ҳудудҳои деҳоти мамлакати худро таҳия ва пешниҳод намояд.

Чунин барнома бояд ҳатман аз тарафи Иттиҳоди Аврупо тасдиқ карда шавад. Дар раванди таҳияи барномаҳои миллӣ ҳукумати мамлакат ҳуқуқ дорад

маҳз ҳамон самти рушд (аз номгӯйи мавҷуда)-ро интихоб намояд, ки барои ҳалли мушкилоти макони деҳоти мамлакати алоҳида мутобиқ шуда метавонад.

Ҳар як мамлакати узв ҳуқуқ дорад барномаҳои худро, ки аз буҷети худ ё дигар сарчашмаҳо барои рушди деҳот ба иловаи маблағгузории умумӣ маблағгузорӣ мешавад, таҳия намояд;

2. Равиши дувум, ки дар ИМА истифода мешавад, аз таҳия ва иҷрои миқдори зиёди барномаҳои аз ҳамдигар ҷудо ва мустақили рушди ҳудудҳои деҳот иборат аст.

Ҳарду равиши зикршуда аз хусусиятҳои зерин бархӯрдоранд:

- мавҷудияти миқдори зиёди сарчашмаҳои маблағгузории барномаҳо (вазорат ва идораҳои гуногун);

- дастгирии васеи ташаббусҳои маҳаллӣ;

- афзалият ба истеҳсолоти маҳаллӣ ва минтақавии маҳсулоти хӯрокворӣ;

- ҳатмӣ будани мониторинги мунтазами арзёбии дастрасии индикаторҳои дар барномаҳо ва арзёбии самаранокии истифодаи маблағҳои буҷет муайянкардашуда.

Вазифаи асосии сиёсати рушди ҳудудҳои деҳот чун пешина рушди устувори ин ҳудудҳо тавассути беҳтаркунии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ дар макони деҳот барои ҳамаи категорияи аҳолии маскуни онҳо бо шарти истифодаи самараноки иқтидорҳои ҳудудӣ ва захираҳои мавҷуда боқӣ мемонад.

**Хулосаи зербоби 1.2.**

Ҳамин тариқ, сифати зиндагии аҳолӣ мафҳуми абстрактӣ буда, муайянсозии он кори басо душвор аст. Умумигардонии омилҳо ва нишондиҳандаҳои номбаршуда ба мо имкони хулосабарориро медиҳанд ва тибқи он нишондиҳандаҳои мунтазам такроршаванда чунин мебошанд:

-тағйирёбандаҳои демографӣ;

-даромади воқеии пулӣ;

-қобилияти харидории аҳолӣ;

-шароити манзил;

-хадамоти тиббӣ;

-сатҳи бекорӣ ва сатҳи ҷинояткорӣ.

Ба ин рӯйхат бояд нишондиҳандаи нави пешниҳодшудаи «камбизоатии дарозмуддат» илова карда шавад.

Азбаски он вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаро ифода мекунад, дар ин асос мавҷудияти тамоюлҳои манфиро ба назар гирифта, барои таҳлили пурраи вазъи кунунии минтақа имкон медиҳад. Инчунин, ин ҷараён ҳамчун нишондиҳандаи равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо хизмат мекунад.

Пас аз таҳлили омилҳои тавсифкунандаи равандҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар, мо метавонем ба хулоса оем, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ дар асоси маълумоти оморӣ ташаккул ёфта, ҳаҷм, таркиб, самтҳои асосии истифода ва тақсимоти байни шахсро тавсиф мекунанд. Дар ин муносибатҳо он даромади пулии аҳолӣ, инчунин, натиҷаи ниҳоии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар соҳаҳое, ки ба ҷанбаҳои гуногуни некуаҳволии аҳолӣ таъсир мерасонанд, инъикос мекунанд.

## 1.3. Усулҳои муайяннамоии сатҳу сифати зиндагӣ ва алгоритми он

Дар адабиёти иқтисодӣ як қатор усулҳои баҳодиҳии сифати ҳаётро пешниҳод мекунанд. Бо назардошти усулҳои баҳодиҳии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва дар асоси мураккабии объекти таҳқиқшаванда, миқдори зиёди нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда, якхела набудани онҳо, маҷмуи пурраи усулҳои тадқиқот дар усулҳои иқтисодӣ ва математикӣ истифода мешаванд. Гузашта аз ин, ҳар як ҷузъи сохтории сатҳи зиндагии аҳолӣ ба усули хоси худ ниёз дорад. Масалан, маълум аст, ки гурӯҳи якуми нишондиҳандаҳо (саломатӣ) асосан дар асоси омори ҷорӣ ва ҳисобот омӯхта мешаванд; таҳлили сатҳу сатҳи зиндагӣ низ истифодаи маълумотро аз таҳқиқоти буҷавии оилаҳо талаб мекунад ва дар мониторинги тарзи ҳаёти солим усулҳои сотсиологӣ бартарӣ хоҳанд дошт.

Бо омӯхтани усулҳои мавҷудаи баҳодиҳии сатҳи ҳаёт метавон хулоса кард, ки ҳар яке аз онҳо ба ин омилҳо асос ёфтааст:

1. Дар асоси ҳисобкунии нишондиҳандаҳои инфиродии оморӣ (баҳои объективӣ);

2. Дар асоси таҳқиқоти сотсиологӣ (арзёбии субъективӣ);

3. Дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ бо истифода аз маълумоти тадқиқоти сотсиологӣ.

То имрӯз усули умедбахши баҳодиҳии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ усули сотсиологӣ мебошад, ки он имкон медиҳад дар бораи тафриқаи иҷтимоии сифати зиндагӣ, дар бораи мушкилоти қонеъгардонии талаботи хоси гурӯҳҳои гуногун маълумоти заруриро ба даст орем.

Таҳлили иттилооти сотсиологӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи хадамоти хизматрасониҳо маълумоти муфассал ба даст орем. Тадқиқоти сотсиологӣ айни замон усули муҳим дар бозгӯии инфрасохтори иҷтимоӣ буда, туфайли он мушкилоти мавҷуда то андозае рафъ мегардад.

Намудҳои гуногуни тадқиқоти сотсиологӣ мавҷуданд, ки ба қатори он инҳо дохил мешаванд:

1. Тадқиқоти омӯзишӣ-иттилоотӣ, ки марҳилаҳои асосӣ ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳолати инфрасохтор, ҷамъоварии маълумоти оморӣ дар бораи шумора, таркиб ва динамикаи равандҳои муҳоҷират мебошанд ва имкон медиҳад, то вазъи воқеии корҳо дар минтақа муфассал акс ёбад.

2. Таҳлили мундариҷа ё таҳлили мақсадноки ВАО, ки дар минтақа нашр шудаанд, барномаҳои телевизион ва радио, мактубҳои шаҳрвандон ба рӯзномаҳо, ба мақомоти маҳаллӣ ва ғайра имкон медиҳанд, ки доираи амалкарди муассисаҳои расмӣ ва ғайрирасмии ҷомеаро муайян намуда, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, талабот ва интизориҳои онҳо аз мақомоти маҳаллӣ бозгӯӣ шаванд.

3. Тадқиқотҳои сотсиологӣ, ки ҳадафи асосии онҳо омӯзиши амиқи мушкилоти марҳилаҳои қаблӣ мебошад.

Бештар ду усули асосии пурсиш барои таҳқиқот истифода мешавад:

– мусоҳиба

– саволномаҳо.

4. Саволномаҳо тартиби посух, мундариҷа ва шакли саволҳо, усулҳои возеҳи посухгӯиро пешбинӣ мекунанд, ки онҳо ғоибона ё дар ҳузури саволдиҳанда ба қайд гирифта мешавад. Ҳадафи асосии пурсишномаҳо муайян

кардани муносибати аҳолӣ ба рӯйдодҳо буда, нақшаҳои дарозмуддати рушдро ба назар мегиранд.

5. Андешаронии коршиносон оид ба мушкилоти муайяни фаъолият ва рушди мақомоти дахлдор имкон медиҳанд, ки ба мушкилоти аҳолӣ тавассути пурсишҳои сотсиологӣ баҳои объективӣ диҳем.

Инчунин, усулҳои пешгӯишаванда васеъ истифода мешаванд, ки ҳадафи асосии онҳо муайян кардани пайдарпайии мантиқии фаъолият барои ҳалли мушкилоти муайяншуда, оияндабинии дурнамои рушди маҳалли аҳолинишин дар маҷмуъ мебошад. Усули моделсозӣ бо ҷустуҷӯи алтернативаҳои рушд барои шароити сукунат замина фароҳам меорад. Усули таҳқиқоти иқтисодӣ ва математикӣ аз сохтани модел (тасвири раванд ё падидаи воқеӣ) иборат аст, яъне дар он имкони омӯзиши як раванди воқеӣ мавҷуд аст.

Аммо танҳо таҳқиқоти сотсиологӣ тасвири мукаммалро дар бораи сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ нишон дода наметавонад, зеро ин баҳои субъективӣ дар асоси посуххо ва андешаҳои респондентҳо (мусоҳибон) мебошад.

Арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолӣ истифодаи низоми нишондиҳандаҳоро пешбинӣ мекунад, ки метавонанд дараҷа ва қаноатмандии талаботи мардумро ба неъматҳои моддӣ (ғизо, либос, пойафзол, ашёи фарҳангию маишӣ, манзил), дар хизматрасонии маишӣ ба маънои васеъ (аз ҷумла хидматрасонии нақлиёт, алоқа, хидматрасонии маишӣ, хидматрасонии тиббӣ) ва хизматрасонии фарҳангӣ нишон диҳанд.

Усули дифференсиалӣ таҳлили амиқи механизми ташаккули сатҳи зиндагии мардумро аз рӯйи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, сатҳи даромад, касб ва дигар хусусиятҳо пешбинӣ мекунад. Зарурати чунин усул аз тафовути вазъи иҷтимоию иқтисодии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба миён меояд.

Барои ҳалли масъалаҳои ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нигаронидашуда маълумот оид ба табақаҳои аҳолӣ, сатҳи зиндагии онҳо зарур буда, чораҳо барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар ин марҳила, ки якхела афзоиш ёфтани даромадро дар робита ба қонеъ кардани ниёзҳои аҳолӣ, инчунин, дурнамои ин афзоиши даромад дар назар доранд, роҳандозӣ мегарданд.

Дар шакли мушаххас низоми нишондиҳандаҳои омории сатҳи зиндагии аҳолиро метавон чунин тавсиф намуд:

1. Нишондиҳандаҳои арзиши муқоисавӣ (ММД, индекси даромади пулии аҳолӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ, сатҳи камбизоатӣ, бекорӣ ва сатҳи таҳсилот);

2. Нишондиҳандаҳои табиӣ, ки ҳаҷми истеъмоли молҳои мушаххаси моддиро муайян мекунанд (таъмини амволи шахсӣ, истеъмоли ғизо, шумораи мусофирон ва ғ.);

3. Нишондиҳандаҳое, ки таносуб ва сохтори тақсимоти сарватро нишон медиҳанд (тақсимоти аҳолӣ ба гурӯҳҳо вобаста ба даромад, нишондиҳандаҳои тағйирпазирӣ ва фарқияти даромади истеъмолӣ ва ғ.). Яке аз усулҳои муҳимтарин усули ба индекси рушди инсон асосёфта мебошад. Индекси рушди иқтидори инсон нишондиҳандаи иқтисодист, ки барои муайян кардани сифати ҳаёт дар кишварҳои гуногун истифода мешавад. Вобаста ба арзиши рушди иқтидорҳои инсонӣ кишварҳоро одатан ба таври нисбӣ чунин тасниф мекунанд: сатҳи баланд (0,8-1), миёна (0,5-0,8) ва паст (0-0,5) [123, с.44].

ИРИИ (Индекси рушди иқтидори инсон) се нишондиҳандаро дар бар мегирад:

– давомнокии умр ҳангоми таваллуд (SPLR);

– сатҳи дониши аҳолии минтақа ва ҳиссаи умумии донишҷӯён;

– ММД ба ҳар сари аҳолӣ пешбинӣ шудааст.

Аз рӯйи андозагирӣ нишондиҳандаҳои барои баҳодиҳии сатҳ ва сифати зиндагӣ истифодашавандаро ба миқдорӣ ва сифатӣ метавон тақсим кард.

Нишондиҳандаҳои миқдории сатҳ ва сифати зиндагӣ бо бисёр нишонаҳои худ фарқ мекунанд. Пеш аз ҳама, инҳо ММД ё даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сатҳи даромад ва тақсимоти он дар ҷомеа, сатҳи истеъмоли неъматҳои гуногуни моддӣ ва хизматрасонӣ аз рӯйи синфи молҳо, сатҳи шуғл ва ғайраро ташкил медиҳанд.

Нишондиҳандаҳои сифатии сатҳ ва сифати зиндагӣ нишондиҳандаҳои шароити меҳнат, зиндагӣ ва истироҳати инсонро дар бар мегиранд.

Дар таҷрибаи муосири арзёбии сатҳ ва сифати зиндагӣ ду равия қабул карда шудааст:

1. Арзёбӣ бо истифода аз системаи нишондиҳандаҳо – нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ гузаронида мешавад. Дар баробари ин, системаҳои миллӣ, дар маҷмуъ, дар асоси тавсияҳои методологии СММ ва Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) хусусиятҳои худро доранд.

2. Индекси таркибии сатҳ ва сифати зиндагӣ дар асоси нишондиҳандаҳои инфиродӣ ҳисоб карда мешавад. Ин равия аз ҷониби СММ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ барои муқоисаи байни кишварҳо дар сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии кишварҳои мухталиф васеътар истифода мешавад.

Омӯзиши сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ одатан аз баррасии нишондиҳандаҳои даромади умумӣ ва ҳосилаҳои он оғоз меёбад.

Ҳамчун нишондиҳандаҳои даромад, ки ба хусусиятҳои сатҳ ва сифати зиндагӣ дохил карда шудаанд, тақсимоти оилаҳо аз рӯйи ҳаҷми даромад ба як оила, аз рӯйи даромад ба ҳар як аъзои оила ва аз рӯйи даромад ба ҳар сари аҳолӣ муайян мешавад. Нишондиҳандаҳои музди миёнаи меҳнат, нафақа, идрорпулӣ, кумакпулиҳо низ ҳисоб карда мешаванд.

Даромади умумӣ тамоми намудҳои даромади пулӣ, даромадҳои дигар аз қитъаҳои наздиҳавлигии шахсӣ (LPH), инчунин, арзиши хизматрасониҳои ройгони давлатиро дар бар мегирад [105, с. 211-215].

Ба ҳукми анъана даромадааст, ки даромади умумӣ, яъне даромадҳо то андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва даромади дарихтиёрбуда – даромад пас аз андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ё ба ибораи дигар, маблағи ниҳоӣ, ки оила метавонад барои истеъмоли ниҳоии молҳо ва хидматҳо бе истифодаи пасандозҳо харҷ кунад ва манбаъҳои дигар тақсим карда мешавад.

Музди меҳнат бо ду роҳ ҳисоб карда мешавад:

1) умумӣ (пеш аз андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ);

2) холис (пас аз тарҳ кардани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ).

Ба даромади аҳолӣ, ба ғайр аз музди меҳнат, тамоми намудҳои дигари пули накдӣ, ки аз ҳама манбаъҳо ба даст оварда шудаанд, дохил мешаванд.

Омори давлатӣ эътимодноктарин маълумотро дар бораи се манбаи асосии даромади шахсӣ сабт мекунад: 1) музди меҳнат; 2) пардохтҳои иҷтимоӣ; 3) даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ.

Аз сабаби он ки дар бисёр кишварҳо (аз ҷумла Россия) ҳадди ақалли музди меҳнат ва пардохтҳои иҷтимоии давлат ҳадди ақалли рӯзгорро ифода месозад, дараҷаи мувофиқати даромади аҳолӣ ба ҳадди ақалли рӯзгор таҳқиқ карда мешавад ва ин омил имкони муайян кардани дараҷаи камбизоатӣ дар байни аҳолиро ба миён меорад.

Дар илми муосири иқтисодӣ дараҷаи ҳадди ақалли зиндагӣ бо ду шакл ифода меёбад: зиндагӣ (физиологӣ) ва иҷтимоӣ.

Дараҷаи ҳадди ақалли зиндагии физиологӣ эҳтиёҷоти физиологии инсонро инъикос мекунад, ки қонеъгардонии он қобилияти устувори ҷисмонии одамро барои кор таъмин менамояд.

Арзиши иҷтимоии зиндагӣ, ба ғайр аз физиологӣ, хароҷотро барои қонеъ кардани ҳадди ақалли ниёзҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ, ки ба сатҳи рушди ин ё он кишвар хосанд, дар бар мегирад.

Барои муайян кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар амалияи омори иҷтимоӣ усулҳои зерин қабул карда шудаанд: усули экспертиза, усули пурсишҳои иҷтимоӣ, усули меъёрӣ (усули сабади истеъмолӣ) ва ғайра.

Ин маҷмуа номгӯи беш аз 200 мол ва хидматҳоро фаро мегирад. Дар ин ҳолат аз рӯйи зарурат арзиши алоҳида муайян карда мешавад:

– сабади истеъмолии озуқаворӣ;

– сабади истеъмолии ғайриозуқаворӣ;

– маҷмуи хидматрасониҳои пулакӣ.

Хусусияти назарраси сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ коэффитсиентҳои тафриқавии даромадҳо ба ҳисоб мераванд, ки миқдори изофаи даромади пулии гурӯҳҳои баланддаромадро дар муқоиса бо гурӯҳҳои камдаромади аҳолӣ муқаррар мекунанд.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ коэффитсиентҳои зерини фарқият ҳисоб карда мешаванд:

1. Таносуби маблағҳо – таносуби байни арзиши миёнаи даромад миёни гурӯҳҳои муқоисаи аҳолӣ ё ҳиссаи онҳо дар даромади умумӣ;

2. Коэффитсиенти тафриқавии дараҷаи даромади 10%-и сарватмандтарин ва 10% - и гурӯҳҳои камбизоати аҳолиро нишон медиҳад;

3. Коэффитсиенти тафриқаи кварталӣ (семоҳа) фарқияти сатҳи даромади 20%-и гурӯҳҳои аз ҷиҳати моддӣ ва 20% аз ҳама камбизоати аҳолиро нишон медиҳад. Вобастагии нишондиҳандаи фарқияти даромадро каҷхаттаи Лоренс ба таври возеҳ нишон медиҳад. Усули нақшавии муайян кардани тағйирпазириҳо дар низоми тақсимоти даромад аз доираи имконпазири абстрактии баробарии мутлақ дар тақсимот мебошад. Дараҷаи нобаробарӣ дар тақсимоти даромади аҳолӣ масоҳати байни каҷхаттаи Лоренс ва хати баробарии мутлақро инъикос мекунад. Масоҳати он ҳар қадар калонтар бошад, нобаробарӣ дар даромади аҳолӣ афзун мешавад;

4. Коэффитсиенти фарққунии даромади аҳолӣ аз ҷониби субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таносуби сатҳи баландтарин ва пасттарини даромади ҳар сари аҳолӣ дар ҳама субъектҳои ҷумҳурӣ мебошад;

5. Коэффитсиенти тафриқаи музди меҳнат таносуби сатҳи баландтарин ва пасттарини он мебошад;

6. Тақсимоти аҳолӣ аз рӯйи сатҳи даромади ҳар сари аҳолӣ нишондиҳандаи таносуб ё фоизи аҳолӣ дар фосилаи муайяни даромади инфиродӣ мебошад;

7. Коэффитсиенти тағйирпазири даромадҳои Ҷини дараҷаи нобаробарӣ дар тақсимоти даромади аҳолиро тавсиф мекунад. Коэффитсиенти Ҷини дар масоҳати аз 0 то 1 чен карда мешавад. Гузашта аз ин, ҳар қадаре, ки арзиши он аз сифр дур шуда, ба як наздик шавад, ҳамон қадар даромад дар дасти гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ ҷамъ мешавад.

Нишондиҳандаҳои сифатӣ ҷанбаи сифат ва сатҳи зиндагии аҳолиро ифода мекунанд. Нишондиҳандаҳои шароити меҳнат дар амалияи омори байналмилалӣ маълумоти зеринро дар бар мегиранд, ки онҳо бо хусусиятҳои демографии аҳолӣ зич алоқамананд:

1. Дараҷаи синну соли қобили меҳнат;

2. Давомнокии муқарраршуда ва воқеии ҳафтаи корӣ (аз рӯйи соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт);

3. Давомнокии таътили пулакӣ;

4. Нишондиҳандаҳои шароити бевосита дар ҷойи кор (сатҳи чангрезӣ, садо, ларзиш, навъҳои гуногуни радиатсия; якрангии кор, ҳолати номусоид, зарурати ҳаракати зиёд ва ғ.);

5. Нишондиҳандаҳои шароити зиндагӣ ва фароғат. Омӯзиши шароити зиндагӣ ва истироҳат дар асоси таҳлили самтҳои истифодаи даромади бадастомада ва ҳиссаи хароҷоти мол ва хизматрасониҳои гуногун дар хароҷоти умумӣ;

6. Сифати хӯрокворӣ (калориянокӣ, таркиби хӯрок);

7. Либосҳои босифат ва замонавӣ;

8. Мувофиқати масоҳати макони зист (масоҳати умумии манзилҳои истиқоматӣ ба ҳар як сокин);

9. Шароити мусоид барои тандурустӣ (шумораи катҳои беморхонаҳо ба 1000 нафар аҳолӣ);

10. Сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ (истироҳат ва хизматрасонӣ);

11. Сифати таълим (шумораи донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, ҳиссаи донишҷӯён);

12. Сифати васоити бахши фарҳанг (нашри китобҳо, брошюраҳо, маҷаллаҳо);

13. Сифати бахши хизматрасонӣ;

14. Сифати муҳити зист;

15. Тамоюлҳои демографӣ (нишондиҳандаҳои дарозумрӣ, таваллуд, фавт, коэффитсиенти издивоҷ, сатҳи талоқ);

16. Амният (шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда).

Ниҳоят, нишондиҳандаи интегралии сатҳ ва сифати зиндагӣ низ мавриди таҳлил қарор мегирад.

Ин омилҳо ҳамчун нишондиҳандаҳои интегралии сатҳ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ истифода мешаванд:

1. Таносуби даромад ва хароҷот;

2. Таносуби даромад ба ҳар сари аҳолӣ ва музди меҳнат:

3. Маблағи қисми даромади ихтиёрӣ;

4. Сатҳи камбизоатӣ;

5. Ҷараёни камбизоатӣ;

6. Шумораи аҳолӣ, ки даромадаш аз сатҳи меъёрии зиндагӣ камтар аст.

Аммо, ҳамаи ин нишондиҳандаҳо норасоиҳои гуногун дар фарқият, методологияи ҳисоб доранд, ки дар кишварҳои мухталиф қабул шудаанд. Нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар асоси маълумоти оморӣ, ки ҳаҷм, таркиб, самтҳои асосии истифода ва тақсимоти байни гурӯҳҳои алоҳидаи даромади пулии аҳолиро тавсиф мекунанд, ташаккул меёбанд ва дар ин замина, он натиҷаи ниҳоии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар минтақаҳо инъикос мекунанд, ки ба ҷанбаҳои гуногуни некуаҳволии аҳолӣ таъсир мерасонанд.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ як қатор нишондиҳандаҳои омории сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ оварда шудаанд, ки он имкони муқоисаи кишварҳо, минтақаҳоро бо ҳам фароҳам меоранд, масалан, давомнокии умр, қобилияти харидорӣ, даромади миёнаи ҳар сари аҳолӣ.

Олимони рус Л. Стрижков ва Т. Златоверховников чунин менигоранд, ки «... яке аз номутаносибии иҷтимоию иқтисодӣ тафриқаи баланди минтақаҳо аз рӯйи сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Баланд бардоштани некуаҳволии халқ, ки ҳадафи асосии рушди кишвар аст, бояд бо шиддат гирифтани равандҳо барои рафъи фарқиятҳои байни минтақаҳо дар шароити зиндагии онҳо роҳандозӣ карда шавад. Ин тезутундиҳо дар муносибатҳо буҷетро коҳиш медиҳад, тақсимоти бештари ҷараёни муҳоҷирати меҳнатиро дар саросари кишвар таъмин мекунад» [158, с. 67-75].

Тибқи методологияи пешниҳоднамудаи олимон Л. Стрижкова ва Т. Златоверховникова 12 нишондиҳандаи мушаххаси зерин ба намунаи ҳадди ақал дар муайянсозии нишондиҳандаи ҷудонашавандаи сатҳи зиндагӣ барои як минтақа ё дар маҷмуъ, дар як кишвар оварда шудаанд [158, с. 67-75]:

1. Таъмини аҳолӣ бо мол ва хизматрасониҳои пулакӣ (шумораи музди меҳнати як нафар);

2. Пешниҳоди хидматгузориҳои сабук ба аҳолӣ, ки барои истеъмоли инфиродӣ пешбинӣ шудаанд;

3. Таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти худӣ;

4. Қобилияти пасандоз кардани аҳолӣ;

5. Сатҳи истеъмоли воқеии аҳолӣ;

6. Таъмини аҳолӣ бо манзил: м$^2$ / нафар;

7. Сатҳи ободонии манзили зист (бо дарназардошти мавҷудияти имконот: гармидиҳии марказӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсия) бо ҳисоби фоиз %

8. Сатҳи таъминоти аҳолӣ бо мошинҳо (дона / т. одамон);

9. Сатҳи бекорӣ, %;

10. Сатҳи ҷинояткорӣ, %;

11. Сатҳи камбизоатӣ, %;

12. Омилҳои экологӣ.

Усули пешниҳоднамудаи Э.В. Будаев ба ташхиси минтақаҳо аз ҷиҳати қобилияти харидории аҳолӣ поя дорад, ки он аз омилҳои мураккабу алоқаманд вобаста аст [62, с. 236].

Андешаи асосноки илмии ӯ дар он зоҳир мегардад, ки шахс тавассути даромади миёна, бо дарназардошти маҷмуи музди меҳнати худ, чӣ қадар мол ва хидматҳоро истифода бурда метавонад. Э.В. Будаев таҳлили муқоисавиро барои се гурӯҳ пешниҳод мекунад:

1. Агар нишондиҳанда аз ду зиёд бошад, яъне шахс аз ду номгӯйи ҳадди ақалли барои ҳаёт зарурӣ истифода бурда тавонад, пас ин минтақаро метавон озод ҳисобид;

2. Аз як то ду – қисми зиёди аҳолӣ камдаромад мебошанд;

3. Камтар аз як нафар – ҳиссаи баланди камбизоатон.

Усули пешгирифтаи олимон А.М. Шкуркин ва А.А. Шкуркин аз сохтани моделҳои иттилоотӣ, аз ҷумла модели сатҳи зиндагӣ иборат аст [102, с. 69].

Тартиби андозагирӣ бояд тавре бошад, ки модели натиҷа объекти таҳқиқшавандаро бо пуррагӣ ва эътимоднокӣ инъикос кунад. Тавре маълум аст, таҷдиди иттилоотии объекти воқеӣ аз сохтани миқёси муайян оғоз меёбад. Ба маънои сода, тартиби ченкунӣ то таъйин кардани шумораи муайян барои ҳар як хусусияти ашё кам карда мешавад. Натиҷаи ин муқоиса модели ададии объекти таҳқиқшуда мебошад. Маънии ин амалисозӣ дар он аст, ки мувофиқати байни хосиятҳои объекти эмпирикӣ ва хосиятҳои рақамҳои бо он алоқаманд муқаррар карда мешавад. Маҷмуи хосиятҳои объект ва рақамҳои бо онҳо алоқамандро дар назарияи ченкунӣ миқёси <Fl, Rl, q> меноманд. Дар ин ҷо Fl объекти таҷрибавӣ, R1 системаи ададӣ, q табдил додани хосиятҳои объекти эмпирикӣ ба ашёи ададӣ мебошад.

Услубҳои гуногуни таъйинкунии рақамҳо ба нуқтаҳои миқёс хеле зиёданд, яъне тартиби миқёс ба гурӯҳҳои муайяни табдилдиҳии {Q} имкон медиҳад, ки хосиятҳои объектро тағйир надиҳанд. Мушкилоти асосии муайян кардани сатҳи зиндагӣ якхела набудани нишондиҳандаҳои он мебошад. Бозгӯии баъзе ҷузъҳои сатҳ ва сифати зиндагӣ мушкилоти махсуси мурофиавиро ба бор намеорад ва чун қоида, он дар миқёси муайян амалӣ карда мешавад. Ин нишондиҳандаҳо, масалан, сатҳи даромад, шумораи кӯдакон дар оила, ҳаҷми музди меҳнат, сатҳи маълумот, масоҳати (метри мураббаи) манзилҳои истиқоматӣ, ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии ба аҳолӣ пешниҳодшаванда, фосилаи вақти холӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд. Андозагирии тақрибан ҳамаи ҷанбаҳои объективии сатҳи зиндагӣ мушкилоти фундаменталиро ба вуҷуд намеорад ва он имкон медиҳад, ки тағйироти нисбатан содаи математикӣ истифода шаванд. Вақте ки объектҳои ченак ҳиссиёти субъективии шахс, сатҳи қаноатмандии ӯ аз паҳлуҳои гуногуни дастгириҳо дар ҳаёт мебошанд, вазъ тағйир меёбад. Дар ин ҳолат, барои баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷузъҳои субъективии сатҳи зиндагӣ миқёси ба ном номиналӣ ё дараҷавӣ бештар истифода мешавад. Муайянсозии ин тавассути гузоштани баъзе нуқтаҳои арзёбӣ ба ҳиссиёти субъективии шахс, кайфияти ӯ, некуаҳволии иҷтимоӣ ё тартиби муайян кардани арзёбии субъективии ӯ дар фазои атрибути мушаххас сурат мегирад.

Масалан, барои тағйир додани дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ аз хидматрасонии нақлиётӣ як низоми панҷ (ё ҳафт)- нуқтадорро пешниҳод кардан мумкин аст, ки ҳар як нуқтаи он бо арзёбии субъективии шахс нигаронида шудааст.

Бинобар мураккабии коркарди маълумот, ҳангоми арзёбии нишондиҳандае, ки сифати зиндагии аҳолиро ба назар мегиранд, истифодаи на як, балки якчанд навъи баҳогузорӣ ба мақсад мувофиқ аст. Методологияи мо ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолии минтақа асос ёфтааст. Бо дарназардошти аҳаммияти ду навъи баҳодиҳӣ алгоритми баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолии минтақа, аз ҷумла миқдор аз рӯйи арзиши нишондиҳандаи мураккаби интегралӣ дар асоси баҳодиҳии объективӣ ва баҳои сифатӣ, тамоюлҳо тавассути арзёбии субъективӣ таҳия шудааст.

Таҳлили усулҳои баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ нишон дод, ки бо назардошти мураккабии моҳияти масъалаи таҳқиқшаванда миқдори зиёди нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда ва якхела набудани онҳо бояд барои арзёбии объективии сифати зиндагӣ ду намуд истифода шавад: арзёбиҳои объективӣ ва субъективӣ.




**Расми 1.8. Марҳилаҳои баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолии минтақа**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.

Таҳлили мазкур дар марҳилаҳои зерин гузаронида мешавад:

1. Ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти оморӣ барои давраи таҳлилшуда, ҳисобкунии нишондиҳандаҳои алоҳида, ки сатҳи зиндагии аҳолиро тавсиф мекунанд;

2. Гузаронидани пурсиши интихобии аҳолии минтақаи омӯзишӣ бо истифода аз саволнома барои муайян кардани дараҷаи қаноатмандӣ (норозигӣ)

аз сифати зиндагӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, ки имкон медиҳад, то сатҳи зиндагии аҳолӣ нишон дода шавад;

3. Ҳисоби нишондиҳандаи мураккаби интегралӣ бо дарназардошти низоми нишондиҳандаҳои хусусӣ, ки ба сатҳи зиндагии минтақаи таҳқиқшуда баҳои объективона медиҳанд (расми 1.8.).

Таҳлили омилҳои ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсиррасон имкон дод, ки онҳо аз рӯйи дараҷаи таъсир гурӯҳбандӣ карда шаванд ва нишондиҳандаҳое, ки ба арзёбии бузургии он бештар таъсир мерасонанд, мушаххас карда шаванд.

Натиҷаи таҳқиқот дар асоси филтрҳои муайян ба базаи маълумоти ниҳоӣ ворид шуда, барои истифодабарандагон дастрас мешавад (вобаста ба сатҳи дастрасӣ).

Барои ин талаботи муайян мавҷуд аст, ки нишондиҳандаҳои интихобшуда бояд ҷавобгӯи он бошанд:

– мувофиқат ба ҳадафҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа;

– эътибор ва муайянсозиҳо;

– пайдарпайии фаъолият;

– мураккабӣ ва объективӣ будани он;

– муқоиса ва мукаммалии маҷмуи меъёрҳо, зуҳури ҳама хосиятҳои зарурӣ ва мувофиқат ба вазифаҳо.

Системаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ 9 тағйирёбандаи алоҳидаро дар бар мегирад:

1. Миқдори музди меҳнати як нафар;

2. Нишондиҳандаи таъминоти манзил ба ҳар сари аҳолӣ бо дарназардошти сифати он ($м^2$ барои як нафар);

3. Сатҳи маълумот, %;

4. Сатҳи бекории бақайдгирифташуда, %;

5. Сатҳи ҷинояткорӣ, %;

6. Сатҳи «камбизоатии дарозмуддат», %;

7. Таъминоти воситаҳои нақлиёт ба ҳар 100 нафар, адад;

8. Сатҳи таъминоти аҳолӣ бо иншооти алоқа, %.

Дарки сатҳи нави зиндагӣ аз беҳдошти вазъи рӯзгори одамон ва моддӣ иборат буда, дар ин ҷода фаъолияти пурсамари ҳар як шахс баҳри зиндагии шоиста заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Аз ҷониби мо дар асоси таҳлили методологияи мавҷудаи муайянсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва сифати он алгоритми муайян коркард карда шуд, ки имкон медиҳад бо назардошти хусусияти кишвар дар доираи минтақа низ амал кунад (расми 1.9.). Яъне, дар алгоритм истисноҳои муайян ба сифати филтр истифода мешаванд, ки имкон медиҳад хусусияти минтақа ба инобат гирифта шавад.




**Расми 1.9. Намои алгоритми муайянсозии сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Чунин алгоритм дар ҳолати мавҷудияти базаи маълумоти оморӣ, гузаронидани таҳқиқот дар асоси пурсиши аҳолӣ, яъне таҳқиқоти сотсиологӣ ва таҳлили ВАО, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ арзи вуҷуд дорад ва натиҷабахш мегардад. Дар ин алгоритм ҳамкории байни мақомоти дахлдор, институтҳои таҳқиқотӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар натиҷаи

коркарди моделҳои муайян ва истифодаи усулҳо ё методологияи гуногун, ки ба минтақа хосанд, сифати натиҷагирӣ баланд мегардад.

**Хулосаи зербоби 1.3.**

Аввалан, мафҳуми сифати зиндагӣ бениҳоят васеъ ва гуногунҷабҳа буда, он нисбат ба «сатҳи зиндагӣ» васеътар мебошад. Ин омил, пеш аз ҳама, алоқамандии бевоситаи он бо мафҳуми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, тамоми соҳаҳои ҷомеаро дар бар мегирад ва ҳамаи онҳо фарогири зиндагии шоистаи одамон ва сифати он мебошанд.

Баъдан, сатҳи зиндагӣ ду тараф дорад: объективӣ ва субъективӣ. Аз ин рӯ, мафҳуми сатҳи зиндагӣ метавонад ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазире фаҳмида шавад, ки сатҳ ва дараҷаи некуаҳволӣ, рушди иҷтимоӣ ва маънавии инсон, инчунин, саломатии ҷисмонии ӯро ҳамаҷониба ифода кунад. Дар байни ҷузъҳои сохтории он ҷузъҳои асосии зеринро ҷудо метавон кард: саломатӣ ва дарозумрии аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ, тарзи зиндагии аҳолӣ.

Савум, ҳангоми қонеъ кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ бояд сатҳи қонеъгардонии ниёзҳои моддӣ ва маънавӣ бозгӯӣ шаванд. Аммо, омӯзиши мундариҷаи ниёзҳо дар таҳлили омилҳои ҳавасмандӣ муфидтар аст, дар ҳоле ки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири ғайримустақим вуҷуд дорад. Тавре ки аён аст, ниёзҳо беохиранд ва имкониятҳои қонеъгардонии онҳо ҳамеша маҳдуданд. Мувофиқи андешаронии аксари муаллифон, имкониятҳо инъикоси сатҳи баланд ё пасти зиндагӣ мебошанд. Сатҳи баланди зиндагӣ имкониятҳои бузург, аз ҷумла дар интихоби «сатҳи муносиб» ё «қобили қабул»-ро пешакӣ муайян мекунад.

Чорум, сатҳи зиндагӣ мафҳуми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки дараҷаи қонеъгардонии талаботи ҷисмонӣ ва иҷтимоии одамонро тавсиф мекунад. Ба маънои васеъ, он сатҳ ва сохтори истеъмол, шароити кор, сохтор ва дараҷаи қонеъгардонии ниёзҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, дараҷаи рушди бахши хидматрасонӣ, ҳаҷм ва сохтори вақти ғайрикорӣ ва холӣ, сатҳи бехатарии экологӣ ва ғайраро ифода мекунад. Ба маънои танг, сатҳи зиндагӣ ҳамчун ҳаҷми даромади воқеӣ фаҳмида мешавад, ки андоза ва сохтори истеъмоли воқеии молҳо

ва хидматҳои ниҳоиро муайян мекунад. Арзёбии сатҳи зиндагӣ ба категорияе тааллуқ дорад, ки он дар вақт ва фазо тағйир меёбад.

Панҷум, мафҳуми «сатҳи зиндагии аҳолии минтақа», аз як тараф, ҳолати дохилии шахсро инъикос намуда, аз тарафи дигар, онро ҳамчун маҷмуи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маънидод мекунад, ки барои таъмини шароити муътадили зиндагии шахс ва тамоми ҷомеа бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ заруранд.

Шашум, фарқияти мафҳумҳои сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа нишон дода шуд. Сифати зиндагӣ ин вазъи некуаҳволӣ аст, албатта, он талаботи одамонро ба назар мегирад, ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар сахт вобаста аст, аммо дар айни замон, ҳар як шахс сатҳи зиндагии худро бояд беҳтар намояд. Аз ин рӯ, сатҳи зиндагӣ мафҳуми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ буда, бо ҷаҳонбинии инсон алоқаманд аст. Ва ҳатто шахси камбизоат метавонад ба туфайли тозагӣ, тартибот, эҳтиром ба ашё, нигоҳдории оқилонаи ашёи хонагӣ ва доимо такмил додани тахассуси худ сифати баландтари зиндагиро таъмин кунад.

Ҳафтум, дар вазъи кунунӣ дар баробари нишондиҳандаҳои асосӣ, ба монанди амният вазъи зиндагии одамон низ устуворона шакл гирифт, ки сатҳи баланди бекорӣ ва дараҷаи пасти даромади аҳолӣ мансуби он мебошад. Бо дарназардошти ин, пешниҳод мегардад, ки тақсимотро аз рӯйи сатҳи зиндагии аҳолӣ ба таври муфассал таҳлил карда, дараҷаи сатҳи «камбизоатии дарозмуддат» илман бозгӯӣ гардад.

Дар асоси таҳлили методологияи мавҷудаи муайянсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва сифати он алгоритми муайян коркард карда шуд, ки имкон медиҳад бо назардошти хусусияти кишвар дар доираи минтақа низ амал кунад. Яъне, дар алгоритм истисноҳои муайян ба сифати филтр истифода мешаванд, ки имкон медиҳад хусусияти минтақа ба инобат гирифта шавад.

Ба андешаи мо, дар байни сатҳҳои камбизоатӣ фарқияти ҷиддӣ мавҷуд аст. Агар одамон дар сатҳи камбизоатии дарозмуддат қарор дошта бошанд, пас онҳо метавонанд ба сатҳи баландтар гузаранд ва гурӯҳи одамоне, ки сатҳи камбизоатиро ташкил медиҳанд, бинобар ҷаҳонбинӣ, одатҳо, мушкилоти саломатӣ ва ғайра наметавонанд мавқеи худро тағйир диҳанд.

# БОБИ 2.
# ДИНАМИКАИ МИНТАҚАВИИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Вазъи иҷтимоӣ-демографӣ ва иқтидори корӣ дар вилояти Хатлон

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи зиндагии мардум диққати махсус равона гардида, барои нишондиҳандаҳои мусбат дар ин самт корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд. Албатта, таҳлили ҳамаҷонибаи дараҷаи рушди сатҳи зиндагии мардум дар асоси минтақаи алоҳида ба манфиати кор буда, маҳз дар ҳамин замина дурнамои иқтисодии кишвар бозгӯӣ мешавад. Хусусан дар он татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нақши муассир дорад. Бо дарназардошти ин омӯзиши низоми комплексии нишондиҳандаҳои бозгӯикунандаи сатҳи зиндагии мардум дар асоси нишондиҳандаҳои мансуби ин минтақа аҳаммияти муҳимро касб менамояд.

Сараввал оид ба сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар маълумоти таҳлилӣ меорем.

Бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ соли 1997 бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои қарзии гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ (Ассотсиатсияи байналмилалии рушд) Лоиҳаи якуми Стратегияи таҷрибавиро оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ (солҳои 1997-2002) бо татбиқи 184 зерлоиҳа бо маблағи умумии 12,5 млн доллари ИМА, Лоиҳаи Стратегияи дуюми паст кардани сатҳи камбизоатӣ (солҳои 2002-2006) бо амалишавии 328 зерлоиҳа бо маблағи умумии 22 млн доллар таҳия ва амалӣ гардид, ки татбиқи лоиҳаҳои мазкур ба коҳишёбии сатҳи камбзоатӣ дар ин давра мусоидат намуд. Сатҳи камбизоатӣ дар соли 1997 беш аз 83 фоизро ташкил дод, ки ин аз вазъи ногувори иҷтимоии кишвар шаҳодат медод.

Татбиқи Ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ (ҲСПКСК 2002-2005), ки ҳадафи асосии он афзоиш додани даромади воқеӣ ва суръат бахшидан ба рушди болоравии иқтисодиёти кишвар буд, ба беҳтар шудани некуаҳволии

мардум мусоидат намуд. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 81 фоиз дар соли 1999 то 57 фоиз дар соли 2005 паст карда шуд. Ҳамаи ин тадбирҳо барои рушди минбаъдаи иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои замонавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар давраи муосири рушд заминаи воқеӣ гузошт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои татбиқи пурсамар ва беҳтар намудани ислоҳоти сохтории раванди рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатиро идома дод. Дар давраи аввали барқарорсозии иқтисодиёт ҳалли масъалаҳои гузариш ба иқтисоди бозорӣ, навсозии шароити институтсионалӣ, таҳкими шароити моддӣ, тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт стратегия ва барномаҳои сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавиро татбиқ намуд.

Дар натиҷаи амалишавии ин ҳуҷҷатҳо тамоюли мусбати рушди иқтисоди миллӣ ба назар расид.

Дар баробари ин дастовардҳо зарур буд, ки ҳуҷҷати стратегии дарозмуҳлат, ки афзалиятҳо ва вазифаҳои рушди минбаъдаи кишварро муайян намояд, қабул карда шавад. Аввалин бор дар ҷумҳурӣ таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (СМР-2015) бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2007 таҳия ва тасдиқ гардид.

Татбиқи афзалияту ҳадафҳои гузошташудаи СМР-2015 тавассути Стратегияи миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2008, Стратегияи миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 (СПКСК) ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 (СБСНМТ) ба роҳ монда шуд.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда буданд: «Мақсади асосии амалӣ намудани ин стратегияҳо таъмини рушди бонизоми иқтисодиёт ва

баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии мардуми Тоҷикистон буда, онҳо ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ҳамоҳанганд».

Татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар имкон доданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2007-2015 суръати баланди рушди иқтисодиро таъмин ва суръати миёнасолонаи онро ба 6-7 фоиз расонад. Ҳамаи дастовардҳои дар давоми солҳои 2000-2015 ноилшуда имкон дод, ки сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ аз 81 фоизи соли 1999 ба 31,3 фоиз дар соли 2015 коҳиш ёбад.

Бо мақсади идомаи тадбирҳо дар самти коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, маблағгузории соҳаи маорифро аз 41,6 млн сомонии соли 2000 то 4,5 млрд сомонӣ ва хароҷоти суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоиро аз 32 млн сомонӣ то 4 млрд сомонӣ дар соли 2020 зиёд намуд.

Дар соли 2021 афзоиши солонаи ММД аз нишондиҳандаи соли 2015-ум 1,9 маротиба зиёд гардид, ки ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат кард.

Дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ аз 31,3 фоизи соли 2015 то 21,6 фоиз дар соли 2021 ва сатҳи фақри шадид аз 15,7 фоиз то 6,7 фоиз дар соли 2021 коҳиш ёфт. Камбизоатӣ дар деҳот аз 35,2 фоизи соли 2015 то 27,1 фоиз дар соли 2021, дар шаҳрҳо аз 23,2 фоиз то 15,1 фоиз паст карда шуд.

Даромадҳои пулии аҳолӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 ба ҳисоби воқеӣ 2,6 маротиба афзоиш ёфта, ҳаҷми он 68,4 млрд сомониро ташкил дод.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ба рӯйхати 10 кишвари дорои суръати баланди коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ дар 15 соли охир дохил карда шуд.

Бо мақсади боз ҳам коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз афзалиятҳо дар рушди сармояи инсонӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуданд, «ки дар 7 соли оянда ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолиро то ба 45 фоиз расонида, сатҳи камбизоатиро то 18 фоиз паст намояд.

Дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва геосиёсии ҷаҳон, низоъҳои тиҷоратӣ, афзоиши таҳримҳо, тағйирёбии иқлим, болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар ҷаҳон, паҳншавии беморӣи сироятии КОВИД-19 ва дигар омилҳои манфии ба иқтисоди миллӣ таъсиргузор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои пешгирикунандаро андешид, ки соли 2021 суръати рушди иқтисодӣ ба беш аз 9 фоиз баробар гардид. Рушди иқтисодӣ дар ин давра аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 22 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 6 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 23 фоиз ва гардиши савдо 13 фоиз таъмин карда шуд.

Соли 2021 қисми даромади буҷети давлатӣ иҷро шуда, даромади пулии аҳолӣ нисбат ба нишондиҳандаи соли 2020-ум 15 фоиз афзоиш ёфт ва ба зиёда аз 75 миллиард сомонӣ баробар гардид» [31, с.12-13].

Дар адабиёти илмӣ тафриқаи миёни аҳолӣ аз рӯйи сатҳи сифати зиндагӣ муфассал омӯхта шуда, вазъи моддии гурӯҳҳои гуногун тавсиф карда мешавад. Аммо, ин тақсимот нишондиҳандаҳои фаъолияти иҷтимоӣ: хусусияти фаъолияти меҳнатӣ, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, хусусияти фароғат ва ғайраро ба назар намегиранд. Барои дигар нишондиҳандаҳо, ки сифати зиндагии аҳолиро тавсиф мекунанд, фарқияти назаррас то андозае ба инобат гирифта мешавад, масалан, аз рӯйи сатҳи омилҳои манфӣ – майзадагӣ, нашъамандӣ, ҷинояткорӣ, азхудкунӣ, зӯроварӣ ва ғайра. Ҳатто дар самти рафтори муқаррарӣ ва риояи қонун тафовути ҷиддӣ дар хусусияти кор, фаъолияти фароғатӣ, тарзи тарбияи фарзанд ва шаклҳои муошират ба назар мерасад.

Барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои дақиқ баҳодиҳии вазъияти иҷтимоию демографӣ мувофиқи матлаб мебошад. Вазъи иҷтимоию демографии аҳолиро дар вилояти Хатлон бо истифода аз нишондиҳандаҳои зерин метавон омӯхт: дараҷа ва афзоиши коэффитсиенти таваллуди аҳолӣ; миқдор ва сабабҳои фавт; беморӣ ва намудҳои он; афзоиш ё камшавии табиии аҳолӣ. Воқеан, ин нишондиҳандаҳо сатҳи воқеии иҷтимоии зиндагии аҳолиро тавсиф мекунанд. Бар замми ин, барои дурусттар баҳо додани вазъи афзоиш ва камшавии аҳолии вилоят нишондиҳандаҳои ҳаракати механикии аҳолиро ба назар гирифтан аз

омилҳои муҳим ба шумор меравад. Бо ин мақсад афзоиши муҳоҷират ва таъсири онро ба афзоиши аҳолӣ омӯхта, роҳҳои самарабахши дастгирии иқтисодии муҳоҷиронро метавон муайян кард. Вазъи демографии вилояти Хатлон дар солҳои охир ба таври назаррас тағйир ёфт. Ин нуктаро, пеш аз ҳама, ҳангоми таҳлили раванди афзоиши аҳолии минтақа мушоҳида метавон кард. Дар солҳои охир афзоиши аҳолӣ нисбатан муътадил буда, он дар як сол ба ҳисоби миёна тахминан 2,5 фоизро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии вилояти Хатлон дар давоми солҳои 2015-2020 ҳамасола қариб ба 72,1 ҳазор нафар зиёд шудаанд [109, с.76].

Дар давраи солҳои 2015-2021 таркиби аҳолии вилоят ба тағйироти куллӣ дучор нашудааст ва дар маҷмуъ 12,6 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар соли 2021 аҳолии шаҳрҳо 17,5 фоиз ва аҳолии деҳот 82,5 фоизро ташкил дод, дар ҳоле ки аҳолии шаҳр пештар каме зиёдтар буд. Бояд қайд намуд, ки дар соли 1991 шумораи аҳолии шаҳр дар вилоят 20,2%-ро ташкил медод. Дар вилоят аз соли 2015 инҷониб сохтори аҳолӣ қариб, ки тағйир наёфтааст (ҷадвали 2.1.).

**Ҷадвали 2.1. - Шумораи аҳолии вилояти Хатлон**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021/ 2015, %** |
| Шумораи аҳолӣ дар аввали сол ба миқдори ҳазор | 3047,8 | 3124,4 | 3198,5 | 3274,8 | 5348,9 | 3425,0 | 3530,0 | 15,8 |
| Аз ҷумла:<br>– дар шаҳр<br>- дар деҳот | 547,5<br>2500,3 | 568,6<br>2555,8 | 580,6<br>2617,9 | 591,0<br>2683,9 | 599,6<br>2748,7 | 613,1<br>2811,9 | 617,8<br>2918,2 | 12,8<br>16,5 |
| Таркиби аҳолӣ, %<br>– дар шаҳр<br>- дар деҳот | 18,0<br>82,0 | 18,2<br>81,8 | 18,1<br>81,9 | 18,1<br>81,9 | 18,05<br>81,95 | 17,9<br>82,1 | 17,5<br>82,5 | -0,5 б.ф.<br>+0,5 |
| Афзоиши (камшавии) мутлақ дар як сол, ба ҳисоби ҳазор нафар | 72,9 | 76,3 | 76,6 | 74,1 | 76,4 | 73,4 | 74,0 | 06 |

**Сарчашма:** Омори вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021, С.76.

Маълумоти омории афзоиш ва камшавии аҳолӣ дар бозгӯии дурнамои иқтисодӣ нақши калидӣ дорад. Агар шумораи таваллудшудагон аз шумораи

фавтидагон зиёд бошад, афзоиши табиӣ ва дар акси ҳол, афзоиши табиӣ мушоҳида мешавад.

Солҳои 2015-2021 дар вилояти Хатлон камшавии табиии аҳолӣ мушоҳида карда мешавад. Нишондиҳандаи омории он хеле фарқ мекунад ва аз 7,4 то ба 9,7 нафарро ба ҳар як ҳазор нафар ташкил медиҳад. Чунин афзоишу коҳиши табиии аҳолӣ бо кам шудани таваллуд тавзеҳ дода мешавад: агар дар соли 2015 таваллуд ба 1000 нафар аҳолӣ 30,2 нафарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 он 24,8 нафарро ташкил медиҳад.

Дар соли 2021 зиёдшавии табиии аҳолӣ нисбат ба соли 2015 6680 нафар кам шуда, 74275 нафарро ташкил дод. [30, с.155].

Аммо, бояд гуфт, ки дар байни дигар манотиқи кишвар дар вилояти Хатлон таваллуд аз ҳама баландтар мебошад. Дар вилояти Хатлон нишондиҳандаи фавтро ба таври зайл метавон тасниф намуд: дар н. Кӯлоб (7,9 нафар), н. Леваканд (8,9 нафар), н. Темурмалик (3,9 нафар), н. Восеъ (4,2 нафар), н. Вахш (3,0 нафар), н. Муъминобод (3,0 нафар) ва н. Ховалинг (2,9 нафар). То соли 2018 ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон паст буд. Бо вуҷуди ин, дар солҳои 2015-2021 тамоюли пастшавии ин нишондиҳанда ба ҳар 1000 нафар аз 3,9 то 3,7 нафар расидааст.

Ҳамин тариқ, солҳои охир таваллуд аз сатҳи фавт на танҳо дар вилояти Хатлон, балки дар маҷмуъ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд мебошад. Дар байни сабабҳои фавт бемориҳои дилу рагҳо ва бемориҳои сирояткунандаи узвҳои болоии нафаскашӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунад (нигаред ба ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Гирифтор шудани аҳолӣ ба бемориҳои алоҳидаи сирояткунанда дар вилояти Хатлон**

| Сабабҳои фавт | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тамоюл |
| Тифи шикампеч ва бемориҳои вазнини гузаранда | 33 | 21 | 40 | 12 | 6 | 0 | 0 | пастравӣ |
| Махмалак | 14 | 10 | 20 | 4 | 2 | 2 | 4 | пастравӣ |
| Хоришак | 153 | 356 | 266 | 250 | 228 | 190 | 196 | гуногун |
| Бемориҳои сирояткунандаи узвҳои болоии нафаскашӣ | 24625 | 114216 | 159458 | 93381 | 3568 | 0 | 0 | пастравӣ |
| Зардпарвин | 823 | 862 | 460 | 1012 | 447 | 298 | 324 | пастравӣ |

**Сарчашма:** Омори вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021, С. 279.

Чуноне ки аз ҷадвали мазкур маълум гашт, дар вилоят аз ҳама бештар гирифтор шудани аҳолӣ ба бемориҳои сирояткунандаи узвҳои болоии нафаскашӣ ба назар мерасад. Ин намуди беморӣ сол ба сол кам мешавад. Агар дар соли 2015 ба ин намуди беморӣ 24265 нафар гирифтор шуда бошанд, дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба 3568 нафар расидааст, ки соли 2019 аз ҳар 10000 нафар 47 нафар зиёд шудааст.

Дар байни бемориҳои сирояткунанда зардпарвин низ зиёд шуда истодааст. Ин гурӯҳи бемориҳо ба 10000 нафар аҳолӣ 3,2 нафарро ташкил мекунад. Ҳамзамон, бемории диабети қанд дар вилоят афзуда истода, дар соли 2021 12012 нафар дар қайд буданд (соли 2019 10751 нафар), ки боиси зиёд шудани фавт низ мешавад.

Чун омилҳои асосии марг дар синни қобили меҳнат садамаҳо, заҳролудшавӣ ва ҷароҳат бардоштан ба шумор меравaнд, тақрибан 37% фавтидагон аз ин сабабҳо ба вуқуъ мепайвандад. Ягона лаҳзаи мусбат дар ин вазъият коҳиши фавт дар байни мардон ва занон мебошад. Аммо чунин шумораи зиёди мардоне, ки дар синни қобили меҳнат фавтидаанд, аз вазъи ғайриқаноатбахши демографӣ дар вилояти Хатлон гувоҳӣ медиҳад.

Мушкилиҳои асосии соҳаи тандурустӣ дар вилоят яке аз сабабҳои чунин ҳолат мебошад. Дар вилояти Хатлон ба ҳолати 1 январи соли 2021 ҳамагӣ 1174 муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ фаъолият менамоянд, ки аз инҳо 7 маркази саломатии шаҳрӣ ва 4 маркази саломатии ноҳиявӣ, 48 маркази саломатии деҳотӣ ва 84 бунгоҳи саломатӣ таъмирталаб буда, 1 маркази саломатии деҳотӣ ва 11 бунгоҳи саломатӣ дар хона, 1 маркази саломатии деҳотӣ ва 12 бунгоҳи саломатӣ дар дигар бино, 1 бунгоҳи саломатӣ дар вагон ва 19 бунгоҳи саломатӣ дар мактабҳо ҷойгир буда, 2 маркази саломатии деҳотӣ қарор доранд.

Дар сатҳи вилоят 2 174 адад воҳиди кории холӣ буда, талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олидор аз рӯйи ихтисосҳои тибби оилавӣ, рентгенолог, наҷот ва беҳискунӣ, бемориҳои кӯдакона, занона, чашм, сил, пӯст

ва узвҳои таносул, рӯҳӣ, нарколог, дарунӣ, осебшинос ва раддод, физиотерапевт, саратоншинос, эндокринолог, нарколог, эпидемиолог ва ғайра ташкил медиҳад.

Тибқи меъёрҳои муқарраргардида, ба ҳар 10 000 нафар аҳолӣ як адад нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ зарур аст. Айни замон бошад, дар аксар шаҳру ноҳияҳои вилоят меъёри мазкур сарфи назар гардида, боиси саривақт дастрас нагардидани хизматрасониҳои тиббии алоқаманд ба аҳолии ниёзманд шудааст.

Талаботи воқеии вилоят ба автомашинаҳои ёрии таъҷилии тиббӣ зиёда аз 320 ададро ташкил медиҳад. Ба ҳолати 1 январи соли 2021 дар вилоят 195 адад нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ фаъолият дошта, 99 адад нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ ба стандартҳо ҷавобгӯ набуда, мутаассифона, мавриди истифода қарор надоранд ва 33 адади дигар корношоям мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки ин раванди номатлуб дар минтақа бинобар афзоиши муҳоҷират низ ба мушоҳида мерасад. Муҳоҷират раванди табиӣ буда, аксаран он ҷузъи зарурии ҳаёти инсон мебошад. Дар шароити афзоиши мизони таваллуд раванди муҳоҷират барои ин минтақа хавф эҷод менамояд. Ғайр аз ин, дар минтақаи мавриди назар афзоиш ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳот мушоҳида мешавад (нигаред ба ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. - Нишондиҳандаҳои раванди ҳаракати ғайриихтиёрии аҳолии вилояти Хатлон, ба ҳисоби ҳазор нафар**

| Солҳо | Омаданд | Тарки ватан карданд | Афзоиши муҳоҷират | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ҳамагӣ | Аз ҷумла | |
| | | | | Фарқи кӯчида рафтан ба кӯчида омадан | % |
| 2015 | 12844 | 17850 | 30694 | 5006 | 16,3 |
| 2016 | 13368 | 18010 | 31378 | 4642 | 14,8 |
| 2017 | 14398 | 18144 | 32542 | 3746 | 11,51 |
| 2018 | 17979 | 22549 | 40528 | 4570 | 11,3 |
| 2019 | 15945 | 25331 | 41276 | 9386 | 22,7 |
| 2020 | 14353 | 20456 | 34809 | 6103 | 17,5 |
| 2021 | 14266 | 18238 | 32504 | 3972 | 12,2 |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - С.36.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3. нишон медиҳад, ки муҳоҷират дар вилояти Хатлон аз соли 2020 сар карда нисбан пастар шудааст. Агар дар 2019 41276

нафарро гирифта бошад, дар соли 2021 32504 нафарро дар бар гирифтааст, ки нисбат ба соли 2019 21,3% кам мебошад.

Агар дар соли 2015 шумораи муҳоҷирони ба вилоят кӯчида омада 12844 нафарро ташкил карда бошад, он дар соли 2020 то 14266 нафар зиёд шудааст. Шумораи кӯчидаомадагон нисбат ба кӯчидарафтагон дар ин давра ба 1810 нафар зиёд шудааст.

Таъсири асосиро ба тағйирёбии аҳолӣ пастшавии он дар шаҳрҳо мерасонад, аз ин рӯ, вазъи демографии вилояти Хатлонро метавон ҳамчун буҳрон тавсиф кард. Ин дар пай дар пай кам шудани таваллуди аҳолӣ ифода меёбад. Дар давраи аз соли 2015 то соли 2021 5,4 нафар кам шудааст (ба 1000 нафар аҳолӣ) ё 5,4 промилле. Сатҳи талафоти табиӣ ба таври назаррас тағйир меёбад. Ин, ҳамчунин, аз он иборат аст, ки сатҳи фавт дар солҳои таҳлилшуда ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ 0,50 нафар ё 1,1 промилле зиёд шудааст.

Коҳиши табиӣ қисман бо афзоиши муҳоҷират ҷуброн карда мешавад. Аммо, бояд гуфт, ки дар солҳои охир арзиши он паст шуда истодааст. Паст шудани афзоиши муҳоҷират дар соли 2001 нисбат ба соли 1995 ба аҳолии вилояти Хатлон таъсири ҷиддӣ расонд.

Қисми зиёди муҳоҷиронро гурезагон ва муҳоҷирон аз рӯйи зарурат ташкил медиҳанд. Аз ин нишондиҳанда бармеояд, ки барои онҳо шароити мувофиқ: манзил, кор, имтиёзҳои иҷтимоӣ ва хизматрасониҳоро бояд муҳайё кард.

Ҳамзамон, як қисми муҳоҷиронро дар вилоят муҳоҷирати экологӣ ташкил медиҳад. Мисол, мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №648 «Дар бораи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2021-2023» соли 2021 86 хоҷагӣ, аз ҷумла шаҳри Кӯлоб 10 хоҷагӣ, ноҳияҳои Хуросон 6 хоҷагӣ, Шаҳритус 2, Данғара 7, Ёвон 3, Ш.Шоҳин 20, Ховалинг 6, Темурмалик 19, Қубодиён 4 ва Кӯшониён 9 хоҷагӣ бояд аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба мавзеъҳои бехавфи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон кӯчонида шаванд.

Дар вилояти Хатлон сиёсати пуштибонӣ аз муҳоҷирон бонизом идома дорад. Барои зиндагии мусоид дар деҳот ва баланд бардоштани сифати зиндагии

мардум барномаҳои давлатӣ қабул карда шудаанд. Аз ҷумла, барои рушди инфрасохтори деҳот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2019-2021-ро Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд, ки дар натиҷа тамоми ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд намуданд.

Дар ин маврид андешаи профессор В.Костаков қобили қабул аст, ки «муҳоҷирати меҳнатӣ вақте пурзӯр хоҳад шуд, ки иқтисодиёти кишвар ба тавре муассир рушд кунад, бухронҳои мавҷуда рафъ шавад ва кишвар ба сатҳи муносиби иқтисодӣ расад» [131, с. 34-39].

Ба шаҳрвандони қобили меҳнат, соҳибихтисос афзалият додан лозим аст. Ҷалби муҳоҷирон аз кишварҳои ИДМ барои Федератсияи Россия манфиатовар аст, онҳо ба мардуми рус муносибати хуб дошта, забони русиро медонанд, сатҳи маълумоташон низ мувофиқ мебошад.

Вазъи демографӣ дар минтақа ташвишовар боқӣ мемонад: таваллуди паст, фавти баланд, коҳиши давомнокии умри онҳо, пеш аз ҳама, мардон. Ҳамаи ин омилҳо, аз қабили камшавии ҷараёни муҳоҷират боиси кам шудани шумораи умумии аҳолии вилояти Хатлон гардид.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии сифати зиндагӣ нишондиҳандаҳое мебошанд, ки бозори меҳнатро тавсиф мекунанд. Дар доираи таҳқиқот иқтидори меҳнати вилояти Хатлонро ба назар гирифта, сохтори онро бозгӯӣ намуда, шумораи бекоронро, аз ҷумла аз рӯйи соҳаҳои саноат муайян бояд кард.

Тавре зикр гардид, шумораи аҳолии вилояти Хатлон сол аз сол коҳиш меёбад. Ба ғайр аз ин, шумораи шахсони қобили меҳнат кам мешавад. Инҳо сабабҳои асосӣ мебошанд, ки ба туфайли онҳо дар вилояти Хатлон шумораи захираҳои меҳнатӣ кам мешавад.

Солҳои 2015-2021 иқтидори меҳнатӣ 9,9 фоиз зиёд шуд. Дар баробари ин, шумораи аҳолии синни қобили меҳнат дар ҳамин солҳо ба 10,2 фоиз зиёд шуд. Соли 2021 аҳолии бо кор таъминшуда 44,4 фоизи аҳолии дар синну соли қобили

меҳнатро ташкил медод, ҳол он ки дар соли 2015 он зиёда аз 46 фоизро ташкил медод.

**Ҷадвали 2.4. - Ҷараёни инкишоф ва таркиби захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳисоби ҳазор нафар**

| Солҳо | Захираҳои меҳнатӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз ҷумла: | | | |
| | | Аҳолии машғули кор | Аз қобили меҳнат хурд | Шахсони дар синну соли қобили меҳнат қарордошта |
| 2015 | 8551,2 | 2380 | 2938,9 | 5175,5 |
| 2016 | 8742,8 | 2384 | 3009,6 | 5273,2 |
| 2017 | 8931,2 | 2407 | 3063,6 | 5379,7 |
| 2018 | 9126,6 | 2426 | 3129,9 | 5473,9 |
| 2019 | 9313,8 | 2463 | 3191,0 | 5567,4 |
| 2020 | 9511,0 | 2506 | 3565,1 | 5674,6 |
| 2021 | 2886,8 | 2534 | 3600,0 | 5703,3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. - С.131-134.

Ҳамин тариқ, дар давраи мавриди тадқиқ коҳиш 1,6 фоизро ташкил дод. Танҳо ҳамин нишондиҳанда аз афзоиши бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад. Ҳамин хел нишондиҳандаҳо дар вилояти Хатлон низ мушоҳида карда мешавад. Ин нукта бевосита собит месозад, ки шумораи шахсони синни қобили меҳнат, бекорон дар иқтисодиёт дар солҳои 2015 - 2021 3168,0 ҳазор нафар ва ё ба миқдори 55,6 фоиз афзоиш ёфт. Афзоиши шумораи аҳолии аз қобили меҳнат хурд омили мусбат аст. Ин аз боло рафтани нуфузи соҳаи маориф ва умеди ҷавонон баояндаи нек далолат медиҳад.

Камшавии бештари шумораи кормандон дар корхонаҳои бахши нақлиёт, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо, неруи барқ, газ ва таъминоти об, суғуртаи вилояти Хатлон мушоҳида мешавад. Соли 2021 дар корхонаю ташкилотҳо 486,8 ҳазор нафар кор мекарданд, ки ин нисбат ба соли 2015 120,3 фоизро ташкил медиҳад. Дар соҳаи саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо камшавӣ аз 3,0 ҳазор нафари соли 2015 то ба 2,1 ҳазор нафарро дар соли 2021 ташкил додааст. Соли 2021 шумораи коргарон дар сохтмон то андозае афзуда, аз 3,5 ҳазор то ба 4,9 ҳазор нафар зиёд шудааст. Дар соҳаи кишоварзӣ таназзули боз ҳам бештар мушоҳида карда мешавад: солҳои 2015-2021 шумораи аҳолии машғули кор ба 21 % афзуда, он ба 310,6 ҳазор нафар

расидааст. Дар ташкилотҳои идоракунӣ шумораи кормандон якбора қариб 1,5 баробар афзудааст.

Бекорӣ ба як омили анъанавии бозори меҳнати муосир табдил ёфтааст. Аммо, ин навъи хизматрасониҳо ва шуғл аз онҳо ба таври назаррас фарқ мекунанд. Инро бо шартҳои бақайдгирии бекорон, сари вақт напардохтани кумакпулӣ барои бекорӣ, мушкилоти молиявӣ шарҳ метавон дод, ки дар ҷадвали 2.5. шумораи бекорон шарҳ дода шудааст.

**Ҷадвали 2.5. - Ҷараёни инкишофи бекорӣ дар вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2015 |
| Теъдоди бекорони қобили меҳнат ба ҳисоби ҳазор нафар | 2795,5 | 2889,2 | 2972,7 | 3047,9 | 3104,4 | 3269,5 | 3432,9 | 1,16 |
| Аз ин шумора статуси бекориро ба ҳисоби ҳазор нафар доранд | 24,8 | 21,0 | 18,9 | 16,0 | 15,0 | 14,6 | 15,0 | 0,58 |
| Ҳиссаи статуси бекоридошта аз ҳисоби теъдоди умумии аҳолии бекор % | 0,9 | 0,73 | 0,64 | 0,52 | 0,48 | 0,43 | 0,44 | 0,46 |

**Сарчашма:** Омори вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2022, С. 16

Шумораи бекороне, ки сатҳи бекориро доранд, дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 ба 9,8 ҳазор нафар кам шудааст. Агар дар соли 2015 барои гурӯҳҳои зикршуда ин нишондиҳанда 7,0%, 15,2%, 12,8% ва 64,6 фоизро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2021 мутаносибан 4,8%, 6,8%, 5,6% ва 82,8 фоизро ташкил додааст.

Умуман, шумораи бекорони ба қайдгирифташуда дар солҳои таҳлилӣ хеле кам шудаанд.

Дар байни шахсоне, ки чун бекор ба қайд гирифта шудаанд, дар соли 2021 77,3 %-ро шахсони маълумоти умумидошта ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015 ба 12,7% зиёдтар мебошад.

Дар соли 2015 шумораи бекороне, ки маълумоти миёнаи касбӣ дошта, дар шумораи умумии бекорони ба қайдгирифташуда 15,22 фоизро ташкил карда бошад, пас он дар соли 2021 то 10,6 фоиз коҳиш ёфтааст. Таҳлил нишон медиҳад,

ки аз ҳама вазни хоси камтарин дар шумораи бекорон ин шахсони маълумоти олидошта мебошанд, яъне дар соли 2021 ҳамагӣ 6,6 фоиз.

Шумораи бештари бекорони бақайдгирифташуда шахсоне мебошанд, ки маълумоти миёнаи умумӣ доранд. Сабаби ин омил он аст, ки барои одамони дорои маълумоти миёнаи касбӣ ё ин ки ибтидои касбидошта мувофиқи маълумоту касбашон ҷойи кор пайдо карда метавонанд, маълумоти касбӣ надошта бошанд, пайдо намудани ҷойи кор мушкилтар мебошад.

Сатҳи шуғлнокии аҳолӣ дар январи соли 2021 дар вилоят 50,8 ва сатҳи расмии бекорӣ 1,4 фоизро ташкил медиҳад.

Дар семоҳаи якуми соли 2021 аз ҳисоби ҳама сарчашмаҳо дар вилояти Хатлон 15976 ҷойи кории доимӣ, муваққатӣ, мавсимӣ ва иловагӣ таъсис дода шудааст, ки дар таносуб нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 (16423 ҷойи нави корӣ) 447 ҷой ё 2,7 фоиз кам мебошад.

Аз теъдоди умумии ҷойҳои кории таъсисдодашуда 3702 ҷой ба шахсони ҳуқуқӣ ва 12274 ҷой ба шахсони воқеӣ рост меояд.

**Хулосаи зербоби 2.1.**

Ҳамин тариқ, омӯзиши ҳаматарафаи вазъи иҷтимоию демографии аҳолии вилояти Хатлон имкон дод, ки динамикаи тағйирёбии он муайян карда шавад. Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки аҳолии вилоят ҳамасола қариб ба 750 ҳазор нафар зиёд мешавад. Сабаби зиёдшавии аҳолии вилояти Хатлон бошад, афзоиши табиии аҳолӣ мебошад.

Ҳалли мушкилоти амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалла вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиши раванди ташаккул ва тамоюли рушди соҳаи истеҳсоли ғалладонагӣ дар минтақа, асоснок намудани самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли ғалла, дастгирии давлатӣ бо мақсади такмил додани шароит барои истеҳсоли ғалладонагӣ дар кишвар, инчунин, ба ҳадди ақал расонидани воридоти ғалла ва орд аз хориҷи кишвар хеле муҳим мебошад.

Рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолоти он, аз ҷумла истеҳсоли гандум, на танҳо асоси фаъолияти

хоҷагидории истеҳсолкунандагон, балки як соҳаест, ки сатҳи рушди тамоми системаи иқтисодиро муайян менамояд. Дар робита ба ин, таҳлили вазъи имрӯзаи истеҳсоли ғалла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар шароити иқтисоди гузариш зарурати ташаккули муносибати навро нисбат ба ҳамгироии шароити табиӣ-иқтисодии истеҳсоли ғалладона ба вуҷуд меорад.

Рушди истеҳсоли ғалладона, ҳамчун яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ дар минтақаҳо ва хусусан дар вилояти Хатлон сахт вобаста аст.

Вилояти Хатлон имрӯзҳо яке аз минтақаҳои асосии кишоварзии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар ин минтақа зиёда аз 54%-и заминҳои кишти зироатҳои ғалладонагӣ ҷойгир буда, ҳамзамон 64% зироатҳои ғалладонагиро дар ин минтақа истеҳсол менамоянд.

Ислоҳоти аграрии дар кишвар амалигпрдида ба бартараф намудани монополияи давлатӣ ба замин, техника ва захираҳои истеҳсолӣ мусоидат намуда, сабаби ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият - давлатӣ, коллективӣ ва хусусӣ гардид.

Дар маҷмуъ, боло бардоштани даромади пулии аҳолии деҳот дар шароити муосир зарур ва саривақтӣ мебошад. Барои баланд бардоштани даромади пулии аҳолии деҳот дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ бояд усулҳои зерин истифода бурда шаванд:

- рушди минтақаҳои деҳот дар асоси инноватсионию индустриалӣ бо назардошти рушди соҳаи кишоварзӣ, ҷангал, обёрии заминҳои бекорхобида, шароити фурӯши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва дигар фаъолияти иқтисодии минтақа;

- ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ бо бахши хусусӣ бар зидди камбизоатӣ бо роҳҳои худтаъминкунии маҳсулоти озуқаворӣ, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ватанӣ;

- баланд бардоштани баҳои ҷамъиятии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, ташкили шароит барои васеъ намудани такрористеҳсоли қувваи корӣ дар асоси танзим ва

дастгирии давлатӣ ҷиҳати истеҳсол ва коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва саноатӣ.

## 2.2. Арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа

Таъминоти аҳолии кишвар бо маводи озуқаворӣ аз сатҳи иҷрои талаботи мардум ба маводи хӯрока дар доираи истеҳсолоти дохилӣ муайян карда мешавад. Албатта, дар ин ҷода маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқа, ки дар ҳудуди Тоҷикистон истеҳсол карда мешаванд, дар мадди назар гирифта шудааст. Таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти худӣ (ватанӣ) тавассути соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ роҳандозӣ мегардад. Комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи муҳимтарин ба шумор рафта, он дар таъминоти мардум бо маҳсулоти тару тоза нақши ҳалкунанда дошта, корхонаҳои ватаниро бо ашёи хоми хушсифат таъмин менамояд. Соҳаи кишоварзӣ, дар навбати худ, ду соҳаи алоқамандро дар бар мегирад: растанипарварӣ ва чорводорӣ ва дар ин замина, коркарди аввалияи маҳсулоти бахши чорводорӣ ва растанипарварӣ низ ба ҳамин соҳа тааллуқ доранд.

Аз рушди соҳаи кишоварзӣ сатҳи зиндагии мардум беҳбудӣ пайдо менамояд, ба мисли ҳаҷм ва сифати хуби озуқаворӣ, даромад ба сари аҳолӣ, таъминот ва хизматрасонии хуб, беҳбудии вазъи иҷтимоӣ. Дар ҳамаи давру замон соҳаи кишоварзӣ дар рушди босуботи кишвар нақши муҳим дошта, барои роҳандозӣ гардидани нақшаҳои давлатӣ дар соҳаи иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Соҳаи кишоварзӣ на танҳо соҳаи иқтисодӣ, балки омили ҷойгиршавии аҳолии кишвар дар манотиқи гуногун буда, дар ин замина фарҳанги маънавӣ, руҳияи миллӣ, хотираҳои таърихии халқ шакл мегирад. Ҳангоми арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва вазъи рушди иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар шароити таҳаввули коргузориҳои соҳа ба инобат гирифтани хусусиятҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, ба монанди мақсади истифодаи замин ба сифати манбаи асосии истеҳсолот, дар мадди назар гирифтани хусусияти мавсимии истеҳсолот ва дар ин асос истифодаи захираҳои моддӣ, қувваи корӣ ва маблағҳои муайян, гардиши сармоя, нигаҳдошти давраи корӣ, давраи фурӯши маҳсулот, таваккал намудан ҳангоми номусоидии

иқлим, корбурди ҷанбаҳои биологӣ ва табиӣ ҳангоми истеҳсолот муҳим ба шумор мераванд.

Дар ин маврид ба назар гирифтани асосҳои назарияи тағйироти илмӣ муҳим буда, дар ин раванд назорати давлатӣ дар рушди истеҳсолот (бо роҳи маблағгузорӣ, суғуртанамоӣ, батанзимдарорӣ), ташкили ширкатҳои агросаноатӣ, баҳисобгирии омилҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва техникӣ дар рушди иқтисоди босуботи инсонӣ омилҳои муҳим ба шумор мераванд.

Мутаносибан, таҳлили сифати зиндагии аҳолии вилояти Хатлон бояд аз омӯзиши ин қисми таркибии нишондиҳандаҳо оғоз шавад. Сатҳи зиндагии аҳолиро метавон бо истифода аз маҷмуи арзишҳое арзёбӣ кард, ки дараҷаи истеъмоли неъматҳои моддӣ ва маънавиро аз ҷониби аҳолӣ инъикос мекунанд. Дараҷаи зиндагии имрӯза ба таҳлили даромади бадастомадаи аҳолӣ, қобилияти харидории онҳо ҳамчун баробар ба арзиши зиндагӣ асос ёфтааст. Таҳлили сатҳи зиндагии аҳолӣ бояд аз арзёбии даромад оғоз шавад, зеро бе онҳо ягон имтиёз гирифтан ва истеъмол кардан ғайриимкон аст. Маълумот дар бораи даромади аҳолӣ ба шумораи нишондиҳандаҳое дохил мешавад, ки рушди иқтисодиро тавсиф мекунанд.

Яке аз муҳимтарин манбаъҳои даромади аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнат мебошад. Агар соли 2011 ҳиссаи музди меҳнат дар даромади умумӣ 42,6 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли 2013 он аллакай 44,01 фоизро ташкил дод. Бояд қайд намуд, ки соли 2021 ҳиссаи музди меҳнат дар даромади аҳолии Тоҷикистон ҳамагӣ 46,11 фоизро ташкил дод, вале бо вуҷуди афзудани ҳиссаи музди меҳнат дар даромад қобилияти харидорӣ коҳиш ёфта истодааст. Агар дар соли 2015 ба маоши миёнаи моҳона 5,2 маҷмуи минималии барои зиндагӣ муҳимро харидорӣ кардан мумкин бошад, дар соли 2018 бо ин маблағ бештар аз 3,5 ва дар соли 2021 ҳамагӣ 2,6 фоизро харидорӣ кардан мумкин буд.

Бо вуҷуди ин, музди меҳнат дар баробари боқӣ мондани манбаи асосии даромади пулии аксарияти аҳолии қобили меҳнат нақши худро ҳамчун манбаи асосӣ гум кардааст.

Аз тарафи дигар, дар даромади умумии аҳолӣ ҳиссаи дигар даромадҳо доимо тағйир меёбад. Ба дигар даромадҳо, пеш аз ҳама, даромадҳо аз фаъолияти соҳибкориро низ дохил кардан лозим аст.

**Ҷадвали 2.6. - Таносуби музди миёнаи моҳона ва ҳадди ақалли зиндагӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Маоши ҳадди ақал ба ҳисоби сомонӣ | Музди миёнаи ҳармоҳа ба ҳисоби сомонӣ | Миқдори маҷмуи муҳимоти зиндагӣ, ки бо музди миёнаи меҳнат харидан мумкин аст |
|---|---|---|---|
| 2015 | 250 | 645,05 | 5,2 |
| 2016 | 400 | 714,13 | 4,8 |
| 2017 | 400 | 843,39 | 4,2 |
| 2018 | 400 | 913,30 | 3,5 |
| 2019 | 400 | 998,54 | 2,9 |
| 2020 | 400 | 1053,78 | 2,5 |
| 2021 | 600 | 1143,19 | 1,9 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. - С.133.

Тибқи маълумоти ҷадвали 2.6. маълум мегардад, ки нишондиҳандаҳои омории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон агар соли 2015 ҳиссаи ин даромадҳо 29,0 фоизро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2021 аллакай 56,9 фоизро ташкил додааст [3].

Афзоиши ин даромадҳо назаррас гардида, ҳиссаи онҳо аз ҳиссаи музди кор дар маблағи умумии даромад зиёд буд.

Аз ин таҳлилҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аҳолӣ на танҳо аз ҳисоби меҳнат даромад мегирад, балки ҳиссаи дигар манбаъҳои даромад низ меафзояд ва ин даромадҳоро ба музди кор илова мекунад. Аммо дар айни замон бо кам шудани музди воқеӣ даромадҳои дигар ҳаётан муҳим мебошанд.

Дар вилоят ба ҳолати аввали соли 2021 музди миёнаи меҳнати баланд дар шаҳри Норак 1905,6 сомонӣ, ноҳияҳои Данғара 1535,8 сомонӣ, Ховалинг 1430,6 сомонӣ ва музди миёнаи меҳнати паст дар ноҳияҳои Муъминобод 871,8 сомонӣ ва Фархор 873,9 сомонӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ин рӯ, номутаносибии музди меҳнат дар сатҳи минтақаҳо бо сабаби номутаносибии соҳаҳои иқтисодӣ дар шаҳру ноҳия вуҷуд дорад.

Яке аз нишондиҳандаҳои умумии сифати зиндагии аҳолӣ таносуби даромади пулии аҳолӣ ва ҳаҷми ҳадди ақалли зиндагӣ мебошад. Солҳои 2015-2021 дараҷаи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон хеле баланд шудааст.

Даромади пулии аҳолии вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2021 якбора афзуд. Агар соли 2015 даромади пулии аҳолӣ 1943,8 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2019 – 3270,2 ҳазор сомонӣ, соли 2021 бошад, 5565,0 ҳазор сомониро ташкил дод.

Умуман, дар давоми солҳои таҳлилшаванда даромади пулӣ қариб 2,4 баробар афзуд. Аммо бо итминони комил метавон гуфт, ки ин афзоиш на аз беҳбудии зиндагии мардум, балки равандҳои таваррумӣ дар иқтисоди давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст. Суръати афзоиши даромади пулии аҳолиро дар солҳои 2015-2021 дида мебароем.

Таҳлил аз рӯйи манбаъҳои зерини даромад гузаронида шудааст: музди меҳнат, даромади коргарон ва хизматчиён аз корхонаю ташкилотҳо, ба ғайр аз музди меҳнат, дараҷаи гуногуни иҷтимоӣ, даромади аҳолӣ аз моликият, даромад аз низоми молия, даромад аз фурӯши асъор, дигар даромадҳо, маблағи тавассути интиқолдиҳандагон бадастомада.

Бояд қайд кард, ки афзоиши даромади пулии аҳолӣ солҳои 2008-2010 ба амал омад. Чунин суръати баланди афзоиш, пеш аз ҳама, ба сатҳи баланди таваррум дар солҳои баррасишаванда вобаста аст. Солҳои 2019-2021 ҷараёни беқурбшавӣ паст шуд ва аз ин сабаб, ҷараёни танзими амалиёти асъорӣ то андозае муътадил гардид. Дар ин солҳо даромад аз ҳисоби даромади инфиродӣ назар ба соли гузашта зиёд шуд. Ин ба чунин манбаъҳои даромад, ба монанди «Даромадҳои меҳнатӣ», «Даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ» ва «Даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ» дахл дорад.

Барои таҳлили пурра ва муфассалтар сохтори даромади пулии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бояд омӯхт. Дар байни даромадҳои пулӣ ҳиссаи калонтарин музди меҳнат мебошад. Ба он қариб 46-47% тамоми даромади аҳолӣ рост меояд. Ҳиссаи хеле калонро ду нишондиҳандаи дигар ишғол мекунад: даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ, нафақа, ёрдампулӣ ва стипендия ҳиссаи ин

нишондиҳандаҳо дар ҳаҷми умумии «арзиши даромади пулӣ» беш аз 90 фоизро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои дигари даромад на бештар аз 10 фоизи маблағи умумии даромадро ташкил медиҳанд.

Аз се гурӯҳи мавриди баррасӣ қарордошта устувортарин гурӯҳи самти иҷтимоӣ буд. Ҳиссаи он аз 5,6 фоиз то 6,8 фоизро ташкил дод. Даромади умумии аҳолӣ худ бозгӯи сатҳи зиндагӣ буда наметавонад. Тавассути муқоисаи миқдори даромаду хароҷоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили амиқи илмиро метавон ба сомон расонид. Дар баробари даромад маблағи хароҷот сол то сол хеле зиёд мешавад.

Дар давоми солҳои таҳлилӣ он нисбатан афзуд. Афзоиши бештари хароҷот дар солҳои 2012 ва 2013 ба вуқуъ пайваст. Чунин банди хароҷоти аҳолӣ, аз қабили «Харидани асъори хориҷӣ» 47 маротиба зиёд шудааст. Аммо ҷолиб он аст, ки дар соли 1998 маблағи хароҷот барои ба даст овардани асъори хориҷӣ нисбат ба соли 2008 хеле кам шудааст. Албатта, дар натиҷаи оқибатҳои буҳрони моҳи августи соли 1998 то соли 2001 вазъият дар бозори фондӣ тадриҷан муътадил шуд ва маблағи аз ҷониби аҳолӣ барои хариди асъори хориҷӣ ҷудошуда ба таври назаррас афзоиш ёфт.

Тадриҷан муътадил гардонидани хароҷот аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳо ғайриимкон мебошад. Солҳои 2018-2021 афзоиши хароҷот аз 100 фоиз андаке зиёд шуда, дар баъзе самтҳо камшавӣ мушоҳида карда мешавад. Камшавии шадидтаринро дар соли 2018 дар банди «Афзоиши пасандозҳо ва пасандозҳои коғазҳои қиматнок» мушоҳида метавон кард. Ин коҳиши эътимод ба давлат ва ниҳодҳои молии онро нишон медиҳад.

Бояд гуфт, ки чунин ҳиссаи зиёди хароҷот барои хариди мол сатҳи зиндагонии аҳолии мамлакатро манфӣ арзёбӣ мекунад. Як бахши хурд, вале мунтазам афзоишёбанда ин «Пардохти хизматрасонӣ ва дигар хароҷот» мебошад. Агар соли 2015 вазни киёсии ин банд 14,7 фоизро ташкил дода бошад, пас соли 2021 он аллакай 17,3 фоизро ташкил дод, ки ин омил ба афзоиши доимии пеш аз муҳлати арзиши хизмати коммуналӣ вобаста аст.

Ҳамин тариқ, сохтори хароҷоти хонаводаҳо дар давраи таҳлилшуда нисбат ба сохтори даромад устувортар боқӣ монд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муносибатҳои нави иқтисодие, ки дар кишвар солҳои 90-ум ба вуҷуд омадаанд, барои ба даст овардани даромад имкони васеъ фароҳам меоранд. Аммо хусусияти манфии ин раванд дар он аст, ки нақши музди меҳнат дар таъмини сатҳи зиндагии аҳолӣ хеле паст шудааст. Марҳалаи навбатии таҳлили сатҳи зиндагии аҳолӣ ин муайян кардани арзиши қисми шартан озоди даромади миёна ба ҳар як сари аҳолӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин маблағи даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ ва хароҷоти ҳатмиро ба ҳар як сари аҳолӣ бояд муайян кард. Ба гурӯҳи «Хароҷоти хазинавии ҳатмӣ» бандҳои зерини хароҷот дохил мешаванд: харидани мол; пардохт барои хизматрасонӣ ва дигар навъи хароҷот; пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳиссагузориҳои гуногун.

Барои муайян кардани арзиши қисми шартан озод нишондиҳандаҳои зеринро истифода бурдан лозим аст: даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ ва маблағи хароҷоти ҳатмӣ ба сари аҳолӣ (Нигаред ба ҷадвали 2.7.).

**Ҷадвали 2.7. - Муайян намудани андозаи қисми шартии даромади пулии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Даромад ба сари аҳолӣ бо сомонӣ | Хароҷоти ҳатмии аҳолӣ ба ҳисоби сомонӣ | Қисми шартан озоди даромади аҳолӣ ба ҳисоби сомонӣ | Ҳиссаи шартан озоди даромади аҳолӣ ба ҳисоби % |
|---|---|---|---|---|
| 2015 | 225,62 | 265,68 | -40,06 | -15,1 |
| 2016 | 351,14 | 321,36 | 29,78 | 9,27 |
| 2017 | 374,12 | 329,68 | 44,44 | 13,5 |
| 2018 | 409,78 | 358,49 | 51,29 | 14,3 |
| 2019 | 475,72 | 429,89 | 45,83 | 10,7 |
| 2020 | 518,19 | 649,09 | -130,9 | -25,3 |
| 2021 | 684,47 | 783,15 | -108,98 | -15,9 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. –С.326-329.

Дар асоси маълумоти ҷадвали 2.7. метавон мушоҳида кард, ки дар соли 2015 арзиши қисми шартан озоди даромади воқеии ихтиёрӣ ба ҳар сари аҳолӣ манфӣ буда, дар соли 2021 ин нишондиҳанда -108,98 сомониро ташкил дода, он аз солҳои пешин қариб нисбатан камтар мебошад.

Ин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муқоисаи ин арзишҳо дар шароити мутлақ ғайриимкон мебошад. Барои баҳодиҳии объективӣ бояд ҳиссаи қисми шартан озод дар даромади умумии ҳар як сари аҳолӣ муайян карда шавад. Сарфи назар аз якбора афзудани арзиши мутлақи қисми номиналӣ дар даромади миёнаи ҳар сари аҳолӣ, ҳиссаи он хеле устувор боқӣ мемонад. Ҳиссаи қисми номиналии озоди даромади пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳудуди 15,1-28,2 фоиз фарқ мекунад. Ҷолиб он аст, ки дар солҳои охир хеле кам шудани ҳиссаи қисми шартан озод ба амал меояд. Агар соли 2018 ин 14,3 фоизро ташкил дода бошад, пас аллакай дар соли 2019 10,7 фоизро ташкил дод. Дар соли 2021 ҳиссаи қисми шартан озоди даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар давраи таҳлилшаванда хеле паст, яъне он 15,9 фоизро ташкил дод. Чунин ноустувории арзиши қисми шартан озоди даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ аз вазъи мураккаби иқтисодии кишвар дар бахшҳои ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ, таъхир дар додани музди меҳнат ва ғайра тавсиф дода мешавад.

Рушди мутавозини минтақаҳои кишвар яке аз самтҳои бунёдии сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамчун заминаи низоми ягонаи рушди устувор, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул арзёбӣ мегардад.

Ҳамчунин, яке аз сатҳҳои асосии ба роҳ мондани ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун нуқтаи ниҳоии илова кардани тамоми саъю кӯшишҳои ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок дида баромада мешавад: таъмини сатҳи бехатарии энергетикӣ ва озуқавории қобили қабул, рушди имкониятҳои коммуникатсионии мамлакат ва васеъ кардани шуғли пурмаҳсул.

Дар маҷмуъ, дар сатҳи минтақаҳои калони мамлакат дар давраи татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020 динамикаи мусбат дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба мушоҳида мерасад:

Камбизоатӣ дар маҳаллаҳои деҳот аз 35,2% дар соли 2015 то 30,1% дар соли 2019, дар шаҳрҳо аз 23,2% то 18,4% паст гардид.

Арзёбӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра суръати пастшавии камбизоатӣ дар ВМКБ (9,7 банди фоизӣ), вилоятҳои Суғд (6,9 банди фоизӣ), Хатлон (3 банди

фоизӣ) НТҶ (4,9 банди фоизӣ) ба қайд гирифта шудаанд. Дар робита ба ин, ҳарчанд сатҳи камбизоатӣ дар шаҳри Душанбе (2,4 банди фоизӣ) мутаносибан паст бошад ҳам, зарурати вусъатдиҳӣ ва натиҷабахшии фаъолнокии иқтисодӣ, аз ҷумла таъсиси ҷойҳои кории пурмаҳсулро тақозо мекунад (диаграммаи 2.1).

**Диаграммаи 2.1. - Сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои кишвар, %**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф аз рӯйи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст.

Тибқи маълумоти оморӣ ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 ба андозаи 50,6 фоиз, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе 20,7 фоиз, вилояти Суғд 2,5 баробар, Хатлон 58,7 фоиз, ВМКБ 1 баробар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1,2 баробар афзоиш ёфтааст, ки ин тамоюли устувори рушди муттасили иқтисодиёти минтақаҳои кишварро нишон медиҳад. Афзоиши ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ба мушоҳида мерасад, ки саҳми худро ба афзудани Шохиси рушди инсонӣ гузошт (диаграммаи 2.2).

**Диаграммаи 2.2. - Шохиси рушди инсонӣ дар миқёси минтақаҳои кишвар**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф аз рӯйи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст.

Динамикаи мусбати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар ба мушоҳида расида, пешравиҳо дар сохтори минтақавии саноат ба назар мерасад. Ҳиссаи вилояти Суғд дар ҳаҷми умумии истеҳсоли саноатӣ зиёд гардидааст (диаграммаи 2.3).

**Диаграммаи 2.3. - Сохтори минтақавии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, %**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф аз рӯи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз эълон намудани саноаткунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар шумораи корхонаҳои саноатӣ рӯ ба афзоиш ниҳод. Ҳамзамон, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳои ҷумҳурӣ афзоиш ёфта, боиси таъмини бозори дохила ва содирот ба кишварҳои ҳамсоя гардид, ки дар натиҷа ҳаҷми содирот дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 ба андозаи 6% боло рафт. Аммо, вобаста ба ин, номутаносибии байни минтақаҳои мамлакат, махсусан маҳаллаҳои деҳот нигоҳ дошта мешавад. Нобаробар ҷойгир шудани қувваҳои истеҳсолӣ дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо, шаҳракҳои навъи шаҳрӣ ва деҳаҳо инъикос меёбанд. Наздики 27 ноҳияи маҳаллии мамлакат аз сабаби суст будани ҷаззобияти сармоягузорӣ, фаъолнокии соҳибкорӣ, ҷойгиршавии истеҳсолот ва расонидани хизматрасониҳо барои рушди инноватсионии дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузоштаашуда камтар омодабуда ба ҳисоб мераванд.

Бояд қайд намуд, ки чунин нишондиҳандаҳо дар вилояти Хатлон низ мушоҳида карда мешавад. Дар асоси нишондиҳандаҳои ҳиссаи қисми шартан озод метавон гуфт, ки сатҳи зиндагии мардуми вилояти Хатлон дар солҳои охир каме боло рафтааст.

Баҳодиҳии объективии дараҷаи зиндагонии аҳолӣ ба таносуби хароҷоти хариди озуқа ва маблағи умумии даромад ёрӣ мерасонад. Ин нишондиҳандаи хеле дақиқ аст. Арзиши ин нишондиҳанда ҳар қадар баланд бошад, сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар паст мешавад.

Агар ҳиссаи шартан озоди қисми даромади пулии миёна ба ҳар як сари аҳолӣ ва нишондиҳандаи сатҳи зиндагиро дар алоқамандӣ ба назар гирем, метавон қайд кард, ки сарфи назар аз хеле кам шудани таносуби даромад ба сари аҳолӣ ва дараҷаи зиндагӣ ҳиссаи он аз даромад ба таври назаррас тағйир намеёбад. Ин омилро ба он мансуб метавон донист, ки дар даҳсолаи охир талаботи аҳолӣ бо сабаби ноустувории бозор хеле тағйир ёфт. Аз ин рӯ, бо тағйироти навбатӣ дар сиёсати иқтисодии давлат истеъмолкунандагон эҳтимолан ба хариди молҳои арзонтар гузашта, онро аз бозору мағозаҳои яклухт мехаранд, на аз дӯконҳо.

Барои баҳодиҳии сифати ҳаёти аҳолӣ, ба ғайр аз сатҳи зиндагӣ, нишондиҳандаҳое истифода мешаванд, ки вазъи демографӣ, шароити истироҳат ва зиндагӣ, нишондиҳандаҳои бозори меҳнат, сифати меҳнат, амнияти экологӣ ва ҷамъиятиро тавсиф мекунанд.

Сатҳи зиндагӣ дар минтақа пайваста рӯ ба болоравӣ дорад. Барои мукаммалтар арзёбӣ намудани ин раванд бозори меҳнат, шароити зист ва вазъи иҷтимоиву экологии минтақаро ба таври мукаммал бояд омӯхт. Ба таври намуна, фонди манзили вилояти Хатлон соли 2020 17,3 миллион метри мураббаъро ташкил дод. Он дар шаҳр 58 фоиз ва дар деҳот 42 фоиз аст.

Дар солҳои омӯхташаванда манбаъҳои об нисбат ба солҳои қаблӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои бузурги оби тозаи нӯшокӣ мавҷуд буда, нақши онҳо дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар бағоят муҳим мебошанд.

Захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои мелиоратсия ва обёрӣ ва истеҳсоли тақрибан 80%-и маҳсулоти кишоварзӣ, таъминоти оби нӯшокӣ ва санитария, саноат ва моҳипарварӣ истифода бурда мешаванд, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои босифат нақши муҳим дорад.

Ин захираҳо, ҳамчунин, дар таъмини шуғлнокии аҳолӣ низ саҳмгузор мебошанд. Рушди устувори соҳаҳои мелиоратсия ва обёрӣ, кишоварзӣ ва саноат ҷойҳои нави кориро ташкил менамоянд. Соҳаҳои мелиоратсия ва обёрӣ, кишоварзӣ муҳиммияти бештарро касб мекунанд, зеро қисмати зиёди аҳолии деҳоти кишварро бо шуғл таъмин менамояд.

Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 90% аз минтақаҳои ташаккулёбандаи маҷрои дарёҳо иборат буда, асоси захираҳои обии кишварро пиряххо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо ва обҳои зеризаминӣ ташкил медиҳанд.

Суръати миёнасолонаи маҷрои дарёҳо дар кишвар ба 64 км$^3$, аз ҷумла дар ҳавзаи дарёи Аму ба 62,9 км$^3$ ва ҳавзаи Сирдарё ба 1,1 км$^3$ дар як сол баробар мебошад. Оби дарёҳои Тоҷикистон 55,4 фоизи ҳаҷми миёнаи солонаи оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил менамоянд.

Боришоти миёнаи солона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан ба 760 мм-ро баробар буда, дар баъзе минтақаҳои ҷанубии кишвар ин шумора то 100 мм ва дар ноҳияҳои баландкӯҳи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то ба 2400 мм тағйирёбанда мебошад.

Вазъияти манфии имрӯзаи иқтисодӣ дар вазъи афзоиши ҷинояткорӣ низ ифода меёбад. Дар давоми солҳои таҳлилшуда ҷинояткорӣ 2,4 маротиба афзудааст. Бояд гуфт, ки дар соли 2010 сатҳи ҷинояткорӣ пасттар буда, он ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ 131,6 нафарро ташкил дод. Аммо дар соли 2015 вазъ тағйир ёфт ва ҷиноятҳо бар зидди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахс ва ҳам бар зидди молу мулк афзоиш ёфтанд. Дар соли 2021 вазъият боз ҳам мураккаб шуда, шумораи ҷиноятҳо ба ҳар 100 ҳазор нафар 208,8 нафарро ташкил дод [3, с. 702].

Шумораи бештари ҷиноятҳоро дуздӣ 2118 дар соли 2021 ташкил додааст. Инчунин, шумораи ҷиноятҳо, аз қабили куштор нисбат ба соли 2015 76,2%,

расонидани зарар ба саломатӣ 21,0%, ғоратгарӣ 34,6%, қаллобӣ, авбошӣ, пештар ҷиноят содиркарда, ғайриқонунӣ нигоҳ доштани ярок, нигоҳдорӣ ё фурӯши маводи нашъаовар низ рӯ ба афзоиш доранд [31, с. 155].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҷиноят ба муқобили саломатӣ, ҳаёт ва шаъну шарафи одам мунтазам меафзояд, ҷиноят ба муқобили амвол низ хеле зиёд шудааст.

**Хулосаи зербоби 2.2.**

Ҳамин тариқ, сифати ҳаётро, ки бо низоми нишондиҳандаҳои баррасишаванда тавсиф мешавад, дар маҷмуъ дар вилояти Хатлон метавон паст ва муътадил арзёбӣ кард. Аз соли 2015 нишондиҳандаҳои иқтисодӣ беҳтар шудаанд, вале рушди бозори меҳнат ва вазъи ҷинояткорӣ ба пешрафти самтҳои алоҳида монеа эҷод менамоянд.

Нишондиҳандаҳои иқтисодию ичтимоии овардашуда сатҳу сифати зиндагии аҳолиро пурра нишон намедиҳанд. Барои объективона баҳо додан ба сифати зиндагӣ бояд вазъи экологӣ ва сатҳи ҷинояткорӣ дар вилояти Хатлон омӯхта шавад. Бо гузашти вакт дар вазъи экологии вилояти Хатлон тағйироти ночиз, вале мусбат ба амал меоянд.

Умуман, дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи муаллиф арзёбии сифати ҳаёт дар асоси шароити мавҷудаи вилояти Хатлон имконпазир гардид. Дар оянда ин раванди мураккабро барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои сифати зиндагии аҳолии вилоятҳои дигари кишвар метавон тавсия кард.

## 2.3. Ҳамбастагии сатҳи зиндагӣ, тафриқабандии он ва самаранокии фаъолияти иқтисодиёти минтақавӣ

Бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 ва ҳамин гуна барнома дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои он татбиқ гардид. Инчунин Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025 низ амалӣ шуда истодааст.

Бояд қайд кард, ки барои баланд бардоштани сатҳи зиindагии аҳолии вилоят дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 амалишавии 279 лоиҳа бо маблағи умумии зиёда аз 10 млрд сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки 34 лоиҳа ба маблағи 850,5 миллион сомонӣ ба соҳаи кишоварзӣ, 74 лоиҳа ба маблағи 5049,5 миллион сомонӣ ба саноат ва энергетика, 9 лоиҳа ба маблағи 15,4 миллион сомонӣ ба туризм ва хизматрасонӣ, 24 лоиҳа ба маблағи 3254,3 миллион сомонӣ ба соҳаи нақлиёт ва роҳдорӣ, 7 лоиҳа ба маблағи 3,3 миллион сомонӣ ба соҳаи алоқа, 22 лоиҳа ба маблағи 92,7 миллион сомонӣ ба соҳаи маориф ва илм, 38 лоиҳа ба маблағи 221,6 миллион сомонӣ ба соҳаи тандурустӣ, 12 лоиҳа ба маблағи 198,7 миллион сомонӣ ба соҳаи фарҳанг, 10 лоиҳа ба маблағи 97,6 миллион сомонӣ ба соҳаи варзиш, 6 лоиҳа ба маблағи 16,0 миллион сомонӣ ба соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, 7 лоиҳа ба маблағи 186,3 миллион сомонӣ барои таъминоти оби нӯшокӣ ба аҳолӣ, 15 лоиҳа ба маблағи 383,2 миллион сомонӣ ба КВД «Хоҷагии манзилии коммуналӣ», 7 лоиҳа ба маблағи 72,6 миллион сомонӣ ба ҳифзи муҳити зист ва 15 лоиҳа ба маблағи 176,7 миллион сомонӣ ба соҳаи ҳолатҳои фавқулода дар назар дошта шуда буд. Дар панҷ соли татбиқи барномаҳо 129 лоиҳа ба маблағи беш аз даҳ миллиард сомонӣ пурра ё қисман анҷом дода шуд. Дар 150 лоиҳаи боқимонда корҳо иҷро нашудаанд. Рафти иҷрои Барнома дар бисёр соҳаҳо, аз ҷумла варзиш, ҳолатҳои фавқулода, фарҳанг, маориф ва илм, кишоварзӣ, бунёди корхона ва коргоҳҳои саноатӣ, азнавтаҷҳизонии онҳо, хизматрасонӣ ва туризм, нақлиёт ва роҳнигоҳдорӣ пурра таъмин нагардидааст.

Таъмини иҷрои барномаҳои шаҳру ноҳияҳо низ қонеъкунанда нест. Аз ҷумла, иҷрои барномаи қаблии рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Панҷ 26,8 фоиз, Кӯшониён 28,8 фоиз, Темурмалик 32,6 фоиз, Восеъ 34,4 фоиз, Левакант 37,4 фоиз, Хуросон 39,6 фоиз, Балҷувон 43,3 фоиз, Шамсиддин Шоҳин 43,5 фоиз ва Вахш 49,4 фоиз барои солҳои то 2020 таъмин гардидааст [11, с.16-17].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки сабабҳои асосии пурра иҷро нагардидани барномаҳо ин маблағгузории нокифояи чорабиниҳо аз ҳисоби сармояи дохилию хориҷӣ ва қарзҳои бонкӣ, дар сатҳи зарурӣ иҷро нагардидани бандҳои нақшаи

чорабиниҳои барномаҳо аз ҷониби вазорату идораҳои масъул ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои дахлдор, норасоии кадрҳои тахассусноки соҳавӣ ва набудани сохторҳои мутасаддӣ дар самти мониторинг ва арзёбии татбиқшавии барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ мебошанд.

Ҳоло барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои вилоят барои солҳои 2021-2025 таҳия гардида, амалӣ гардида истодааст, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонанд. Дар ин самт мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бояд якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, инчунин, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ татбиқи сифатнок ва саривақтии барномаро таъмин намоянд.

Бояд қайд намуд, ки тафовути сатҳи зиндагонии аҳолии шаҳру деҳот ба шакли ягонаи тараққиёти иқтисодиёт ва бунёди иҷтимоии он вобаста аст. Бе тараққиёти сатҳи иҷтимоии деҳот ба мақсади бузурги иқтисодӣ ноил шудан мумкин нест. Дар аввали солҳои 90-ум дар кишвар бо сабаби тағйироти куллии иқтисодиёти мамлакат дар соҳаи кишоварзӣ хавфи заъф ва таъсироти манфӣ дар самти иҷтимоӣ ба миён меояд.

Бо сабаби нарасидани захираҳои молиявӣ бунёди объектҳои нав ба таъхир афтод. Аз соли 1998 ҳаҷми сохтмони объектҳои иҷтимоӣ сол то сол зиёд шуда истодааст.

То соли 1998 шумораи мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои томактабии нав ба истифода додашуда хеле кам карда шуд. Агар дар соли 1992 дар вилоят 1002 адад муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вуҷуд дошта бошад, шумораи онҳо дар соли 2020-ум ба 1354 адад ё ин ки ба 34,1% зиёд шудааст [31, с.35].

Шумораи катҳои беморхонаҳо дар клиникаҳо ва беморхонаҳои нав дар солҳои 1991-1993 зиёд буда, шумораи онҳо 16595 катро ташкил мекард. Аз соли 1994 сар карда, шумораи онҳо сол ба сол кам шуда истодааст. Агар дар соли 1993 шумораи катҳои беморхонаҳо дар вилояти Хатлон 16595 ҷойро ташкил карда

бошад, пас дар соли 2010 шумораи онҳо то 11079 кати хоб ва ё ба 33,3% кам шудааст. Аз соли 2011 сар карда, шумораи катҳои беморхонаҳо боз зиёд шуда, дар соли 2020 13116 катро ташкил дод. Бояд қайд намуд, ки дар давраи таҳлилӣ ба ташкили кумаки аввалияи тиббӣ аҳаммияти мушаххас дода шудааст. Дар соли 2020 нисбат ба соли 2000 шумораи онҳо аз 362 воҳид то 1202 воҳид ё ин ки ба 3,3 маротиба зиёд шудааст [31, с.38].

Даромади аҳолии шаҳру деҳот аз ҳамдигар хеле фарқ мекунад. Инро бо таркиб ва сохтори гуногуни онҳо шарҳ метавон дод. Агар аҳолии шаҳр даромади асосиро аз музди меҳнат ба даст орад, пас даромади аҳолии деҳотро бештар заминҳои наздиҳавлигӣ ташкил медиҳад.

Ин даромади аҳолии деҳот бо дарназардошти афзалиятнокии ин соҳа дар тамоми минтақа аҳаммияти калон пайдо мекунад. Масалан, таҳлил нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2015-2021 музди кор дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт камтар буд. Илова бар ин, агар дар соли 2015 музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ 29,0 фоизи музди меҳнати саноати коркардро ташкил дода бошад, пас дар соли 2019 он 54,4 фоиз ва соли 2021 31,1 фоизро ташкил дод.

Дар кишлокҷойҳо роҳандозӣ намудани навъҳои гуногуни муассисаҳои маишӣ назар ба шаҳр хеле кам мебошад. Метавон гуфтан, ки дар деҳот корҳои ободонӣ хеле суст ба роҳ монда шудааст. Таъминоти газ ба дараҷаи хеле паст мебошад.

Бунёди манзили истиқоматӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки омили асосии он бо маблағ таъмин намудани соҳаи иҷтимоӣ бевосита ба зиммаи соҳаи кишоварзӣ вогузор карда шудаанд. Барои зиёд кардан ва тезондани суръати сохтмони манзил аз гарав истифода бурдан лозим аст. Аммо агар бо ёрии қарз сохтмони манзилро ҳал кардан мумкин бошад, пас барои тараққӣ додани инфрасохтори иҷтимоӣ он маблағгузории давлатро талаб мекунад.

Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан вилояти Хатлон барои солҳои 2012-2020 барномаи мукаммал қабул карда шудааст. Натиҷаи ниҳоии кори

ҳамаҷониба дар соҳаи иҷтимоӣ бояд эҳёи манзил дар деҳот, бунёди макони обод бо тамоми шароит барои истиқомати чанд насли оила бошад.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.8. бармеояд, ки музди меҳнати миёнаи номиналии кормандон дар вилояти Хатлон нисбат ба музди меҳнати миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан паст мебошад. Агар музди меҳнати ҳамаи кормандони вилоят дар соли 2015 нисбат ба нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ 36,2% паст бошад, дар соли 2021 нисбатан камтар шуда, 34,8%-ро ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.8. - Музди меҳнати миёнаи номиналии кормандон дар вилояти Хатлон, сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2021 / 2015 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ҳамаи шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ | 645,05 | 714,13 | 843,39 | 913,33 | 998,54 | 1053,78 | 1143,19 | 177,2 |
| Аз ҷумла: кишоварзӣ, шикор ва дигар хизматҳои ба ин алоқаманд | 290,50 | 292,93 | 369,16 | 427,61 | 488,40 | 511,33 | 537,29 | 184,9 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди онҳо | 1696,37 | 1558,78 | 1638,24 | 2050,12 | 1939,25 | 2022,45 | 2105,23 | 124,1 |
| Саноати коркард | 765,62 | 967,31 | 112,13 | 1465,51 | 1520,17 | 1490,51 | 1574,80 | 1205,6 |
| Сохтмон | 1274,16 | 1424,59 | 1107,49 | 1287,49 | 1476,93 | 1578,86 | 1735,46 | 136,2 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо | 560,93 | 624,82 | 661,70 | 789,98 | 859,01 | 810,98 | 901,44 | 160,7 |
| Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа | 737,61 | 771,84 | 762,40 | 769,94 | 826,61 | 843,83 | 1072,24 | 145,3 |
| Фаъолияти молиявӣ | 1539,51 | 1521,28 | 2074,85 | 2262,40 | 2524,12 | 2612,44 | 2890,57 | 187,7 |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул, иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ | 1358,82 | 830,58 | 857,33 | 983,69 | 1064,12 | 1039,85 | 1140,52 | 83,93 |
| Мақомоти давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 737,83 | 859,45 | 800,85 | 869,89 | 898,47 | 1048,75 | 1057,21 | 1143,2 |
| Маориф | 657,37 | 733,03 | 811,12 | 833,0 | 940,34 | 995,85 | 1107,40 | 168,4 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 625,89 | 682,35 | 757,34 | 783,47 | 827,74 | 880,76 | 920,06 | 147,0 |
| Дигар хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ | 641,02 | 776,56 | 977,08 | 1032,84 | 1087,22 | 1057,16 | 1637,81 | 255,5 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон, солҳои 1991-2021, С.127-131.

Музди меҳнати аз ҳама пасттарин чун дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ мушоҳида карда мешавад. Дар соли 2015 музди меҳнати кормандони ин соҳа 45,1% музди меҳнати кормандони

ҳамаи шакли фаъолияти иқтисодиро ташкил карда бошад, дар соли 2021 нисбатан боло рафта 47,0%-ро ташкил медиҳад.

Дар соли 1991 сохтори даромади пулии оилаҳои шаҳру деҳот низ фарқ мекард, вале тафовути байни онҳо чандон ҷолиб набуд. Дар он вақт ҳиссаи музди меҳнат дар оилаҳои шаҳр назар ба аҳолии деҳот зиёд буд. Аммо, дар баробари ин, дар даромад ҳиссаи музди меҳнати оилаҳои деҳот бартарӣ надошта, он 58,6%-ро ташкил дод. Хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ характери ёрирасон дошта, зиёда аз 39,4%-и даромади пулии аҳолии деҳотро ташкил медоданд.

Дар деҳот ҳиссаи дигар даромадҳо хеле зиёд мешавад. Аллакай соли 2015 ҳиссаи даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ то ба 3154 фоиз афзуда, андозаи музди меҳнат то 44,01 фоиз фаромадааст.

**Ҷадвали 2.9. - Музди миёнаи меҳнати номиналии кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар як моҳ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2021/ 2015, |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ҳамаи шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 | 175,3 |
| Аз ҷумла: кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 278,18 | 303,04 | 451,46 | 492,13 | 544,37 | 572,79 | 633,91 | 227,9 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 1900,57 | 1988,92 | 2374,49 | 2422,03 | 2597,48 | 2546,63 | 2840,75 | 149,9 |
| Саноати коркард | 962,77 | 1139,28 | 1273,88 | 1460,2 | 1580,28 | 1698,28 | 1995,53 | 207,5 |
| Сохтмон | 2017,16 | 2170,02 | 2022,27 | 2325,41 | 2435,08 | 2403,84 | 2452,62 | 121,6 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо | 817,35 | 949,28 | 1038,97 | 1147,72 | 1235,08 | 1246,57 | 1339,88 | 163,9 |
| Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа | 1871,35 | 2096,85 | 2183,65 | 2336,96 | 1960,95 | 1557,65 | 1922,47 | 102,7 |
| Фаъолияти молиявӣ | 2320,60 | 2283,29 | 2892,84 | 3203,93 | 3333,05 | 3580,17 | | 154,2 |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул, иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ | 1344,71 | 1397,95 | 1465,91 | 1547,46 | 1332,09 | 1309,89 | 4296,47 | 185,1 |
| Мақомоти давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 926,96 | 996,79 | 1018,43 | 1061,67 | 1092,80 | 1215,33 | 1298,87 | 140,1 |
| Маориф | 710,69 | 773,85 | 892,02 | 938,48 | 1058,55 | 1117,60 | 1247,46 | 175,5 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 677,96 | 735,18 | 800,72 | 831,13 | 900,0 | 977,22 | 1023,12 | 150,9 |
| Дигар хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ | 984,42 | 1054,85 | 1386,57 | 1543,44 | 3066,66 | 3314,66 | 3952,80 | 401,5 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон, солҳои 1991-2021.- С. 210-211.

Таҳқиқоти ҷадвали 2.9. нишон медиҳад, ки агар музди меҳнати кормандони соҳаи кишоварзиро бо музди меҳнати баъзе соҳаҳои дигар, масалан, бо музди меҳнати ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ, сохтмон, нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа муқоиса кунем, он гоҳ тафовут боз ҳам зиёд мешавад. Чунончи, дар соли 2021 музди меҳнати кормандон дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба сохтмон 2,5 баробар ва дар ташкилотҳои молиявию қарзӣ 4,7 баробар камтар буд.

Маълум аст, ки даромад аз музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ аз даромади дигар соҳаҳо хеле паст мебошад. Дар даромади аҳолии шаҳр ҳиссаи асосиро, пеш аз ҳама, музди меҳнат ва даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ ташкил мекунад (дар давраи гузашта тамоюлот дар доираи 69,3% -74,1% буд).

Ҳиссаи музди меҳнат дар даромади оилаҳои деҳот камтар аст. Бояд гуфт, ки чунин арзиши пасти музди меҳнати оилаҳо омилҳои зиёд дорад. Аз муқоисаи маълумоти соли 2010 бо соли 1991 метавон гуфт, ки ҳиссаи музди меҳнат дар ибтидои солҳои 90-ум ҳам дар даромади оилаҳои шаҳрӣ ва ҳам дар деҳот зиёд буда, мутаносибан 75,4 ва 63,2 фоизро ташкил дод. Аммо аз соли 1995 тамоюли пастшавии он ба назар мерасад ва дар соли 2021 фақат 46,2%-ро ташкил кардаасту халос.

Ҳамин тариқ, дар соли 2015 даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ бартарӣ дошт ва ин тамоюл дар солҳои 2015-2020 якбора тағйир ёфт. Ҳиссаи музди мехнати аҳолии шаҳр қариб ба дараҷаи соли 2010 мерасид.

Барои таҳлили таъсири соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ба даромади аҳолии вилояти Хатлон мо ба сифати параметри интизоршаванда музди миёнаи меҳнати кормандонро дар вилоят ва нишондиҳандаҳои бетағйир маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар вилоятро барои солҳои 2000-2020 интихоб менамоем. Таҳлили регрессионии нишондиҳандаҳо натиҷаи зеринро нишон дод.

Барои дидани натиҷаи таъсири маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ба музди меҳнат (даромад) натиҷаи онро дар поён меорем:

### Таъсири маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ба музди меҳнат (даромад)

| *Омори регрессионӣ* | |
|---|---|
| R | 0,96634 |
| R-квадрат | 0,93382 |
| Хатоии ст. | 95,3330 |
| Мушоҳидаҳо | 21 |

Таҳлили дисперсионӣ

| | *Df* | *SS* | *MS* | *F* | *Аҳаммияти F* |
|---|---|---|---|---|---|
| Регрессия | 1 | 2436842 | 2436842 | 268,127 | 1,17E-12 |
| Бақия | 19 | 172679,4 | 9088,389 | | |
| Натиҷа | 20 | 2609522 | | | |

| | *шохисҳо* | *Хатоии ст* | *t-омор* | *P-натиҷа* | *поёнӣ 95%* | *болоӣ 95%* | *поёнӣ 95,0%* | *болоӣ 95,0%* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Y-буриш | -318,26 | 47,20109 | -6,74264 | 1,92E-06 | -417,053 | -219,47 | -417,0 | -219,4 |
| тагйир X 1 | 0,16055 | 0,009805 | 16,37458 | 1,17E-1 | 0,14003 | 0,1810 | 0,140 | 0,1810 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, модели таъсири маҷмуи маҳсулоти саноатии вилоят ба музди меҳнати миёнаи корманд барои солҳои таҳлилшуда чунин шаклро мегирад:

$Y = 0{,}16X_1 – 318{,}26$ бо нишондиҳандаи $R^2$ =93,3% (1)

Барои дидани натиҷаи таъсири маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ба музди меҳнат (даромад) натиҷаи онро дар поён меорем:

### Таъсири маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ба музди меҳнат (даромад)

| *Омори регрессионӣ* | |
|---|---|
| R | 0,96119 |
| R-квадрат | 0,9238 |
| Хатоии ст | 102,240 |
| Мушоҳидаҳо | 21 |

Таҳлили дисперсионӣ

| | *Df* | *SS* | *MS* | *F* | *Аҳаммияти F* |
|---|---|---|---|---|---|
| Регрессия | 1 | 2410911 | 2410911 | 230,6387 | 4,43E-12 |
| Бақия | 19 | 198610,7 | 10453,19 | | |
| Натиҷа | 20 | 2609522 | | | |

| | *Шохисҳо* | *Хатоии ст* | *t-омор* | *P-натиҷа* | *поёнӣ 95%* | *болоӣ 95%* | *поёнӣ 95,0%* | *болоӣ 95,0%* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Y-буриш | -855,336 | 84,0626 | -10,175 | 3,98E-09 | -1031,28 | - 679,391 | 1031,28 | -679,3 |
| Тағйир X 2 | 0,1158 | 0,0076 | 15,1867 | 4,43E-12 | 0,0998 | 0,1317 | 0,0998 | 0,1317 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, модели таъсири маҷмуи маҳсулоти кишоварзии вилоят ба музди меҳнати миёнаи корманд барои солҳои таҳлилшуда чунин шаклро мегирад:

$Y = 0{,}11X_2 – 855{,}33$ бо нишондиҳандаи $R^2 = 92{,}3\%$ (2)

Тафовути байни моделҳои регрессионии (1) ва (2) нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ($X_1$) назар ба кишоварзӣ ($X_2$) ба ташаккули музди меҳнати миёнаи корманд дар вилояти Хатлон таъсири бештар мерасонад.

Чунин натиҷаро шарҳ медиҳем.

1. Дар соҳаи кишоварзӣ арзиши иловашудаи нисбатан кам ба даст оварда мешавад, бинобар ин, музди меҳнат дар соҳа кам аст ва ба сатҳи даромади аҳолии вилояти Хатлон назар ба соҳаи саноат, ки дар ин соҳа арзиши баланди иловашуда ба вуҷуд оварда мешавад, таъсири камтар мерасонад.

2. Дар аксарияти ноҳияҳои вилояти Хатлон соҳаи кишоварзӣ ҳамчун соҳаи асосии шуғли аҳолӣ баромад мекунад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамъиятии вилоят музди меҳнат пасттарин мебошад ва бинобар ин, соҳа сарчашмаи асосии баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ буда наметавонад. Бинобар ин, зарур аст, ки дар ин ноҳияҳо саноатикунонии босуръат амалӣ гардонида шавад.

3. Чунин таҳлили алоҳида дар ноҳияҳои вилояти Хатлон, ки соҳаи кишоварзӣ дар онҳо ҳиссаи бештарро дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ доранд, низ нишон медиҳад, ки дар афзоиши солонаи даромади онҳо маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ таъсири ночиз мерасонад.

4. Дар натиҷаи таҳлили регрессионию коррелятсионӣ мо метавонем тасдиқ намоем, ки чӣ қадаре, ки минтақа кишоварзӣ бошад (яъне, дар ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ҳиссаи истеҳсолоти кишоварзӣ бештар бошад), ҳамон қадар сатҳи даромади аҳолии минтақа пасттар мебошад. Чунин натиҷа нисбат ба тафриқаи аҳолии шаҳру деҳот низ тасдиқи худро меёбад.

Тафовутро на танҳо дар сохтори даромади оилаҳои шаҳру деҳот, балки дар сохтори хароҷот низ мушоҳида кардан мумкин аст. Сохтори хароҷоти аҳолии шаҳру деҳотро дар доираи гурӯҳҳои зерин дида мебароем: хароҷот барои хариди

озуқаворӣ, хароҷот ва маҳсулоти ғайриозуқа, хароҷот барои хизматрасонии маданию маишӣ ва дигар навъҳои хароҷот.

Дар ибтидои солҳои 90-ум дар хароҷоти аҳолии шаҳрҳо хароҷоти хариди маҳсулоти ғайриозуқаворӣ ҳиссаи калонро ишғол мекард. Саҳми ин хароҷот дар ҳаҷми умумии хароҷот дар соли 1990-ум 50,4 фоизро ташкил дод. Аммо дар соли 1996 хароҷоти хариди маҳсулоти хӯрокворӣ мавқеи бештарро ишғол намуда, то соли 1999 аз ҳисоби тамоми хароҷоти аҳолии шаҳр он 58,4 фоизро ташкил дод. Дар соли 2001 то 49,1 фоиз кам шудани ҳиссаи хароҷот ба маҳсулоти озуқаворӣ сатҳи зиндагии аҳолии шаҳрро ба таври мусбат тавсиф мекунад.

**Ҷадвали 2.10. - Сохтори хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо дар ҷумҳурӣ, %**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Хороҷоти истеъмолӣ-ҳамагӣ Аз ҷумла: | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| Хороҷоти хариди маҳсулоти истеъмолӣ барои хона | 57,28 | 55,6 | 54,1 | 52,4 | 53,8 | 62,0 | 49,0 |
| Аз ҷумла: Барои хариди нон ва маҳсулоти нонӣ | 33,2 | 31,5 | 29,2 | 29,1 | 29,5 | 31,1 | 25,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 16,5 | 15,6 | 15,9 | 17,2 | 17,2 | 21,2 | 24,4 |
| Қанд ва маҳсулоти қаннодӣ | 11,2 | 12,2 | 11,5 | 11,2 | 10,2 | 6,3 | 6,1 |
| Хороҷоти хариди молҳои ғайриозуқа | 27,9 | 29,4 | 29,1 | 31,5 | 29,0 | 26,9 | 27,3 |
| Аз ҷумла: Барои хариди либос, пойафзол, газвор | 35,3 | 34,9 | 36,1 | 33,6 | 33,7 | 30,5 | 35,1 |
| Доруворӣ | 10,0 | 10,2 | 9,9 | 9,9 | 9,7 | 7,1 | 4,1 |
| Хороҷоти хариди нӯшокиҳои спиртӣ | 0,3 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,09 |
| Хороҷоти пардохти хизматрасонӣ | 14,7 | 14,9 | 15,3 | 16,0 | 17,1 | 10,8 | 11,9 |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С.196-197.

Аз ин рӯ, ин гуна зиёд шудани вазни қиёсии хароҷотро ба озуқаворӣ танҳо бо хеле кам шудани ҳаҷми мутлақи даромади воқеии аҳолӣ метавон шарҳ дод. Дар шароити афзоиши хароҷот барои хариди озуқаворӣ андозаи муқоисавии хароҷот барои хариди маҳсулоти ғайриозуқаворӣ кам мешавад. Коҳиши ин бахшро ҳам дар деҳот ва ҳам дар шаҳр мушоҳида кардан мумкин аст. Илова бар ин, таносуби ин хароҷот барои ҳар ду гурӯҳи аҳолӣ дар тамоми давраи таҳлилшуда тақрибан як хел мебошад. Мутаассифона, хароҷоти истеъмолии

хонаводаҳо дар вилояти Хатлон сол то сол зиёд мешавад. Агар соли 2015 ҳиссаи онҳо 57,28 фоиз бошад, соли 2021 он 49,0 фоизро ташкил дод. Дигаргуниҳои куллие, ки ба амал омадаанд, боиси васеъ шудани бозори хизматрасонӣ на танҳо дар шаҳр, балки дар деҳот низ гардид.

**Ҷадвали 2.11. - Бунёди иншооти бахши иҷтимоӣ-маданӣ**

| Солҳо | Бунёди иншоот дар деҳот: | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | Шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ҳаз. нафар | Беморхона на бо катҳо | Бунгоҳҳои тиббӣ, марказҳои саломатии тиббии деҳот, адад | Клуб ва хонаи фарҳанг |
| 2015 | 1321 | 666,2 | 11186 | 1042 | 296 |
| 2016 | 1328 | 681,0 | 11207 | 1049 | 291 |
| 2017 | 1330 | 707,2 | 11319 | 1065 | 289 |
| 2018 | 1337 | 729,1 | 11311 | 1075 | 288 |
| 2019 | 1345 | 752,7 | 11306 | 1078 | 285 |
| 2020 | 1354 | 779,6 | 11416 | 1105 | 289 |
| 2021 | 1358 | 817,0 | 11272 | 1126 | 290 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон, солҳои 1991-2021, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С.91-137.

Чунонки дар боло қайд карда шуд, аз сабаби хеле паст будани дараҷаи музди кор дар деҳот бисёр оилаҳо аз боғчаи бачагона истифода намебаранд. Дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 шумораи муассисаҳои томактабӣ ва шумораи кӯдакон дар онҳо кам шуд. Дар деҳот назар ба шаҳр бештар муассисаҳои томактабӣ мавҷуданд. Аммо шумораи бачагон дар онҳо назар ба шаҳр хеле кам аст.

Ғайр аз ин, баъзе муассисаҳои томактабӣ ниёз ба тармим ва навгониҳои муосир доранд, аз муассисаҳои томактабӣ 25-тоаш гармидиҳии марказӣ ва қубурҳои обгузар надоранд. Баъзе муассисаҳои томактабӣ, асосан муассисаҳои шаҳрӣ бо сарбории иловагӣ кор мекунанд. Зиёд будани одамон дар онҳо боиси вайрон шудани меъёрҳои санитарию гигиенӣ гардида, боиси пайдоиши бемориҳои гуногун мегардад.

Дар солҳои таҳлилшуда ба истифода додани катҳои беморхонаҳо амалан иҷро нагардид. Танҳо дар соли 2015 шумораи онҳо 20 адад афзуд. Дар баробари ин, дар деҳот муроҷиат ба марказҳои саломатӣ меафзоияд.

Сатҳи зиндагонии аҳолии деҳот дар Тоҷикистон бештар ба он вобаста аст, ки проблемаи манзил чӣ тавр ҳал карда мешавад. Барои сохтмони манзил дар

деҳот маблағҳои мутамарказ ҷудо карда нашудаанд. Бояд қайд намуд, ки 72,7 фоизи тамоми фонди манзили мамлакатро шаҳрҳо ва 27,3 фоизи онро деҳот ташкил медиҳанд [30, с. 120-121].

Татбиқи барномаи мазкур бояд ба ҳалли масъалаҳои зерин боис гардад:

– муттаҳид сохтани қисми фаъоли аҳолии қобили меҳнат дар деҳот дар самти бунёди коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ;

- рушди соҳибкории хурду миёна дар деҳот;

– ноил шудан ба рушди устувори комплекси агросаноатӣ ва бунёди маҷмааҳои коркарди ниҳоии маҳсулоти соҳа;

- афзоиш додани сарчашмаи музди меҳнат дар деҳот ва хоҷагиҳои кишоварзӣ бо мақсади таъмини устувории даромади аҳолӣ;

– ба вуҷуд овардани заминаҳои ташкилӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ барои зудтар ҳал намудани мушкилоти манзил дар деҳот.

Бо дарназардошти самти агросаноатии комплекси хоҷагидории вилояти Хатлон ва ҷараёни давомдори ислоҳоти амиқи бахши аграрӣ бояд низоми мукаммали аҳолинишинӣ барқарор гардида, таҳкурсии деҳоти муосир ва замонавии вилояти Хатлон гузошта шавад. Дар баробари ин, нигоҳ доштани неруи зеҳнӣ барои комплекси аграрии вилоят, фароҳам овардани тамоми шароити зиндагӣ барои истеҳсолкунандаи воқеии кишоварзӣ, мустаҳкам намудани кадрҳои мавҷуда ва воридшавии кадрҳои нави баландихтисос ба кишоварзӣ муҳим аст.

Зарур аст, ки гузариш ба модели саноатию аграрӣ дар вилояти Хатлон босуръат бояд амалӣ гардонида шавад. Аз ҳама бештар барои ин вилоят чунин гузариш муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа ба баланд бардоштани даромади аҳолии вилоят ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии онҳо таъсири бевосита мерасонад. Ҳамзамон, барои ташкили шаҳрҳо ва шаҳракҳо низ бунёди маҷмааҳои саноатию аграрӣ таъсирбахш мебошад.

Ҷиҳати муҳим на танҳо сохтмони хона, балки ба тартиб андохтани инфрасохтори пурраи он бо газ, гармидиҳӣ, қубури об, оби гарм, барқ ва ғайра таъмин намудани он мебошад. Ҳоло қисми зиёди хонаҳои истиқоматии деҳот на

танҳо аз ҷиҳати ҳаҷм, балки аз ҷиҳати сифат низ ба талаботи ҳозира ҷавоб дода наметавонад. Намуди умумии манзилҳои истиқоматиро дар деҳот аз рӯйи тарҳи ягонаи сохтмонӣ бояд роҳандозӣ намуд, ки ба ҳусни он ҳусни тоза зам менамояд.

Аз омӯзиши ҳамаҷонибаи сатҳу сифати зиндагии мардум дар деҳот ва шаҳраки вилояти Хатлон бармеояд, ки барои ба сатҳи зарурӣ рушд додани он корҳои зиёдеро дар бахши иҷтимоиву маишӣ, иқтисодиву тиббӣ ва муҳандисиву иқтисодӣ бояд ба сомон расонем, то нақшаҳои бузурги давлатӣ дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати мардуми шаҳру деҳот дар амал татбиқ гардида, кишвари мо ба қатори давлатҳои пешрафтаи дунё ворид гардад. Барои амалӣ сохтани ин нақшаҳои бузург дар Тоҷикистон ҳамаи шароитҳо муҳайё буда, дурнамои иқтисодии моро дар даҳсолаҳои баъдин мусбат метавон арзёбӣ намуд.

**Хулосаи зербоби 2.3.**

Ҳамин тариқ, ҳадди ақалли рӯзгузаронӣ ва сабади истеъмолӣ ду тарафи як чиз мебошанд, яъне маънои дараҷаи ҳадди ақал барои зиндагии инсон зарур аст. Тафовут дар он аст, ки сабад тарафи табииро (рӯйхати маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин, ашё ва хидматҳои зарурӣ) ифода мекунад, дар ҳоле ки дараҷаи ҳадди ақал тарафи арзишӣ (нархи онҳо)-ро дар бар мегирад.

Дар сатҳи ҳозираи истеҳсолот ҷомеа на танҳо наметавонад дараҷаи камбизоатиро боло бардорад, балки фарқи байни «поён» ва буҷаи ҳадди ақалли истеъмолиро низ ҷуброн кунад.

Таҳлили регрессионии таъсири соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ба сатҳи даромади минтақа нишон медиҳад, ки танҳо истеҳсолоти саноатӣ метавонад ба афзоиши даромади аҳолии минтақа таъсир расонад. Сабаби асосии чунин натиҷа дар он аст, ки арзиши иловашудаи баланд дар истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ба даст оварда мешавад. Бинобар ин, зарур аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар дар вилояти Хатлон ҷараёни саноатикунонӣ тезонида шавад.

Яке аз сабабҳои асосии баланд будани сатҳи камбизоатӣ ва паст будани сатҳи даромади аҳолӣ дар як қатор ноҳияҳои вилояти Хатлон ин шуғли бештари аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Буҷетҳои танзимкунандаи истеъмолӣ маҷмуи даромадҳо ва хароҷоти аҳолӣ дар шакли натуралӣ ва пулӣ мебошанд. Онҳо стандартҳои иҷтимоии сатҳи паст, миёна ва баланди сатҳи зиндагӣ мебошанд.

Қобилияти харидорӣ дар шакли даромади пулӣ ин миқдори сабадҳои истеъмолкунандаи сатҳи зиндагӣ мебошад, ки онро бо даромади миёнаи пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ метавонад харидорӣ кунад. Қобилияти харидории хароҷоти пулӣ миқдори сабадҳои истеъмолкунандаи он сатҳи зиндагиро ташкил медиҳад, ки барои хароҷоти пулии миёнаандоза сарф мешавад.

Буҷаи ҳадди ақалли рӯзгор ин нишондиҳандаи истеъмоли муҳимтарин молҳо ва хидматҳои моддӣ дар сатҳи ҳадди ақал мебошад, ки дар асоси меъёрҳои ҳадди ақалли истеъмоли маҳсулоти муҳимтарин, молҳо ва хизматрасониҳо ҳисоб карда мешавад. Буҷаи ҳадди ақалли оқилонаи истеъмолкунандагон бояд таносуби зеринро нигоҳ дорад: хӯрокворӣ бояд 41,1%, маҳсулоти ғайриозуқа 39%, хидматрасонӣ 13,2%, андозҳо ва пардохтҳо 2,7%.

Буҷаи истеъмолӣ тавозуни даромад ва хароҷоти як оилаи сатҳи зисташон миёна мебошад, ки сатҳи зиндагии гурӯҳҳои гуногуни оилаҳои коргаронро тавсиф мекунад. Мазмуни сабади хӯрокворӣ барои ҳисоб кардани сатҳи ҳадди ақалли рӯзгор истифода мешавад. Сабади хӯрокворӣ (маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ барои як нафар дар як моҳ) дар асоси меъёрҳои ҳадди ақалли истеъмоли ғизо, ки ба ниёзҳои ҷисмонӣ, килокалория ва риояи одатҳои анъанавии хӯрокхӯрӣ мувофиқат мекунанд, ҳисоб карда мешавад. Арзиши сабади ҳадди ақалли истеъмолӣ, яъне мундариҷаи он дар шакли пулӣ буҷаи ҳадди ақалли истеъмолкунандагонро нишон медиҳад. Буҷаи ҳадди ақалли истеъмолӣ ё буҷаи сатҳи зиндагӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии он, дар маҷмуъ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сохторҳои таркиби ҷумҳурӣ ҳисоб карда мешавад.

# БОБИ 3.
# ИДОРАКУНИИ МЕХАНИЗМҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲУ СИФАТИ ЗИНДАГӢ ДАР МИНТАҚА

## 3.1. Самтҳои асосии такмилдиҳии механизми идоракунии сифати зиндагӣ

Дар шароити муосир ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намудааст, ки беҳтарин дастовард дар кшвар ин рушди устувори иқтисодӣ ба шумор меравад. Рушди устувор ин чунин шакли тараққиётест, ки бояд одамон талаботи рӯзафзуни ҳозираи худро қонеъ гардонида, имкониятҳои насли ояндаро дар хатар нагузоранд. Рушди ояндаи инсон аз истифодаи интенсивии захираҳои табиӣ вобастагии калон дорад. Дар баробари оқилона истифодабарии захираҳои табиӣ, ҳар як намуди захира ба худ имконият ва маҳдудиятҳо дорад. Маҳдудияти захираҳо характери комплексӣ (занҷиравӣ) доранд, ки асосан аз тарз, шакл, муҳлат ва мақсади истифодабарияшон вобастагии калон доранд. Маълум аст, ки рӯз то рӯз илму техника ва истеҳсолоти ҷамъиятӣ тараққӣ карда истода, бо таъсирҳои гуногуни худ имкониятҳои муҳити атрофро маҳдуд месозанд. Бояд қайд намуд, ки мафҳуми рушди устувор, тараққиёти босубот бо сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ алоқамандӣ дорад, ки ҷиҳатҳои муҳимми иқтисодии онро ҳамчун талаботи зерин муайян мекунад:

-тараққиёт чунин бояд бошад, ки хароҷоти зиёдатиро барои насли оянда талаб накунад;

- ҷиҳатҳои манфии истифодаи захираҳоро ба ҳадди ақал расонад;

–такрористеҳсоли васеи захираҳои истеҳсолиро барои оянда қонеъ гардонад;

- тақозо кунад, ки инсоният аз ҳисоби фоизи сармояи табиӣ зиндагӣ намояд, ба мисли оне, ки дилхоҳ инсони боақл аз ҳисоби фоизи маблағе, ки дар бонк дар гардиш аст, зиндагии худро пеш мебарад.

Дар ин ҷода бояд қайд намуд, ки сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бо меъёрҳои экологӣ имрӯзҳо алоқаманд мебошад. Чунки оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар натиҷаи фаъолияти инсон ба бухронҳои иқтисодӣ низ сабабгор мешаванд.

Истихроҷи аз меъёр зиёди сарватҳои табиӣ, сӯхтани маводи сӯхт дар раванди истеҳсолот ва истеъмолот ва партофтани газҳои гулхонаӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, ки ба болоравии нархи маводи озуқаворӣ оварда меравонад ва дигар ҳолатҳо ба бухронҳои гуногун оварда расонида, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад.

Танҳо дар натиҷаи тағйирёбии нархҳои сӯзишворӣ дар аввали соли 2022 индекси нархҳо низ хеле тағйир ёфта, дар натиҷа шумораи гуруснагон 15-20 миллион нафар дар дунё зиёд гардиданд. Дар ҳолати наандешидани чораҳои пешгирикунанда дар Тоҷикистон низ сатҳи камбизоатӣ метавонад зиёд шавад [30, с.6-7].

Нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронии қабулшуда дар Тоҷикистон (марти соли 2020 ва баъдан аввали соли 2022) масъалаҳои таъмини бозорҳои истеъмолӣ бо маҳсулоти ниёзи аввал, аз ҷумла орд, равған, гӯшт, шакар, тухм, сабзавот, дастгирии қишри осебпазири ҷомеа, зиёд намудани истеҳсолу захираи онҳо ва пешгирии болоравии беасоси нархҳо, таъмини иҷрои саривақтии уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, пешбинӣ намудани қарзҳо бо фоизи паст ба соҳибкорони истеҳсолӣ, мавқуф гузоштани санҷишҳои ғайриандозӣ, ҷалби кумакҳои молиявии иловагӣ ва дигар тадбирҳоро дар бар гирифт.

Зарур буд, ки сенарияҳои гуногуни таъсири эҳтимолии омилҳои беруна ба иқтисоди кишвар бо истифода аз моделҳои эконометрикӣ пайваста баҳодиҳӣ карда шуда, барои пешгирӣ ва кам кардани таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувори макроиқтисодӣ чораҳои дахлдор андешида шаванд. Тибқи маълумоти мавҷуда ин корҳо иҷро шуданд ва пешгирии таъсири омилҳои беруна имкон дод, ки дар соли 2021 вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишвар муътадил гардад.

Танҳо дар соли 2021 ба маблағи умумии қариб 80 млрд сомонӣ маҳсулоти саноативу кишоварзӣ истеҳсол гардиданд, аз ҷумла истеҳсоли орд 828 ҳазор

тонна, гандум 876 ҳазор тонна, нон ва маҳсулоти нонӣ 415 ҳазор тонна, гӯшти чорво 284 ҳазор тонна, гӯшти паранда 44,1 ҳазор тонна, моҳӣ 4,4 ҳазор тонна, равғани растанӣ 23,5 ҳазор тонна, консерваи меваю сабзавот 65 млн қуттӣ, шир 1 миллиону 43 ҳазор тонна, тухм 1 миллиарду 54 миллион дона, маҳсулоти қаннодӣ 32,4 ҳазор тонна, макарон 9,5 ҳазор тонна, картошка 1 миллиону 41 ҳазор тонна, биринҷ 18 ҳазор тонна, сабзавот 2,6 млн тонна, мева 712 ҳазор тонна ва асал 4,4 ҳазор тоннаро ташкил дод [1, с.99].

Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2021 меваю сабзавоти аз талаботи дохилӣ барзиёд дар ҳаҷми 208 ҳазор тонна ба хориҷи кишвар содирот карда шуд [4, с.177].

Тибқи таҳлили гузаронидашуда захираву иқтидорҳои ватанӣ талаботи бозори истеъмолиро бо маҳсулоти ниёзи аввал, аз ҷумла орд, нон ва маҳсулоти нонӣ, макарон, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, равғани растанӣ, шир, тухми паранда, донагиву лубиёгӣ, биринҷ ва дигарҳо дар сатҳи зарурӣ метавонанд таъмин намоянд.

Дар баробари ин, воридоти баъзе ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр, ба монанди гандум, зироатҳои равғандеҳ, шакар, маҳсулоти нафтӣ ва дигарҳо барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар дохили ҷумҳурӣ тибқи қарордодҳои амалкунанда аз шарикони тиҷоратӣ зарур аст.

Ин аст, ки дар Тоҷикистон барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани таъминоти аҳолӣ бо ғизо барои кам накардани сатҳи камбизоатӣ зарур аст.

Дар шароити ҳозира модели анъанавии иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда бо сабаби ба меъёрҳо мувофиқ набуданаш, барои дигар кишварҳо ба сифати намуна истифода бурдан ба мақсад мувофиқ нест. Ин ҳолат дар бисёре аз ҳуҷҷатҳои СММ ва дигар маърузаҳое, ки дар конфронсҳои байналхалқӣ мегузарад, доимо баррасӣ карда мешавад. Дар он, аз он ҷумла қайд карда мешавад, ки модели тараққиёти Ғарб дигар ба мақсад мувофиқ набуда, ягона роҳи ҳалли муаммоҳои глобалӣ ин тараққиёти босубот мебошад.

Аз ин гуфтаҳо он чиз гувоҳӣ медиҳад, ки истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳаҷми ифлосшавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар мамлакатҳои тараққикарда нисбати

давлатҳои рӯ ба инкишоф қариб 50 маротиба зиёд мебошад. Барои ба даст овардани сатҳи тараққиёт ва истеъмоли мамлакатҳои пешрафта барои ҳамаи кишварҳои дунё зарур аст, ки истифодаи захираҳои табиӣ ва миқдори партовҳоро дар ҳаҷми 10 маротиба зиёд намоянд. Масалан, агар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ хоҳанд, ки тарзи зиндагии мамлакатҳои тараққикардаро дошта бошанд, он гоҳ зарурат пайдо мешавад, ки истифодаи захираҳои сӯзишвориро 10 маротиба, сатҳи истифодаи захираҳои минералиро тахминан 200 маротиба зиёд намоянд. Ҳолати мураккаб гардидани проблемаҳои экологии истифодаи захираҳои табиӣ ва таъсири манфии он ба муҳити зист бисёре аз роҳбарони ҳатто мамлакатҳои иқтисодашан тараққикардаи дунёро ба ташвиш даровардааст.

Таърифи муосири рушди устувори иқтисодӣ дар ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ дар бисёр ҳолатҳо маънои васеътарро медиҳад. Ҳамин тариқ, конференсияи СММ дар ш. Йоханнесбург (2002) таъкид сохт, ки асосҳои рушди устувори иқтисодӣ аз 3 қисмат иборат мебошад: рушди иқтисодӣ, рушди иҷтимоӣ ва нигаҳдории муҳити атроф, ки қисматҳои асосии онҳо дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ (глобалӣ) дида баромада мешаванд [78, с.172].

Масъалаи алоқамандии илми иқтисодиёт бо илми экология дар адабиёти муосир ба таври васеъ омӯхта мешавад. Аз ин лиҳоз, рушди босуботи иқтисодиётро дар ҳолати ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-экологӣ метавон ба даст овард.

Аз дараҷаи афзалиятноки ҳудудҳои экологӣ-иқтисодӣ барои гузаштан ба рушди босуботи иқтисодиёт бояд се самти асосиро пешниҳод намоем:

1. Инсон на танҳо ба оқилонагии иқтисодиёт, балки бар нафъи умумӣ истифодабарии захираҳои табиӣ аҳаммияти калон диҳад, чунки маҳз дар ҳамин ҳолат самаранокии таъсири фаъолиятҳои беруна пайдо мешаванд.

2. Гузариши нав ба рушди иқтисодӣ, ки такрористеҳсоли худи сохторҳои иқтисодиро талаб мекунад.

3. Бо гузашти айём рушди иқтисодӣ нисбати муҳити атроф бояд бетараф набошад, яъне гузариш ба иқтисодиёти сабз амалӣ шавад.

Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии муайяннамудаи роҳбарияти сиёсии кишвар равона бояд гардад:

- гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши неруи барқ;

- аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан;

- таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;

- саноатикунонии босуръати кишвар дар заминаи вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

Бе татбиқи ин ҳадафҳо ноил гардидани мамлакат ба Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ), ки дар иҷлосияи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ дар моҳи сентябри соли 2015 маъқул дониста шуда буданд, раванди ниҳоят душвор хоҳад буд. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020) ҳадаф, афзалият, вазифа ва самтҳои амалҳоро ҷиҳати гузариш ба модели нави сифатноки рушди иқтисодӣ муайян менамояд. Асоси онро механизмҳои самараноки институтсионалӣ ташкил медиҳанд, ки барои ҷалби бештари сармоя ба бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор; ҳавасмандгардонии рақобат ва гирифтани донишҳои нав; тавсеаи истеҳсоли молу хизматрасониҳои ба содирот ва таъмини воридотивазкунӣ равонагардида; мақсаднок коҳиш додани вобастагии кишвар аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, мусоидат ба васеъ намудани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ имконият медиҳанд.

Ҳадафи банақшагирии индикативӣ, ки зимни таҳияи БМР 2016-2020 ба асос гирифта шудааст, ворид намудани тағйироти мураттаб ва консептуалӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ мебошад, ки ба таъмини амнияти миллӣ ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси ҷорӣ намудани низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ равона гардидаанд. Барои ноил гаштан ба ҳадафи гузошташуда ҳалли як қатор масъалаҳо зарур аст. Дар қатори онҳо

дастгирии суръати баланди рушди устувори иқтисодӣ ва сифати нави он дар заминаи инкишофи босуръати малакаҳои касбӣ, дониш ва технологияҳо; модернизатсия ва диверсификатсияи фаъолияти хоҷагидорӣ; ташаккули низоми динамикии рушди давлатӣ ва маҳаллӣ; коҳиш додани осебпазирӣ аз омилҳои беруна лозим мебошад.

Мустаҳкамгардонии рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии мамлакат аз он вобаста аст, ки дараҷаи худтаъминкунӣ, худмаблағгузорӣ ва истиқлолияти иқтисодӣ побарҷо бошад. Дараҷаи худтаъминкунӣ маънои худтаъминкунии минтақаро дорад, ки захираҳо (саноатӣ, меҳнатӣ, табиӣ, молиявӣ) имкон медиҳанд, ки балансиь муътадили мусбати содирот ва воридоти маҳсулоти мамлакат, аз ҷумла, робитаҳои берунии иқтисодӣ дар тиҷорат таъмин карда шавад. Дараҷаи кофии худтаъминкунии минтақаҳои мамлакат асоси он аст, ки сиёсати мустақили иқтисодӣ татбиқ гардида, ба таъмини устувории рушди иҷтимоию иҷтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шавад.

Дурнамои таҳияи барномаи рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо нақши муҳим дорад. Чунки он соҳаҳои ҳаётан муҳимми минтақа, ба монанди вазъияти демографӣ, иқтидори кадрӣ, захираҳо, аз ҷумла захираҳои табиӣ, талаботи истеъмолкунандагон, истеҳсолот ва роҳҳои рушди минтақаҳоро дар бар мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 90-уми асри гузашта инҷониб ислоҳоти иқтисодӣ ба сиёсати иҷтимоии давлат таъсири худро расонида истодааст. Дар шароити дигаргуниҳои куллии иқтисодию идоракунӣ қариб тамоми масъалаҳои иҷтимоӣ ба дӯши мақомоти иҷроияи вилоятиву шаҳрӣ ва ҳар як субъекти хоҷагидории вилоят гузошта шудааст. Вале мақомоти иҷроияи аксари минтақаҳо чунин масоили муҳим, ба монанди сари вақт ба кормандони соҳаи буҷетӣ пардохт намудани музди меҳнат, сохтмони манзили истиқоматӣ барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ, сохтмони иншоотҳои аҳаммияти иҷтимоидошта ва ғайраро ҳал карда натавонистанд.

Аҳаммияти масоили иҷтимоӣ, махсусан дар деҳот афзуда истодааст. Баъди сипарӣ шудани як даҳсола фаҳмишҳое пайдо шуданд, ки тибқи он сифати зиндагиро танҳо тавассути мутамарказонии кӯшишҳои мақомот баланд кардан

мумкин аст. Дар аксари навоҳии ҷумҳурӣ мақомоти маҳаллӣ роҳҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро меҷӯянд. Бо мақсади ба иҷтимоиёт равона сохтани иқтисоди бозоргонӣ зарур аст, ки механизми самарабахши идоракунии сифати зиндагии аҳолӣ натанҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, балки дар сатҳи минтақаҳо низ амал намояд. Чунин механизм, ба ақидаи муаллиф, бояд унсурҳо, аз қабили методикаи омӯзиши нишондиҳандаҳо, мақсад, самтҳо, роҳу усулҳои баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолиро дар бар гирад (нигаред ба расми 3.1.).




**Расми 3.1. - Механизми идоракунии сифати ҳаётгузаронии аҳолии минтақа.**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Мақсади асосии идоракунии сифати зиндагӣ мунтазам ва воқеан бехтар намудани он мебошад, ки барои татбиқи он усулҳои мустақим ва ғайримустақим истифода мешаванд. Усулҳои мустақим ин қоидаҳои муайяни маъмурию ҳуқуқие мебошанд, ки аз ҷониби давлат барои танзими нишондиҳандаҳои муайяни сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ истифода мешаванд. Чунонки дар расми 3.1. нишон дода шудааст, методикаи омӯзиши сифати зиндагии аҳолии минтақа дар асоси низоми нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад.

Усулҳои ғайримустақим ба сифати ҳаётгузаронӣ тавассути муносибатҳои молиявию қарзӣ, андозбандӣ ва ғайра таъсир мерасонанд. Нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии минтақа бо тариқи гузаронидани пурсишҳо, таҷрибаҳо ва агентии омор дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ба таври васеъ истифода бурда шудаанд, ки онҳо дар маҷмуъ аз чор гурӯҳи нишондиҳандаҳо: меҳнатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ иборат мебошанд. Мутаассифона, ҳангоми муқоисаи байниминтақавӣ аз рӯйи ин меъёрҳо арзёбӣ кардан на ҳамеша воқеӣ хоҳад буд.




**Расми 3.2. - Нишондиҳандаҳои тавсиявии баҳо додани сатҳи зиндагии аҳолии минтақа**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Вобаста ба ин, зарурати ҳисоб кардану омӯхтани нишондиҳандаҳои оморӣ ва объективӣ дар динамика ба миён меояд. Дар механизми идоракунии сифати ҳаётгузаронӣ ба методикаи баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ аҳаммияти махсус дода мешавад.

Дар рафти арзёбии воқеии сифати зиндагӣ аксаран чунин нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, аз қабили сохтори даромадҳо, сатҳи музди меҳнат, сохтори хароҷот, ҳиссаи шартан озоди даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ ифода мешаванд. Дар ин низом нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ низ ба қадри кофӣ инъикос ёфтаанд: афзоиши табиӣ ва афзоиш аз ҳисоби муҳоҷират, масоҳати истиқоматӣ ба ҳар сари аҳолӣ.

Мутаассифона, самти меҳнатии нишондиҳандаҳои сифати зиндагии аҳолӣ танҳо бо як нишондиҳанда – шумораи бекорон ифода ёфтааст. Дастрасӣ ба нишондиҳандаҳои сифати зиндагии меҳнат дар корхонаҳои гуногун маҳдуд буда, гуногуншакл мебошанд. Бинобар ин, дар сурати муқоисаи байниминтақавӣ бояд аз онҳо даст кашид.

Нишондиҳандаҳои самти ҷамъиятиро дар минтақаҳо ташкилотҳои оморӣ муайян мекунанд ва ба таври кофӣ муфассал нишон дода шудаанд.

Яъне, нишондиҳандҳои асосӣ, ба ақидаи мо, чунин мебошанд:

- ба обанборҳои об партофтани партовҳо;

- партовҳои моводи зарарнок ба ҳар сари аҳолӣ;

- шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда.

Барои қабули қарорҳои мушаххас ва натиҷабахш дар ихтиёр доштани заминаи боэътимоди иттилоотие лозим аст, ки ҳолати кунунии сифати зиндагии аҳолии вилоятро ҳамаҷониба тавсиф намояд. Бо ин мақсад бо истифода аз маълумоти оморӣ, усули гурӯҳбандӣ, тақсимбандии қаторҳои динамикӣ ва дигар усулҳои оморӣ дар тадқиқоти оморӣ нишондиҳандаҳои зерини баҳодиҳии сифати ҳаётгузаронӣ омӯхта шуданд.

Истифодаи моводи таҳлилии зиёд ба муаллиф имкон дод, ки вазъи имрӯзаи сифати зиндагии аҳолии вилояти Хатлонро таҳлил ва нишондиҳандаҳои воқеӣ ва иттилоотии арзёбии онро муайян намояд. Ин нишондиҳандаҳо ба талаботи зерин ҷавобгӯ мебошанд:

- воқеияти бештар;

- дастрасӣ ба омор ва таъминоти оморӣ;

- нишондиҳандаҳои муқоисавӣ байни минтақаҳо;

- нишондиҳандаҳои иттилоотӣ.

Як қатор нишондиҳандаҳо коҳишёбии сатҳи зиндагии аҳолии вилояти Хатлонро нишон медиҳанд. Дар навбати аввал, инҳо чунин нишондиҳандаҳои иҷтимоию демографӣ мебошанд: камшавии табиии аҳолӣ ва афзоиши муҳоҷират. Афзоиши солонаи хисороти табиӣ боиси басо кам шудани шумораи аҳолии

вилояти Хатлон гардида, сифати зиндагии аҳолии вилоятро манфӣ тавсиф медиҳад, ки дар натиҷа, ҷолибияти минтақа барои қувваи корӣ коҳиш меёбад.

Дар баробари кам шудани шумораи умумии аҳолии вилояти Хатлон дар давраи таҳлилшуда афзоиши фаъолнокии меҳнатии бекорон мушоҳида мешавад. Афзоиши бекорӣ чун омили бад шудани сифати зиндагии аҳолӣ баромад мекунад.

Яке аз нишондиҳандаҳои иттилоотие, ки сифати зиндагии аҳолиро тавсиф медиҳад, ҳиссаи музди меҳнат дар даромади аҳолӣ мебошад. Дар давраи таҳлил арзиши ин нишондиҳанда аз арзиши муътадили он хеле паст аст. Аммо омили мусбат ин афзоиши ҳиссаи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо аз 878,91 сомонии соли 2015 то 1393,78 сомонӣ дар соли 2020 расидан мебошад [3, с. 208-211].

Мутаносибан ҳиссаи даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ дар давраи таҳлилшуда ба андозаи назаррас расидааст.

Чунин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки солҳои 90-ум манбаъҳои даромад хеле зиёд шуда, аҳолӣ на танҳо ҳамчун коргар, балки чун соҳиби захираҳои молиявӣ ва дигар захираҳо даромад мегиранд. Баҳодиҳии сифати зиндагиро тавассути баррасии ҳиссаи хароҷот барои хариди ғизо метавон анҷом дод.

Дар кишварҳои инкишофёфтаи иқтисодӣ ин нишондиҳанда 20-25 фоизро ташкил медиҳад. Фоизи хароҷоти аҳолии вилояти Хатлон барои озуқаворӣ хеле зиёд аст, яъне он 77,3 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда сифати на он қадар баланди зиндагии аҳолии вилоятро ифода менамояд.

Инчунин, паст шудани сифати зиндагии аҳолӣ кам шудани ҳаҷми қисми шартан озодро дар даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ низ нишон медиҳад. Яке аз нишондиҳандаҳои умумии сифати зиндагии аҳолӣ таносуби даромади пулии аҳолӣ ва ҳадди ақалли ҳаётгузаронӣ мебошад.

Як қатор нишондиҳандаҳое, ки мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудаанд, беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии вилояти Хатлонро тавсиф медиҳанд. Махсусан, вазъияти манзилҳои истиқоматӣ дар вилоят рӯ ба беҳбудӣ

ниҳодааст. Таъмини аҳолии вилояти Хатлон бо ҳаҷми умумии озуқаворӣ назар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум то андозае баландтар мебошад.

Ғайр аз ин, вазъияти экологии минтақаи таҳқиқшаванда беҳтар гардида, ба обанборҳо партофтани обҳои ифлосшуда кам шуда, ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ партовҳои моддаҳои зарарнок кам мешавад. Тағйироти мусбати вазъи экологӣ сифати зиндагии аҳолии вилояти Хатлонро беҳтар мегардонад. Вазъияти криминогении минтақа бо афзоиши назарраси ҷиноят ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва моликият хос аст. Тибқи ин меъёр, сатҳи зиндагии мардуми вилояти Хатлон бошиддат коҳиш меёбад.

Нишондиҳандаи баҳодиҳии ҳамаҷонибаи сифати зиндагии аҳолӣ шохиси рушди инсонӣ мебошад. Шохиси рушди инсонӣ нишондиҳандаи комплексие мебошад, ки дар асоси давомнокии умр, сатҳи таҳсилот ва даромад ба ҳар сари аҳолӣ муайян мегардад.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои экологӣ беҳтар шудани сифати ҳаётгузаронӣ мушоҳида мешавад. Бояд қайд кард, ки аксар вақт беҳтар шудани вазъияти экологӣ дар шароити кам шудани ҳаҷми фаъолияти саноатӣ дар вилоят ба амал меояд. Мутаносибан, ин нишондиҳандаро ба сифати беҳбуди назарраси вазъи экологӣ, аммо на ҳамеша, ҳамчун баландшавии сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ маънидод кардан мумкин аст.

**Хулосаи зербоби 3.1.**

Ҳамин тариқ, бо арзёбии сифати зиндагии аҳолии вилояти Хатлон бо истифода аз усули пешниҳоднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки он ҳанӯз дар сатҳи на он қадар баланд қарор дорад. Аз рӯйи аксари нишондиҳандаҳо, яъне болоравии нархи нуриҳои минералӣ, тухмӣ, хизматрасониҳо ва дигар омилҳо бадшавии вазъият дар минтақаҳои вилоят мушоҳида мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки рушди иқтисодии тамоми мамлакатҳои дунё бе иштироки фаъолонаи давлат номумкин аст. Давлат на фақат ҳамчун мақоми танзимкунанда ва идоракунанда, балки ҳамчун субъекти муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷараёни фаъолияти бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ширкат

меварзад. Дар навбати худ, сатҳи дахолати давлат ва усулҳои танзими бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт дар ҳар мамлакат хусусиятҳои фарққунанда дошта, аз анъанаҳои миллӣ ва таҷрибаи дар мамлакат андухташудаи дахолати давлатӣ ба иқтисодиёт вобастагӣ дорад. Вале моҳияти асосии ин ҷараён аз он иборат аст, ки давра ба давра ин мавқеи давлатӣ дар танзими иқтисодиёт мураккаб гашта, аз ниҳодҳои давлатӣ тақозо менамояд, ки дараҷаи касбияти мутахассисони худро мукаммал намоянд. Бинобар ин, дар шароити муосир дар бораи зиёд ё кам будани дараҷаи танзим сухан наронда, бештар дар бораи баҳои сифати самаранокии танзими давлатӣ тадқиқот мегузаронанд.

Муайянсозии дараҷаи самаранокии танзими давлатии иқтисодиёт бештар аз моҳияти объекти танзимшаванда вобастагӣ дорад. Агар сухан дар бораи иқтисодиёт равад, пас дар он ҷараёнҳои хеле мураккабу пуртазод мегузаранд, ки муайянсозии фишангҳои таъсиррасониро хеле мураккаб мегардонанд. Ба ғайр аз ин, муайянсозии сатҳи инкишоф, ҷараёнҳо, сабабҳо ва омилҳои таъсиррасон ба иқтисодиёт ё ба бахши кишоварзии он ба моҳият ва таркибу дурнамои рушди ин бахшҳо вобастагии зиёд дорад.

Дар шароити муосир таъмини рушди босуботу бе буҳрон ва бо истифода аз технологияи пешрафта бояд дар асоси истифодаи оқилонаи фишангҳои механизми танзими давлатӣ ва бозорӣ таъмин карда шавад, чунки фақат дар якҷоягӣ ин усулу фишангҳо метавонанд мувозинатро дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт таъмин намуда, барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда шароит муҳайё созанд.

Барои истифодаи босамари иқтидорҳои мавҷудаи иқтисодиёти Тоҷикистон усулҳои бозорию давлатии танзими иқтисодиёт бояд дар ҳамбастагӣ истифода шаванд, чунки фақат дар якҷоягӣ ин фишангҳо метавонанд мувозинати байни манфиатҳои табақаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодиро таъмин намуда, вазифаҳои дар наздашон гузошташударо иҷро намоянд. Дар давраи дарозмуддат ин ҳамкорӣ барои такрористеҳсоли қувваҳои истеҳсолкунанда дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ зарур мебошад.

Вобаста ба натиҷаҳои пасти ба даст овардашуда зарур аст, ки самтҳои баландгардонии сатҳи ҳаётгузаронӣ дар вилояти Хатлон дар асоси пешгӯии як қатор нишондиҳандаҳо барои солҳои 2021-2025 муайян шавад.

## 3.2. Ташкили комплексҳои агросаноатӣ бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот

Дар маҷмуъ, масъалаҳои аз байн бурдани камбизоатӣ ҳоло ҳам проблемаи муҳим буда, ба даст овардани вазифаҳои гузошташуда дар давраи то соли 2030 дар асоси тағйири муносибатҳо барои ҳалли масъалаҳои камбизоатӣ тавассути ҳалли масъалаҳои бехатарии озуқаворӣ, таъмини бехатарии энергетикӣ, масъалаҳои бахши об, санитария ва гигиена, тағйирёбии иқлим ва дигар ҲРУ боқӣ мемонанд, ки ба сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолӣ таъсир мерасонанд.

Ҳарчанд дар даҳсолаи охир ҳукумат соҳаи ҳифзи иҷтимоиро васеъ намуда бошад ҳам, системаи мавҷудаи таъминоти иҷтимоӣ барои камбизоатон маҳдуд боқӣ мемонанд. Шабакаҳо ва технологияҳо барои ошкор намудани гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва расонидани кумак ба онҳо мавҷуданд. Ин механизмҳоро барои ошкор ва расонидани кумаки иқтисодӣ ба табақаҳои осебпазир бо назардошти оқибатҳои ба иқтисодиёт расонидаи пандемияи COVID-19 рушд додан зарур аст.

Кишоварзӣ дар бисёре аз ноҳияҳои маъмурӣ ҳамчун соҳаи муҳимми татбиқнамоии меҳнати аҳолии деҳот боқӣ мемонад. Ҳарчанд музди меҳнат дар солҳои 2015 – 2018 дар кишоварзӣ дар ҳаҷми 2,5 маротиба пасттар аз ҳисоби миёнаи устувори иқтисодӣ буд. Вобаста ба ин, истеҳсолнокии хоҷагии қишлоқ дар афзоиши аслӣ – дар маҷмуи зиёдшавии арзиши иловашуда ба ҳар сари 1 корманд дар бахшро нишон надода, дар ин давра танҳо 15,7% - ро ташкил дод, ки ба ҳисоби миёна аз рӯйи иқтисодиёт (18,9%) паст мебошад. Мутаносибан, ҳоло амалҳо дар самти баланд бардоштани натиҷанокии рушди кишоварзӣ ба ихтисор шудани фарқият дар сатҳи ҳосилнокии меҳнат мусоидат накард – арзиши иловашуда ба ҳар 1 нафари машғул дар соҳа қариб 3 маротиба, нисбат ба ҳисоби миёна дар мамлакат

паст мебошад. Мутаносибан, дар давраи минбаъда афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандон муҳим боқӣ мемонад.

Ҳангоми нигоҳ доштани тамоюли бавуҷудомада дар рушди ҳудудҳои маҳалҳои хислатнок бо сифат ва сатҳи зиндагӣ, рафтани кадрҳои ҷавони бештар ояндадор идома меёбад. Дар натиҷа, барои паст гардидани иқтидори инсонӣ дар ҳудудҳои маҳалҳо сабаб шуда метавонад.

Бояд қайд намуд, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар солҳои 2015 – 2021 тағйир ёфтааст. Ҳамин тариқ, ҳосилнокии ғалладона 10,8 фоиз (аз 27,7 с/га, то 30,7), сабзавот 13,1 фоиз (аз 247,9 то 280,5 с/га) ва пахта 30,6 фоиз (аз 17,3 то 22,6 с/га) зиёд гардида, ҳосилнокии картошка 19,2 фоиз (аз 221,7, то 181,4 с/га) паст гардид.

Агар дар соли 2015 дар заминҳои кишт 58,3 ҳазор тонна нуриҳои минералӣ истифода гардида бошад, пас дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 69,5 ҳазор тонна баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2015-ум 19,2 фоиз зиёд мебошад [2, с.175].

Дар соҳаи чорводорӣ саршумораи чорво дар солҳои 2015-2021 аз рӯйи ҳамаи намудҳо зиёд гардидааст, аз ҷумла, аз рӯйи чорвои калони шохдор 8,2 (аз 2209 то 2467,8 ҳазор сар), аз он ҷумла, модагов 14,0 фоиз (аз 1132 то 1290,5 ҳазор сар), гӯсфанд ва буз 14,6 фоиз (аз 5279 то 6052,4 ҳазор сар), паранда 2,2 маротиба (аз 5143, то 11117,7 ҳазор сар) ва оилаҳои занбӯри асал ба 20,8 фоиз (аз 213 то 257,2 ҳазор оилаи занбӯр) [2, с.178].

Бояд қайд, ки пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба соҳаи парандапарварӣ ҷиҳати ба маротиб рушд кардани сашумори паранда ва оилаҳои занбӯри асал мусоидат намуд.

Ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат тадбирҳои зиёде амалӣ карда мешавад. Барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши саҳми он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, аз ҷумла ғизои мукаммал фаъолият бояд дучанд афзояд. Фаъолиятҳои амалишуда дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар барои солҳои 2021-2025 бояд идома дода шуда, ба сатҳи нисбатан баланд бароянд.

Хусусияти муҳимми самтгирии фаъолият чунин аст:

- татбиқи босифати Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;

- тақвияти татбиқи сиёсати ояндабинӣ бо назардошти тағйирёбии боду ҳаво ва таркиби бозори истеъмолӣ, ҳамзамон, пешгирии талафоти ҳосил;

- такмили сиёсати минтақавии ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ, ҳамзамон, интихоби минтақаҳо тибқи занҷираи «ашёи хом-истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ-дарёфти бозори фурӯш";

- рушди низомҳои миллии суғуртакунии ҳосили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);

- баланд бардоштани сатҳи тиҷоратикунонии истеҳсолот.

Дар ин ҷода ба сифати натиҷаи чашмдошт - таъмини суръати баланди рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳосилнокии меҳнат, таъмини афзоиши сатҳи худтаъминкунӣ аз рӯйи намудҳои асосии маҳсулот ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар деҳот дар соҳаи агросаноатӣ пешбинӣ мешавад.

1. Минбаъд зарур аст, ки низоми танзими давлатии тиҷорати аграрӣ бо ташкили механизмҳои сиёсати аграрии қодир ба вокуниши саривақтӣ ба масъалаҳои дар бахши аграрӣ бавуҷудоянда, коркарди чораҳои ҳалли муносиб ва таъмини татбиқи самараноки ин чораҳо дар ҳаёт ташкил карда шавад. Новобаста аз механизмҳои бозории амалкунанда имрӯз танзими иқтисодиёт аз ҷониби давлат, аз он ҷумла маҷмааи агросаноатӣ пеш меояд, ки бояд амалӣ карда шавад. Барои кам кардани хусусияти таваккалии истеҳсолоти соҳаҳои кишоварзӣ вобаста ба обхезӣ, хушксолӣ, зараррасонандаҳо ба растаниҳо, бемориҳои гуногун, вирусҳо ва ғайраҳо давлат бояд механизми субсидияҳо, суғуртаи давлатӣ ва дигар чораҳоро истифода барад.

2. Барои бартараф намудани номунтазамӣ дар таҳвили маводи ғизо ва захираи кофии он зарур аст, ки давлат бо қарорқабулкунӣ оид ба ташаккули захираи ҳатмии маводи хӯрока аз ҷониби сохторҳои давлатӣ чораҳо андешад. Дар ҳолати акс баландшавии сахти нархҳоро ба миён меояд, ки ба афзоиши сатҳи гуруснагӣ ва камбизоатӣ таъсири бевосита мерасонад.

3. Танзими давлатӣ, ҳамзамон, бо ҷорӣ намудани стандартҳои ягона дар истеҳсоли маводи ғизоии хушсифат ва бе истифодаи пеститсидҳо бояд сурат гирад, то ки саломатии инсон ҳифз карда шавад ва насли солим ба воя расад.

4. Ҳамзамон, бо банди боло алоқаманд, ҳамасола тибқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ корбарӣ намудан дар самти барқарорсозии заминҳои кишоварзӣ ва ба гардиши нав ворид намудани заминҳои бекорхобида яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Зери таъсири ин омилҳо истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ маҷбуранд хароҷоти зиёдатӣ кунанд ва бе дастгирии давлатӣ сатҳи даромади онҳо аз сатҳи қобили қабул паст мешавад.

Бозори маҳсулоти соҳаи кишоварзиро наметавон мукаммал гуфт, бо сабаби он ки қисми зиёди сармояи истеҳсолии соҳа (замин, сохтмонҳои таъйиноти мақсаднок) сайёр нестанд. Имконияти ба дигар соҳаҳо партофтани он, дар ҳолати тағйироти мавқеияти бозор, хеле маҳдуд аст, ки боиси ба вуҷуд омадани сарчашмаҳои душвортаршавии бухронҳои иқтисодӣ мегардад.

Зарурати дастгирии давлатии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ бо консепсияи бехатарии озуқаворӣ ва нотавонии бозор дар мавриди дастгирии соҳаи стратегии иқтисодиёт – аграрӣ алоқаманд аст. Озуқаворӣ маводи талаботи ҳаррӯзаи инсон ва маҳсулоти стратегии иқтисодиёти миллӣ мебошад. Озуқаворӣ метавонад барзиёд истеҳсол шавад, аммо ҳаст ҳолатҳое, ки аҳолии мамлакат метавонанд аз норасоии озуқа танқисӣ кашанд.

Бехатарии озуқавории кишвар ҳолате мебошад, ки дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокаи ҳаётан зарурӣ аз сарчашмаҳои худӣ ва дастрас будани он ба тамоми шаҳрвандони кишвар дар ҳаҷм, номгӯй ва сифат, ки имкон медиҳад таъминоти максималии талаботи зарурӣ ва муфиди онҳо бе вайрон намудани баробарвазнии экологӣ ва иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад, ифода мешавад. Бархурди давлат ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиёти аграрӣ аз нигоҳи танг (маҳдуд) ва субъективонаи ширкаткунандагони алоҳидаи бозор ба куллӣ фарқ мекунад. Маҳз ҷустуҷӯи омезиши беҳтарини манфиатҳои умумидавлатӣ бо манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа сиёсати оқилонаи давлатро фарқ мекунонад. Вазифаи давлат

ҳангоми танзими бахши аграрӣ ба маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ тақсим мешавад (нигаред ба расми 3.1.).




Асбобҳо

1.Танзими ташаккул ва фаъолияти бозори маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ:
-танзими нарх;
-танзими даромади молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ;
-танзими ҳаракати маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар бозор.

2.Сиёсати қарзӣ-пулӣ ва андозӣ

3.Танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ

4.Танзими таъминоти илмӣ-иттилоотӣ

**Расми 3.3. Ҳадафҳои асосии танзими давлатии КАС**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда

Бояд дар кишвар танзими давлатии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва мавқеияти бозорӣ бо мақсади таъмини шароити мусоид барои фаъолияти механизми бозорӣ, ҳалли масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ такмил дода шавад. Вай пешбинӣ, барномарезӣ, маблағгузорӣ, ба буҷа дохил намудан, идоракунӣ, баҳисобгирӣ, назорат ва дигар вазифаҳоро пешбинӣ менамояд.

Дар амалия фарқияти байни ду гурӯҳи вазифаҳо на ҳама вақт аён аст. Масалан, дар чаҳорчӯбаи сиёсати дастгирии муҳити рақобатӣ ҳам тақсимоти маъмурии иттиҳодияҳои монополӣ, ҳам таъсиррасонӣ ба онҳо бо роҳи озодсозии воридот амалӣ карда мешавад.

Умуман, меъёри асосии фарқи усулҳои маъмурӣ ва иқтисодии иштироки давлат дар иқтисодиёт муносибати онҳо бо манфиати иқтисодии субъектҳои бозор ва интихоби озоди иқтисодӣ мебошад.

Чораҳое, ки мақомоти давлатӣ бе баҳисобгирии манфиатҳо ва мақсадҳои ширкатҳо ва шаҳрвандон ва мухолифи манфиатҳо ва мақсадҳои онҳо қабул менамоянд, ба маҷбуркунӣ асос ёфта, баёнгари иҷрои вазифаи давлат ҳамчун субъекти маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Вақте ки давлат шароити муносиб барои амалисозии манфиатҳои субъектҳои бозорро фароҳам меоварад ва ё қароре қабул менамояд, ки интихоби мустақилонаи субъектҳои бозорро пешбинӣ менамояд, сухан дар бораи танзим бо ёрии усулҳои иқтисодӣ, яъне танзими иқтисодии бахши аграрӣ меравад.

Ҳадафи асосии танзими давлатии КАС дар ҳифзи бехатарии озуқаворӣ бояд бошад, яъне таъмини муътадили ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ бо озуқаворecho дастрас, пурарзиш ва бехатар. Аз ин рӯ, тибқи категорияи маҳсулоти асосӣ ва ҳаётан муҳим чунин таъминот бояд аз сарчашмаҳои худӣ амалӣ карда шавад.

Самтҳои асосии танзими давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ чунин мебошанд:

- ташаккул ва фаъолияти бозори маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ;
- маблағгузорӣ, қарздиҳӣ, суғуртакунӣ ва андозбандии имтиёзнок;
- ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ҳангоми амалисозии фаъолияти иқтисодиёти берунӣ;
- рушди илм ва амалисозии фаъолияти илмӣ дар доираи истеҳсолоти агросаноатӣ;
- рушди доираи иҷтимоии деҳот.

Барои рушди самараноки маҷмааи агросаноатӣ зарурати низоми сесатҳаи танзим боқӣ мемонад: дар миқёси ҷумҳуриявӣ, дар миқёси маҳаллӣ ва минтақавӣ, ки дар навбати худ, бозтақсимкунии вазифаҳо ва тағйири бархурд дар ташкилотҳои дастгирии давлатиро тақозо менамояд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки дар сурати татбиқи тадбирҳои назаррас ба эътидол овардани вазъи демографӣ дар вилояти Хатлон то соли 2025 коҳиш меёбад. Таҳлили вазъи демографии минтақа нишон медиҳад, ки тамоюлҳои асосии чанд соли охир дар ин соҳа ҳифз мешаванд. Сатҳи фавти аҳолӣ ба монанди

пештара аз сатҳи таваллуд зиёд буда, афзоиши давомнокии муҳоҷират онро ҳамагӣ 20-22 фоиз ҷуброн мекунад.

**Ҷадвали 3.1. - Масъалаҳои ба вуҷуд овардани сохтори танзими давлатии КАС**

| Номгӯи масъалаҳо | Сабабҳо |
|---|---|
| Ҷанбаи озуқаворӣ | Низоми номукаммали тақсимоти маҳсулоти хӯрока, рушди номукаммали робитаҳои тиҷоратӣ, маҳдудиятҳои минтақавии имкониятҳои истеҳсолӣ ҳангоми якбора зиёдшавии талабот ба озуқаворӣ |
| Истеҳсолӣ | Номуътадилии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, мавҷудияти иқтидорҳо ва активҳои асосӣ бо ҳаракатнокии паст, душворшавии ташкилотӣ ва технологии раванди истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ |
| Истифодаи табиат | Маҳдудияти захираҳои табиии дар истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда, вайрон шудани баробарвазнии экологӣ дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ |
| Истеъмолӣ | Бехатарӣ ва дастрасии озуқаворӣ, муътадилии нархҳои бозори истеъмолӣ |
| Рушди деҳот | Дастгирӣ ва рушди инфрасохтори моддӣ – техникӣ ва иҷтимоӣ дар маҳалҳои деҳот, шуғли аҳолӣ, мубориза бо фақр ва ғ. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Таҳлили вазъи демографии минтақа ва дурнамои рушди онро то соли 2015 ба инобат гирифта, ҷиҳатҳои мусбати зеринро қайд кардан лозим аст:

- аҳолии қобили меҳнат меафзояд;

- сарбории аҳолии бо шуғл машғул коҳиш меёбад.

Коҳишёбии демографӣ, афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнатро аз ҷиҳати иқтисодӣ мусоид шумурдан мумкин аст. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои мазкур омили амалкунандаи ғайримустақими рушди иқтисодиёт дарояндаи наздик мебошанд.

Бо назардошти дар ҳаёти ҷамъиятӣ нақши ҳалкунанда доштани истеҳсолот, соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар сиёсати иҷтимоӣ ба ҳалли масъалаҳои бо кор таъмин намудан ва додани музди меҳнат бояд таваҷҷуҳи хосса дода шавад. Аз ҳалли ин масъалаҳо асосан имконият ва зарурати миқёсу шаклҳои муайяни дастгирии иҷтимоии табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон вобастагӣ дорад.

Дар давраи солҳои 2015-2021 сохтори бозории ба қайд гирифташудаи меҳнат баъзе тағйиротро аз сар гузаронид, ки дар он ҳиссаи бекоронеи бо хоҳиши худ аз кор озодшуда рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Ин вазъият бо сабаби имконияти

интихоби ҷойҳои ҷолибтар ба вуҷуд омадааст. Бо вуҷуди ин, баъзе тамоюлҳои манфии зерин боқӣ мондаанд:

- тақрибан нисфи ҷойҳои кории дар бозори меҳнат пешниҳодшуда бо музди меҳнати камтар аз ҳадди ақалли зиндагӣ;

- сарфи назар аз он занони бекор зиёда аз 70 фоизи шумораи умумии бекорони доимиро ташкил медиҳанд;

- то соли 2015 боз ҳам тезутундшавии мушкилоти бекории сохторӣ, яъне номувофиқатии байни хусусиятҳои сифатии талабот ва таклифоти қувваи корӣ.

Дар давраи то соли 2030 самти авлавиятноки сиёсати минтақавии шуғли аҳолӣ бояд мутобиқи талаботи бозори меҳнат ба самараноктар омода намудани шаҳрвандони бекор равона гардад. Дар натиҷаи татбиқи тадбирҳое, ки ба паст кардани шумораи бекорӣ нигаронида шудаанд (таъсиси корхонаҳои нав, аз ҷумла дар деҳот; сиёсати аз ҷиҳати иқтисодӣ дуруст андешидашуда оид ба корхонаҳои хурд ва ғайра), шумораи сокинони бекор бояд кам карда шавад.

Мақсади асосӣ аз мавқеъгирии иҷтимоии музди меҳнат то соли 2021 ин баланд бардоштани нақши он дар даромадҳои аҳолӣ, табдил додани он ба манбаи боэътимоди маблағгузорӣ мебошад, ки беҳтаршавии устувори некуаҳволии аҳолиро имконпазир мегардонад. Барои ноил шудан ба ин мақсад ислоҳоти музди меҳнат роҳандозӣ мешавад, ки дар рафти он ҳалли вазифаҳои зерин шарт ва зарур мебошад:

- фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои пурзӯр намудани нақши ҳавасмандгардонии музди меҳнат ва баланд бардоштани сатҳи он, қонунигардонии музди меҳнати ниҳонӣ ва зиёд намудани ҳиссаи музди меҳнат дар даромади пулии аҳолӣ;

- таъмини мувофиқати сохтори касбию тахассусии кормандон ба талаботи бозори меҳнат, бо шумули гузаронидани курсҳои бозомӯзии кормандони бекормонда;

- гузаронидани мониторинги доимии бозори меҳнат ва таъмини вокуниши муносиби сиёсати шуғли аҳолӣ ба тағйирот дар бозори мазкур.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дар тамоми кишварҳо яке аз самтҳои ҳаётан муҳим ба шумор меравад.

Бинобар ин, таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дарёфти бозори фурӯши он якчанд аҳаммият дорад:

- таъсиси ҷойҳои кории нав барои аҳолии деҳот, ки барои сатҳи даромади аҳолӣ таъсир мерасонад;
- ташаккули арзиши баланди иловашуда дар соҳа ва ба ин васила, афзоиш ёфтани даромади корхонаҳои кишоварзӣ;
- воридоти технологияҳои нав ва баланд шудани сифати ғизои ватанӣ;
- баланд шудани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ барои содироти он ба кишварҳои хориҷа.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷаҳон талабот ба озуқаворӣ афзоиш меёбад ва бахши кишоварзӣ ҳарчи бештар дастовардҳои илмию технологиро барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бехатарии маҳсулоти истеҳсолшаванда истифода мебарад. Дар раванди ин тамоюлҳои ҷаҳонӣ соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон, новобаста ба нишондиҳандаҳои афзоиш, ба талаботи бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҷавобгӯ нест. Аксарияти корхонаҳои хурду миёнаи бахши аграрии вилоят ҳаҷми истеҳсолоти ноустувор, хароҷоти баланд барои хариди мавод, таҷрибаи паст дар маркетинг ва фурӯши маҳсулотро доранд.

Ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон барои истеҳсолкунандагон, махсусан барои корхонаҳои хурду миёна барои паст кардани хароҷоти нақлиётӣ, инчунин, хароҷот барои сохтмони иншооти инфрасохторӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои илмию технологӣ, ҳамчунин, баргузор намудани чорабиниҳои муштарак ва якҷоя баромадан ба бозорҳои байналмилалии рақобати баланддоштаро имконияти босамар фароҳам меорад.

Ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулотро дар ҳудуди вилоят дар занҷираи ягонаи истеҳсолот муносиб мегардонад.

Бояд дар назар дошт, ки байни иштирокчиёни кластер интихоби мустақили шакли ташкилии он, озод будан барои муттаҳидшавӣ, интихоби соҳаҳои ҳамкорӣ, муштарак фаъолият намудан, гирифтани масъулияти баробар бо алоқаи устувор байни иштирокчиёни он бояд таъмин гардад.

Дар ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар ҳудуди вилоят дастгирии давлатӣ, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои марҳила ба марҳила ҳамгиро шудан равона карда шудааст, нақши муҳим дорад.

Тибқи Консепсияи рушди кластерҳо дастгирии давлат чунин зоҳир меёбад: [17, с. 4]

- қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба муҳайё намудани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани сохти кластерӣ дар бахши агросаноатӣ равона шудаанд;

- дастгирии иттилоотию таҳлилӣ, ташкилӣ, методӣ, омӯзишӣ ва ғайраи иштирокчиёни кластер дар таҳия ва амалигардонии лоиҳаҳои рушди кластерӣ, ки ба баланд шудани рақобатнокии маҳсулот равона шудаанд;

-барои иштирокчиёни кластер ва марказҳои рушди кластерӣ ҷудо намудани қитъаҳои замин;

-дар заминаи ташкилотҳои давлатӣ ташкил намудани марказҳои рушди кластерӣ;

-дастгирии хоҷагиҳои таҷрибавии истеҳсолӣ, муассисаҳои илмӣ ва маблағгузории корҳои мақсадноки селексионӣ дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷетӣ;

-пешниҳод намудани сармоягузориҳои мақсаднок барои рушди инфрасохтори муҳандисӣ ва нақлиётӣ, ки барои амалигардонии мақсадҳои кластерҳои агросаноатӣ заруранд;

-пешниҳоди грантҳои мақсаднок ба ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ аз сарчашмаҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст;

-пешбинӣ кардани ҳавасмандгардониҳо барои кластерҳои таъсисёфтаи агросаноатӣ;

-мусоидат намудан ба гузаронидани озмоиш ва сертификатсияи маҳсулоти иштирокчиёни кластер мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дигар тадбирҳо.

Танҳо дар натиҷаи истеҳсоли маҳсулоти ватании кишоварзӣ ҳар як давлати мустақил мушкилоти аввалиндараҷаи таъмини аҳолиро бо маҳсулоти озуқаворӣ метавонад ҳал намояд.

Самтҳои ташаккули низоми таъминоти озуқавории мамлакат ва бозорҳои маҳсулоти гуногун хусусиятҳои худро доро мебошанд, вале дар якҷоягӣ онҳо бояд муҳимтарин масъалаи пур кардан ва нигоҳ доштани ғунҷоиши бозори дохилии молии озуқавориро ҳал намоянд, ки он аз як қатор омилҳои муҳим вобаста мебошад (нигаред ба расми 3.4.)

Мавҷуд будани шароит, имконият ва муҳити рақобатии одитарин барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ;

Озодии иқтисодии молистеҳсолкунандагон дар истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулот;

Мавҷуд будани маҳсулоти рақобатпазир ва тақозо ба он;

Мавҷуд будани сиёсати самарабахши андоз, гумрукӣ ва нарх, инҳисор, қобилияти харидории аҳолӣ ва дигар омилҳо.

**Расми 3.4. Омилҳои муҳимми пур кардани бозорҳои дохилӣ бо маҳсулоти озуқавории ватанӣ ва нигоҳ доштани нарх**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар баробари ин, ҳангоми муайян намудани вазъи бехатарии озуқаворӣ масъалаҳои зерин низ бояд ба назар гирифта шаванд: ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, ашёи хоми истеҳсоли ватанӣ, талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ муқарраршуда, сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои илман исботшуда бо дарназардошти шароити табиӣ ва иқтисодии макони зист [160, с. 5-12].

Мушкилиҳои нишондодашуда қариб ба ҳамаи мамлакатҳо, чи пешрафта ва чи рӯ ба инкишоф тааллуқ дошта, арза ва хусусияти тақозои самти фаъолияти бозори озуқавориро муайян менамоянд. Ин дар навбати худ, кафолати гардиши

муътадили молӣ, ҷуброни талафҳои истеҳсолкунанда ва қонеъ кардани талаботи истеъмолкунанда ба озуқаворӣ мебошад.

Барои ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои бехатарии озуқаворӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба шумор меравад, ки таъмини он дар натиҷаи таъмин будани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ ва саноат ба ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ амалӣ хоҳад шуд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо бояд таъмини истиқлолияти озуқавориро ба даст орем, ки он дар натиҷаи рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт алоқаманд мебошад [153, с. 86-96].

Барои фароҳам овардани шароитҳои афзалиятноки рушди босуботи бозори озуқаворӣ бояд аз тарафи давлат сиёсати нави иҷтимоии хоҷагии қишлоқ пеша карда шавад, ки он ба ташаккули низоми таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ аз рӯйи нақшаи нав нигаронида шуда бошад. Барои сохтани нақшаи зерин бояд унсурҳои дар боло татбиқшудаи ин низом пурра кушоду возеҳ карда шаванд.

Унсури якумини низоми таъминоти аҳолии минтақаҳо бо озуқаворӣ маводи иттилоотие ба шумор меравад, ки аз маълумоти дар натиҷаи таҳлил ва пешгӯйии фаъолияти ин бозор бадастомада иборат мебошад. Барои таҳлил ва пешгӯии фаъолияти бозор бояд дар бораи он маълумоти ибтидоие мавҷуд бошад, ки он метавонад аз бахшҳои зерин иборат бошад.

Унсури дигари низоми таъминоти аҳолии минтақаҳо бо озуқаворӣ ташаккули захираҳои маҳсулоти хӯрокворӣ дар асоси ташкили инфрасохтори дорои таҷҳизоти ҳозиразамон ба ҳисоб меравад. Захираҳои озуқаворӣ бо мақсади ба таври самаранок истифода кардани системаҳои нақлиётӣ-коммуникатсионӣ бояд бевосита дар минтақаҳо ташкил карда шаванд.

Истифодаи самараноки обу замин ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бе ворид намудани технологияи нав ва риояи қоидаҳои муосири агротехникии парвариши зироатҳо ғайриимкон мебошад.

Минбаъд дар сатҳи кишвар зарур аст, ки пеш аз ҳама, Стратегияи бехатарии озуқаворӣ (барои мисол то давраи соли 2030) таҳия ва татбиқ карда шавад, то ки ҳадафҳо ва масъалаҳо аз рӯйи принсипи умумӣ муайян ва роҳҳои ноилшавӣ дақиқ карда шаванд.

Ба сифати афзалиятҳои асосии Стратегия, бахусус дар сатҳи минтақаҳо масоили зерин муайян мегарданд: [156, с. 4-6]

- ташкили низоми таъминоти аҳолӣ бо ғизо ва таъмини дастрасии озуқа (дастрасии иқтисодӣ ва ҷисмонӣ);

- таъсиси кластерҳои истеҳсолӣ-илмӣ-инноватсионӣ барои таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ва таҳқиқот дар ин самт;

- ташкили кластерҳои истеҳсолӣ барои иттиҳоди истеҳсолкунандагон дар асоси таҳқиқот ва мониторинги бозори истеъмолӣ;

- рушди устувори бахши аграрӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосир ва усулҳои муосири инноватсионии агротехникӣ ва принсипҳои дастгирии давлатии он;

- таъмини амнияти озуқаворӣ ва ташкили низоми истеҳсол ва содироти ғизои солим;

- инкишофи принсипи «иқтисодиёти сабз» ва кишоварзии органикӣ бо истифода аз имконияти мавҷудаи кишвар;

- ташкили низоми захиранамоии ғизо ва такмили минбаъдаи он;

- муайян намудани механизмҳои молиявии инкишофи низоми таъминоти аҳолӣ бо ғизои хушсифат;

- ҳифзи бозори истеъмолӣ аз ғизои пастсифати ватанию хориҷӣ бо роҳи баланд бардоштани стандартҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, воридкунӣ ва фурӯши маҳсулоти ғизоӣ;

- истифодаи механизмҳои тарифию гумрукӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъмини қаишии он;

- мониторинги доимии фаъолияти низоми таъминоти аҳолӣ бо ғизои хушсифат ва институтҳои он.

Дар Стратегияи миллии рушд самтҳои асосии ислоҳоти аграрӣ ва принсипҳои умумии дастгирии давлатӣ ва тағйироти институтсионалӣ муайян карда шудаанд.

Махсусан, тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди

индустриализатсия ва рушди босуботи пешгирикунандаи соҳаи кишоварзӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар асоси ислоҳоти бахшро ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва инсонӣ дар асоси беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул барои аҳолии деҳот, таҷдид ва барқарор намудани инфрасохтори обёрӣ, инчунин, ҷорӣ кардани технологияи обёрии муосири сарфакунандаи неруи барқ ба афзалиятҳои соҳаи кишоварзӣ дохил мешаванд.

Дар стратегияи бехатарии озуқаворӣ роҳҳои бартараф намудани механизми заифи дастгирии давлатии молиявии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва монеаҳои муттаҳидсозии қитъаҳои замин, ки барои сармоягузорӣ дар бунёди корхонаҳои азими кишоварзӣ дар минтақа мушкилӣ эҷод мекунанд, бояд муайян карда шавад. Ба ибораи дигар, бо мақсади беҳтар гардонидани фазои соҳибкории хурду миёна, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи стратегияи бехатарии озуқаворӣ як силсила тадбирҳоро дар самти беҳтар намудани имкониятҳои дастрасии қарзҳои хурд ба соҳибкорону тоҷирон ва дигар масъалаҳои вобаста ба инкишофи соҳибкорӣ ба анҷом мерасонад.

Вобаста ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, соҳаҳои афзалиятноке мавҷуд мебошанд, ки давлат кӯшиш ба харҷ медиҳад, то суръати пешравии онҳо афзоиш ёбад, ба монанди соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноати сабук, аз он ҷумла коркарди пахта ва ғайра.

Бояд дар назар дошт, ки заминаи ақибмондаи моддию техникии комплекси агросаноатӣ дар сурати маҳдуд будани дастрасии корхонаҳои он ба иттилоот доир ба бозорҳои фурӯши пуриқтидор, дарозмуҳлат ва гарон будани амалиётҳои тиҷорати беруна ба таъмини бехатарии озуқаворӣ таҳдид менамоянд.

Азбаски вобастагии иқтисодиёти кишвар аз воридоти маҳсулоти озуқа, таҷҳизот, ҷузъиёт, сӯзишвории органикӣ, чӯбу тахта ва ғайра назаррас аст, бояд ба ин масъала низ диққат дода шавад.

Пайваста ба иқдомҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи оби ошомиданӣ ва умуман, об, ҳамчун таъминкунандаи рушди устувор дар стратегияи бехатарии озуқаворӣ бояд ба проблемаҳои таҳдидҳои назаррас барои рушди комплекси агросаноатӣ дар робита бо тағйирёбии глобалии иқлим дарояндаи дарозмуҳлат назар карда шавад. Дар ин ҳолат стратегия дар арсаи байналмилалӣ эътироф мегардад ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ аз ҷониби шарикони рушд пайдо мекунад.

Ҳамзамон, сатҳи пасти устувории экологии рушди кишоварзӣ ба шиддатёбии таназзули захираҳои замину об, пеш аз ҳама, заминҳои корам дар натиҷаи харобшавӣ (эрозия), ифлосшавӣ, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, кам шудани ҳудуди ҷангалзорҳо, аз гардиши кишоварзӣ баровардани заминҳо, инчунин, омилҳои тағйирёбии иқлим оварда мерасонад, ки хатари ҷиддиест барои рушди соҳаи кишоварзӣ. Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ низ бо роҳҳои рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои муайян намудани сатҳи бехатарии озуқаворӣ ба шумор меравад.

**Хулосаи зербоби 3.2.**

Дар давраи таҳлилшаванда таносуби шохисҳои ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнати миёна қариб ҳамеша аз воҳид камтар буд. Ин дар муқоиса бо рушди ҳосилнокии меҳнат афзоиши босуръати музди меҳнатро ифода менамояд. Рушди эҳтимолии ҳосилнокии меҳнатро аз ҳисоби тағйир ёфтани музди миёнаи меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ дар асоси муодилаи назариявии алоқа муайян месозем. Барои ин мо дар давоми хати рост ҳамворкуниро анҷом медиҳем.

Муодилаи муносибатҳои назариявии натиҷавӣ вобастагии функсионалии ҳосилнокии меҳнатро дар соҳаи кишоварзӣ ба музди миёнаи моҳона ифода менамояд. Бузургии «aj» (0,25) коэффитсиенти регрессия ном дорад ва дараҷаи афзоиши ҳосилнокии меҳнатро бо афзоиши музди миёнаи моҳона ифода мекунад. Дар мисоли мо, 1 сомонӣ зиёд шудани музди миёнаи моҳона 0,25 ҳазор сомонӣ (250 сомонӣ) дар як сол ба як коргар зиёд шудани ҳосилнокии меҳнатро нишон медиҳад.

Мутобиқи Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон рушди бомуваффақияти иқтисодиёт ва ҷомеа аз як қатор шароитҳо вобастагӣ дорад.

- созиши иҷтимоие, ки дар асоси принсипи «беҳбудии аксарият» муттаҳидсозандаи давлат, доираи соҳибкорӣ ва ҷомеа ба даст омадааст, чунин мақсад дорад: давлат бояд нисбат ба ҷомеа дар муҳайёсозии шароити баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, таъмини кафолатҳо, ҳуқуқ, озодиҳо ва бехатарии лозимаи иҷтимоии шаҳрвандон масъулияти воқеӣ ба дӯш гирифта, дар ҷавоб қонуният ва дастгирии ҷамъиятиро талаб намояд; давлат дар робита ба соҳибкорӣ бояд кафолатҳои ҳуқуқи моликият, фазои мусоиди соҳибкорӣ, дастгирии соҳибкории берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд;

- бунёди тартиботи иҷтимоӣ дар асоси тақсимоти масъулият байни мақомот ва субъектҳои асосии иқтисодиёт барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои ҳамоҳангшудаи сатҳи ҳаёт. Бунёди механизми мутаносиб, ки имкон медиҳад, аз як тараф, ухдадорӣ ва масъулияти тамоми ҷумҳурӣ, субъектҳои ҶТ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо ва худи шаҳрвандон барои баланд бардоштани некуаҳволӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва аз тарафи дигар, дар шаклҳои гуногуни иштирокдорони асосии равандҳои иқтисодӣ муколамаи доимӣ ба таври қатъӣ муқаррар шавад;

- ба имкониятҳои моддии он мувофиқ кунондани ухдадориҳои иҷтимоии давлат;

- таъмини некуаҳволии аксарият ва ташаккул додани табақаи миёнаи аҳолӣ.

Ин гуна масъулияти иҷтимоӣ гувоҳи он аст, ки беҳтар намудани сифати ҳаётгузаронӣ ҳам вазифаи давлат ва ҳам вазифаи ҳар як шахс мебошад.

### 3.3. Роҳҳои баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии вилояти Хатлон

Дар Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ яке аз мақсадҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ буда, дастрасӣ ба он имконият медиҳад, ки бехатарии озуқаворӣи

мамлакат таъмин ва рақобатпазирии иқтисоду некуаҳволии аҳолӣ баланд бардошта шавад [17, с. 12].

Илова ба ин, дар ҳуҷҷати мазкур истилоҳи зерин - сиёсати давлатӣ оид ба рушди устувори ҳудудҳои деҳот мавҷуд аст, ки чун самти муҳимтарини сиёсати умумидавлатӣ мавқеъ пайдо кардааст.

Дар маҷмуъ, сиёсати давлатӣ оид ба рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ду сатҳи идора бояд амалӣ карда шаванд:

- ҷумҳуриявӣ;

- минтақавӣ.

Дар ин маврид сиёсати рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ бояд дар самти мустақили сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ амалӣ гардад.

Барномаи қабулкардаи ислоҳоти хоҷагии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 раванди ташаккули асосҳои меъёрии сиёсати рушди деҳотро дар кишвар амалан ба анҷом расонид.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, № 241 «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои маҷмуи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян кардааст, ки сиёсати давлатии аграрӣ қисмати таркибии сиёсати давлатии иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки ба рушди устувори хоҷагии деҳот ва ҳудудҳои деҳот равона шудааст.

Қонуни мазкур ба сифати мақсадҳои сиёсати аграрии давлатӣ инҳоро муайян мекунад:

- баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва молистеҳсолкунандагони хоҷагии деҳот, таъмини сифати маҳсулоти хӯрокворӣ;

- таъмини рушди устувори ҳудудҳои деҳот, шуғли аҳолии деҳот, баланд бардоштани сатҳи зиндагии он, аз он ҷумла пардохти маоши коргароне, ки дар хоҷагии деҳот машғуланд.

Дар соҳаи дастгирии маҷмуи агросаноатии ҷумҳурӣ қонун дорои салоҳиятҳои зерин мебошад:

- мақомоти салоҳиятдореро муайян мекунад, ки фаъолияти субсидияҳо (дастгирии молиявӣ)-ро назорат кунад;

- рӯйхати истифодабарандагони субсидияҳо (дастгирии молиявӣ)- ро тартиб медиҳад, тартиби он ва маблағи умумиро муайян менамояд;

- шакл ва тартиби пешниҳоди маълумотнома-ҳисобномаҳо ва маълумотномаи ҷамъбастӣ (сводный)-ҳисобкуниро таъйин мекунад;

- истифодаи мақсадноки субсидияҳо (дастгирии молиявӣ)-ро вобаста ба эҳтиёҷоти соҳаҳо муайян менамояд;

- манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ ҳимоя менамояд;

- такмили низоми таҳсил ва тайёркунии мутахассисони маҷмуи агросаноатиро таъмин мекунад;

- ба рушди илм, фаъолияти навоварона дар соҳаҳои маҷмуи агросаноатӣ мусоидат менамояд [18, с. 3].

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар соҳаи рушди устувори деҳот ҷиҳатҳои зеринро муайян кардааст:

- ташкили шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ барои деҳаҳо бахри иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ ва дигар масъалаҳои умумимиллӣ ва вазифаҳои рушди ҳудудҳо;

- рушди устувори иқтисоди деҳот, баланд бардоштани самараи хоҷагии деҳот ва ҳиссаи деҳот дар иқтисоди мамлакат;

- баландбардории вазъи шуғли аҳолӣ, сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳот, ҳамчунин наздикшавии деҳа ба стандарти зиндагии шаҳр;

- суст намудани раванди ғайрипаҳншавӣ (депопулятсия), устуворгардонии нуфуси аҳолии деҳот ва афзун намудани дурнамои умрдарозии мардум;

- истифодаи сарфакоронаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист;

- ҳифз ва афзун намудани иқтидорҳои фарҳангии деҳот [39, с. 82].

Чорабиниҳои муҳимтарини иҷрои стратегиро барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо пешбинӣ менамоянд.

Мақсади муҳимтарини ин сиёсат чун пешина афзун намудани ҳаҷм ва интенсификатсияи истеҳсолоти аграрӣ, ҳамчунин, кам кардани вобастагӣ аз воридот боқӣ мемонад.

Таъминоти аҳолии кишвар бо маводи озуқаворӣ аз сатҳи иҷрои талаботи мардум бо маводи хӯрока дар доираи истеҳсолоти дохилӣ муайян карда мешавад. Албатта, дар ин ҷода маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқа, ки дар ҳудуди Тоҷикистон истеҳсол карда мешаванд, дар назар гирифта шудааст. Таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти худӣ (ватанӣ) тавассути саноати хоҷагӣ ва қисми муҳимми он - кишоварзӣ роҳандозӣ мегардад.

Аз рушди соҳаи кишоварзӣ сатҳи зиндагии мардум, хусусан аҳолии куҳистон беҳбудӣ пайдо менамояд. Масалан, ҳаҷм ва сифати хуби озуқаворӣ, даромад ба сари аҳолӣ, таъминот ва хизматрасонии хуб, беҳбудии вазъи иҷтимоӣ ва ғайраҳо. Дар ҳамаи давру замон соҳаи кишоварзӣ дар рушди босуботи кишвар нақши муҳим дошта, барои роҳандозии нақшаҳои давлатӣ дар соҳаи иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Барои рушди ояндаи соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама шароит муҳайёст: замин, иқлими мусоид барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ, захираҳои инсонӣ, дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра. Маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсолшаванда дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ на танҳо кафолати рақобатпазирӣ, рушди устувори дохилии истеҳсолот ва иҷтимоиёт шуда метавонад, балки ба беҳтар шудани содироти маҳсулоти гуногуни соҳаи кишоварзӣ, таъмини корхонаҳои саноатии кишвар бо маҳсулоти ашёи хоми ватанӣ, баландшавии рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои ҷаҳонии аграрӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, “барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда дар самти рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба масъалаи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ диққати бештар дода шавад” [33, с. 16].

Яъне, гуфтан мумкин аст, ки мо маҳз бо ҳамин роҳҳо метавонем ба ҳадафи чоруми Ҳукумати мамлакат расем.

Дар натиҷаи ислоҳот дар соҳаи кишоварзии мамлакат таркиби ширкаткунандагони бозори соҳаи кишоварзӣ ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати сифат дигаргун шуд. Бояд қайд намоем, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои мураккаб дар иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, навъҳои корхонаҳои ин бахш гуногун буда, онҳо аз рӯйи аломатҳои рақобатпазирӣ вобаста ба шакли моликият, шакли ташкили ҳуқуқӣ, навъи хоҷагидорӣ, андоза ва сатҳи моликият фарқ доранд.

Соҳаи озуқаворӣ ва кишоварзӣ дар мамлакатҳои дунё ба хатару монеаҳои гуногун, аз ҷумла ҷунбиши демографӣ, тағйирёбии иқлим, маҳдудияти захираҳои табиӣ рӯ ба рӯ гаштааст. Дар вазъи бавуҷудомада тавассути васеъсозии заминҳои кишт, сермаҳсулгардонии заминҳои кишоварзӣ (обёрӣ, оҳакандозии заминҳо, таъминот бо нуриҳои минералӣ ва ғайра), истифодаи методу усулҳои инноватсионӣ, ҳифзи табиат, омӯзиш ва татбиқи сохтори иқтисодиёти кишварҳои тараққикарда, қабул ва татбиқи стратегияҳои рушди мамлакат ва гузаронидани чораҳо барои ислоҳоти аграрӣ барои таъмини минбаъдаи бехатарии озуқавории мамлакат мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ мавҷудияти маҳсулоти рақобатпазири тавлиднамудаи истеҳсолкунандагони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва рақобатпазирии худи мамлакатро муайян менамояд.

Ба назари мо, омилҳои рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ҷумҳурӣ ҳамон омилҳои сатҳи давлат мебошанд. Вале маҷмуи бартариҳои рақобатии бисёре аз минтақаҳо гуногун буда, ба онҳо имкони самараноктар пеш бурдани истеҳсолоти кишоварзиро медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба туфайли доштани заминҳои ҳосилхез ба соҳаи кишоварзии тараққикарда дохил мешавад.

Дар низоми танзими давлатӣ нигоҳ доштани сатҳи зарурии нарх ва тавозуни нархӣ нақши муҳим мебозад.

Воқеан, дар бисёр давлатҳои пешрафтаи дунё қисми бештари хароҷоти давлатӣ дар сиёсати аграрӣ, махсусан барои нигоҳ доштани нарх рост меояд. Ин омил аз сиёсати дурандешонаи бисёр давлатҳои мутараққӣ ба шумор меравад.

Мақсади асосии танзими бозор ва афзунгардонии даромади фермерҳо, ҳалли бисёр масоили мубрами соҳа ба он алоқаманд аст ва ин нигаҳдошти даромади муносиби мардуми деҳот дар муқоиса ба шаҳрнишинон мебошад.

Аз таҳлилу баррасии танзими нархгузории фарогири нархгузориҳои фермерӣ, яклухт ва чакана метавон чанд мақсади муҳимми ин соҳаро ҷудо намуд:

а) батанзимдарории нарх бо дарназардошти тағйирёбии он дар доираи маҳдуд;

б) нигоҳ доштани нархгузории фермерӣ, ки ба истеҳсолгарон имкони барзиёд намудани истеҳсолотро фароҳам меорад.

в) тавассути сиёсати нархгузорӣ дар дараҷаи муайян танзими ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот.

Бояд ба инобат гирем, ки бе кумаки бевоситаи давлат дар кишварҳои Ғарб вобаста ба сиёсати нархгузорӣ дар шароити фаровонии бозори маҳсулот ва талаботи пардохт нархгузорӣ на танҳо зарари ҷиддӣ медид, балки нисбат ба сатҳи имрӯза ба ҳадди баланд паст мефаромад. Барои ба миён омадани чунин дараҷаи баланд ва муътадил зарурати пардохт аз ҷониби истеъмолкунанда, давлат ва андозсупоранда пеш меояд. Дар ин ҷода аҳолии берун аз доираи кишоварзӣ дидаву дониста, ин роҳро интихоб менамоянд, то аз хатари зарар дидани иқтидори истеҳсолӣ ва озуқаворӣ худ ва дигаронро эмин нигоҳ доранд.

Нақшаи танзими нархи давлатӣ қариб дар ҳамаи давлатҳои ба шакли иқтисоди бозорӣ рушдкунандаи дунё якранг менамояд: барқарор намудани сатҳи болоӣ ва поёнии тағйирёбии нархҳо ва нархҳои шартии онҳо, ки давлат барои нигоҳ доштани онҳо талош меварзад. Дар баробари ин, барои нигоҳ доштани нархи муносиби харид ва фурӯши маҳсулоти иловагӣ аз ҷониби онҳо ба нақша гирифта мешавад.

Танзими нархи давлатӣ дар асоси як қатор меъёрҳо бояд амалӣ гардад. Барои танзими нархгузории муносиб давлат бояд раванди истеҳсолот ва ҳаҷми онро назорат кунад.

Низоми дуруст дар ин маврид он низоме ба ҳисоб меравад, ки хоҷагидорон аз он ба таври васеъ истифода намуда, бо дарназардошти нишондиҳандаҳои давлатӣ ҳаҷму миқдори истеҳсолотро дуруст ба роҳ мемонанд, майдони киштро кам ва ё зиёд мекунанд ва дар сурати зарурӣ аз кумакҳои давлатӣ баҳравар мегарданд. Дар ҳолати зарурӣ давлат бояд заминҳои кишт ва киштукори чандинсоларо танзим намояд ва дар сурати риоя нагардидани қоидаҳои маъмул метавонад хоҷагидоронро ба ҷазои маъмурӣ кашад.

Дар ин маврид ба таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ бояд такя намоем, ки ба таври мисол, дар Франсия барҳам додани майдони кишти пешини ангурзор барои истеҳсоли вино ва ё майдонҳои себзор бо дарназардошти ҳосили бештар аз байн бурда мешаванд ва ба хоҷагидорон маблағи зарурии кумакпулӣ супурда мешавад. Тавассути ин пардохтҳо ба дараҷаи зарурӣ майдонҳои киштукор ба танзим дароварда мешаванд. Дурнамои иқтисодӣ дар асоси раванди истеҳсолии хоҷагии қишлоқ ба бисёр омилҳо вобастагӣ дошта, риояи онҳо самарабахшии соҳаро таъмин менамояд. Дар ин асос, масалан дар Иттиҳоди Аврупо дар шароити истеҳсолоти давравии ҷорисозии кумакхарҷиҳо барои кам кардани майдонҳои кишт, аз ҷумла оид ба лаблабуи қанд амалӣ гардида, баръакси ин ҷараён, дар як қатор давлатҳо пардохти маблағи майдонҳои муайяни киштукор барои афзунгардонии маҳсулоти равғанӣ бо мақсади кам кардани содироти ин навъи маҳсулот аз хориҷа ва ба танзим даровардани истеҳсолоти хӯроки сафедадор татбиқ гардонида мешавад.

Бо дарназардошти ин кумаки давлатии мақсаднок барои сохтмон, хариди техника, муҷаҳҳазгардонии биноҳои чорводорӣ, кам кардани миқдори қарзҳо ва ғ. бояд ба роҳ монда шавад. Дар ин самт Япония ва Германия давлатҳои намунавӣ ба шумор рафта, дар ин давлатҳо барномаҳои зиёд барои роҳандозии кумакхарҷиҳои давлатӣ бо мақсади ноил гардидан ба таъминоти озуқаворӣ амалӣ мешуданд. Низоми қарзҳои имтиёзнок дар соҳаи кишоварзӣ ва як қатор чораҷӯиҳо барои таҳкими хоҷагидорӣ ва ёрии моддӣ ба хоҷагидорони нав мусоидат менамояд.

Ҳоло пардохтҳои бевоситаи давлатӣ (муттасил барои майдонҳои кишт ва ё вобаста ба ҳаҷми маъмулии маҳсулоти соҳаи чорводорӣ) бояд хусусияти дигар касб намояд. Мақсади онҳо ба танзим даровардани истеҳсолот набуда, ҳаллу фасли масоили иҷтимоӣ – нигоҳ доштани сатҳи даромади хоҷагидорон, аз ҷумла вобаста ба гузариш аз консепсияи баробарии нархҳо ба консепсияи баробарии даромадҳо ва сатҳи зиндагӣ аз мақсадҳои асосии онҳо ба ҳисоб меравад.

Мақсади чунин пардохтҳо ҷуброни рентаи манфии замин, ки харҷи истеҳсолотро зиёд менамояд, ба шумор меравад. Ин навъи пардохтҳо одатан ҳангоми роҳандозии истеҳсолоти кишоварзӣ дар манотиқи дурдаст ва ё кӯҳистон амалӣ мешавад.

Дар соҳаи кишоварзӣ яке аз нуктаҳои муҳимми таъмини самарабахшии соҳа ин расонидани дастовардҳои олимону мутахассисони соҳа ба хоҷагидорон мебошад. Бояд қайд намуд, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти илмӣ дар давоми солиёни зиёд шакл гирифта, аз ҷониби олимон дар сатҳҳои гуногун таҷрибаҳои амаливу назариявии зиёд гузаронида мешавад ва маҳз ҳамин нукта бояд дар соҳаи кишоварзӣ мавқеи муносиб пайдо кунад ва хоҷагидорон ин таклифу пешниҳодотро дар амал татбиқ намоянд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо метавон хулосабарорӣ намуд, ки вилоят иқтидори баланди роҳандозии барномаҳо ва корҳои амалиро дар соҳаи кишоварзӣ дошта, пояи ташкиливу ҳуқуқии ин соҳаи ҳаётан муҳим низ барои таъмини маҳсулоти худӣ мусоидат менамояд. Ҳангоми пешбурди корҳои хоҷагидориву фаъолияти бахши кишоварзӣ бояд таҷрибаи давлатҳои пешқадам ба инобат гирифта шаванд, табиати ҳар як минтақа дар ин амалиётҳо таъсиргузор буда, танзими молиявии соҳа дар асоси иштироки бевоситаи давлат амалӣ мешавад, дастгириҳои давлатӣ барои роҳандозии барномаҳои мукаммали илман асоснок заминаи мусоиди иқтисодиро ба вуҷуд меорад.

Ислоҳоти иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, боиси дигаргуниҳои ҷиддие дар ҷомеа гардид. Барҳам додани маҳдудиятҳои маъмурӣ барои афзоиши фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, шуғли дуюм ва худмашғулият шароит фароҳам овард. Вале ҳоло самтҳои иқтисодии ислоҳот аз самтҳои

ичтимоӣ бартарӣ доранд. Дар ин бобат мақсадҳои сиёсати ичтимоии давлат ва вилоятро васеъ кардан лозим аст. Нишондиҳандаи умумии рушди ичтимоию иқтисодии вилоят сатҳи зиндагии мардум мебошад. Нишондиҳандаҳои сифати ҳаёт бояд асоси нақшакашии иқтисодиёт, тартиб додани низоми пешгӯии мақсадноки ичтимоӣ гарданд. Чуноне ки дар расми 3.5. нишон дода мешавад, пешгӯии сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои вилояти Хатлон дар асоси омӯзиши мувозинати даромад ва харочоти аҳолӣ тибқи унсурҳои пешниҳоднамудаи мо ичрошаванда мебошанд.




**Расми 3.5. Низомиояндабинии сатҳи зиндагии аҳолии минтақа.**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Сарфи назар аз суботи муайяни вазъи иқтисодии кишвар ва таҳкими қурби асъори миллӣ раванди таваррум идома меёбад ва сиёсати ичтимоии давлат ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, яъне барои ба қадри кофӣ ва сари вақт додани музди меҳнат, нафақа, ёрдампулӣ равона шудааст.

Афзоиши музди меҳнати номиналию воқеӣ дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ дар давраи пешбинишуда аз афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаҳои

дахлдори саноат, баланд бардоштани самаранокии меҳнат, истифодаи технологияи сарфаи захираҳо ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад. Муътадилгардонии вазъияти додани музди он низ ба афзудани музди воқеии меҳнат мусоидат мекунад.

Омили дигари афзоиши музди меҳнат афзоиши давраи пешбинишавандаи кафолати ҳадди ақалли давлатии музди меҳнат хоҳад буд. Дар сурати татбиқи тадбирҳое, ки ба зиёд кардани музди меҳнат нигаронида шудаанд, маблағгузории иловагӣ лозим аст. Маълум аст, ки ин барои буҷети вилоят хароҷоти калон мешавад. Вале минбаъд дар вилояти Хатлон сохтмони як қатор корхонаҳои бузург пешбинӣ шудаанд, ки ин дар навбати худ, ба буҷети вилоят воридшавии даромади назаррасро таъмин месозад. Ҳангоми таҳлили сатҳи зиндагии аҳолӣ масъалае ба миён меояд, ки тамоюли асосии тағйирёбии он муайян гардад. Дар тадқиқоти рисолаи илмӣ нишондиҳандаҳои асосиеро, ки ҳангоми муайян намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ истифода мешаванд, мавриди омӯзиш қарор додаем. Бояд гуфт, ки натиҷаи ба даст овардашуда нокифоя буда, баланд шудани сатҳи некуаҳволии аҳолиро тавсиф дода наметавонад.

Чунонки А.А. Солеҳзода қайд намудааст, бояд дар назар дошт, ки дар мавриди таъмин намудани талаботи физиологии организми инсон бо моддаҳои ғизоӣ ва энергияҳо, дар як маврид вазифаҳои пешгирикунанда ва табобатӣ иҷро карда мешавад. Мояи ғамхории махсус бояд ташкили ғизои солим, бахусус барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ: кӯдакон, одамони пиронсол ва ғайра бошад. Ҳалли ин вазифаҳо таъмини дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодиро барои истеъмолкунандагони маҳсулоти ғизоӣ ба миқдор ва навъҳои зарурӣ тақозо мекунад [156, с. 3-8].

Самтҳои авлавиятноки соҳаи иқтисодии консепсияи минтақавӣ барои давраи наздиктарин бояд чунин бошанд: афзоиши даромад аз ҳисоби такмили сиёсати андозбандӣ, беҳтар намудани рафти андозситонӣ, истифодаи профисити буҷет; ба сатҳи буҷети оқилонаи истеъмолӣ расонидани музди меҳнат; сари вақт додани музди меҳнат; тараққӣ додани саноати деҳот; тараққӣ додани соҳибкории хурду миёна ва ғайра. Дар шароити ҳозира музди меҳнат манбаи нокифояи эътимоднокии даромади аҳолӣ ба шумор меравад. Сатҳи нисбатан пасти он,

махсусан дар соҳаи давлатӣ одамонро маҷбур мекунад, ки дар баробари кори асосӣ дигар шаклҳои меҳнатро (хоҷагии ёрирасони шахсӣ, кори муваққатӣ) дар речаи кориву ғайрикорӣ дарёфт намояд.

Барои беҳтар шудани дараҷаи зиндагии аҳолӣ аз таҷрибаи дигар минтақаҳо истифода бурда, ба афзоиши даромади пулӣ таъсири калон расондан лозим аст ва ин мақсадро дар самтҳои асосии алгоритми дар расми 3.6. инъикосёфта ба даст овардан мумкин аст.




**Расми 3.6. Роҳҳои баландгардонии сатҳи зиндагӣ дар вилояти Хатлон**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Табиист, ки оид ба имкониятҳои азнавсозии сохтори даромади аҳолӣ, яъне зиёд кардани ҳаҷми музди меҳнат дар ҳаҷми умумии онҳо, барқарор намудани нақши он ҳамчун манбаи асосии даромад ва ҳавасмандии асосии фаъолияти иқтисодии меҳнаткашон савол ба миён меояд. Чунин азнавсозӣ дар ниҳояти кор

бояд боиси хеле зиёд шудани ҳиссаи музди меҳнат дар арзиши умумии иловагардида шавад. Ҳоло равшан аст, ки афзоиши музди миёнаи меҳнат бояд худаш танҳо натиҷаи баланд шудани ҳосилнокии меҳнат бошад.

Имрӯзҳо зарурати фаъолонаи дар сатҳи ҳар як минтақа таҳия кардани самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омадааст, ки ҳадафи асосии он бояд баландбардории сифати зиндагии аҳолӣ бошад.

Баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат масъалаи махсусан мубрам аст. Дар чунин ҳолат зарур аст, ки даромади ҳадди ақал аз сатҳи зиндагӣ болотар бошад.

Аз ин лиҳоз, методикаи асоснокшудаи ҳисобкунии ҳамаи намудҳои буҷетҳои истеъмолиро дар сатҳи минтақа дар ихтиёр доштану мутаносибан арзиши аслии онҳоро ҳисоб кардан зарур мебошад.

Бинобар ин, самтҳои афзалиятноки соҳаи иқтисодии консепсияи минтақавӣ барои давраи наздик бояд инҳоро дар бар гирад:

-пайваста боло бурдани ҳадди ақалли музди меҳнат ва тадриҷан ба сатҳи ҳадди ақалли ҳаётгузаронӣ расонидан;

- дар низоми шарикии иҷтимоӣ инкишоф додани низоми танзими музди меҳнат дар асоси қарордодҳои коллективӣ ва қарордодҳои тарифӣ ва дар ин замина барҳам додани фарқияти зиёди беасоси музди меҳнат аз рӯйи категорияҳои кормандон, соҳаҳо ва ҳудудҳо;

- муҳайё сохтани шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилие, ки пардохти саривақтӣ ва пурраи музди меҳнатро таъмин менамояд;

- муқаррар намудани қонунгузорӣ барои кормандон барои ҳуқуқ ба ҳимоя дар ҳолати ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат.

Аммо тадбирҳои дар боло зикрёфта танҳо афзоиши пешбинишудаи нархҳои истеъмолиро ҷуброн карда, беҳтаршавии вазъияти музди меҳнатро дар соҳаи давлатӣ имкон намедиҳанд.

Татбиқи минбаъдаи тадбирҳо оид ба зиёд кардани ҳадди ақалли музди меҳнат, ҳифзи ҳуқуқи меҳнати кормандон ва таъмини таносуби манфиатҳои коргарону корфармоён, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили муассисаҳои

тосудии танзими баҳсҳои мехнатӣ ба беҳтаршавии вазъи музди меҳнат мусоидат хоҳад кард.

Дар шароити ҳозира корфармоёнро барои афзудани музди меҳнати кормандон тавассути тағйирдиҳии ҳаҷми пардохтҳо ба фондҳои ғайрибуҷетӣ ҳавасманд кардан лозим аст, ки бо фоизи фонди музди меҳнат ҳисоб карда мешаванд. Ин низом чораандешиҳои махсусро тақозо менамояд. Аз ҷумла, яке аз вариантҳо чунин аст: дар давраи муайян ба базаи андозбандишаванда як қисми музди меҳнати дар ин давра гирифтаи корхонаҳое, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро зиёд мекунанд, дохил нашаванд.

Ба ғайр аз дараҷаи муътадили даромад дар сари вақт додани музди меҳнат аҳаммияти калон дорад. Мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 феврали соли 2002 эътибор пайдо кардааст, барои ба таъхир андохтани музди меҳнат ҷарима ситонида мешавад ва дар сурати дар давоми 14 рӯз напардохтани музди меҳнат корманд ҳуқуқ дорад ба кор набарояд.

Вале ба вайронкунандагони интизоми молиявӣ таъсири маъмурӣ расондан лозим аст. Бо ин мақсадҳо иҷрои чораҳои зерин пешниҳод мешавад:

- тафтиши вазъияти молиявии корхонаю ташкилотҳое, ки ба таври мунтазам ба таъхир андохтани пардохти музди меҳнатро дар ҳаҷми калон роҳ медиҳанд;

- назорати мунтазами пардохти музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷетӣ;

- муҷозоти роҳбарон барои сари вақт надодани музди меҳнат, то аз кор озод кардан.

Аммо на ҳар як фарди қобили меҳнати ҷамъият имкон дорад, ки кору рӯзгор гузаронад. Дар вилоят барои паст кардани сатҳи бекорӣ татбиқи сиёсати бо кор таъмин карданро ҷорӣ намудан лозим аст. Барои ин бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

- ҳифз ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ;

- баланд бардоштани сифати захираҳои меҳнатӣ, тайёрии касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо;

- истифодаи шаклҳои гуногуни шуғли муваққатӣ.

Дар деҳот таъсиси ҷойҳои нави корӣ хеле муҳим аст. Ин ба ислоҳоти комплекси агросаноатӣ, ки дар вилоят гузаронда мешавад, бевосита алоқаманд аст. Ба муносибати ба раванди кишоварзӣ ҷорӣ намудани техникаи нави пуриқтидор шумораи корҳои бесамар кам мешавад.

Яке аз роҳҳои умедбахши кам кардани бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолии деҳот ин рушди саноат дар деҳот мебошад. Ба соҳаҳои асосии саноат, ки тараққиёти онҳо дар деҳот ба мақсад мувофиқ аст, хӯроки умумӣ, сохтмон, нақлиёт дохил мешавад.

Бояд гуфт, ки дар вилояти Хатлон тараққӣ додани корхонаҳои бузурги саноатӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, дар минтақа сохтмону азхудкунии корхонаҳои нав:

- ба буҷети маҳаллӣ ворид шудани маблағҳои калонро таъмин менамояд, ки ин боиси зиёд шудани ҳиссаи захираҳое, ки барои тараққиёти иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд;

- ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳад, ки дар натиҷа сатҳи бекории деҳот коҳиш меёбад;

- ба кормандони комплекси агросаноатӣ имкон медиҳад, ки музди меҳнати сазовор гиранд;

- инфрасохтори иҷтимоию иқтисодии корхонаҳо - сохтмони роҳҳо, табобатхонаҳо, мағозаҳо, кӯдакистонҳо, сохтмони биноҳои истиқоматиро пешбинӣ менамояд;

- сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳотро баланд мебардорад.

Аммо ҳангоми қабули қарорҳо оид ба тараққӣ додани корхонаҳои саноатӣ дар деҳот оқибатҳои экологии ин фаъолиятро ба инобат мебояд гирифт. Имкон дорад, ки болоравии сатҳи некуаҳволии аҳолӣ бар зарари баланд шудани сатҳи ҳаётгузаронӣ сурат гирад. Бинобар ин, бодиққат омӯхтани ҳар як лоиҳаи иқтисодӣ аз нуқтаи назари оқибатҳои экологӣ низ муҳим аст.

Тараққиёти пурсамари истеҳсолот ҳам дар тамоми кишвар ва ҳам дар минтақаҳо дар алоҳидагӣ имкон медиҳад, ки вазъияти ҳар як инсон ба таври воқеӣ тағйир дода шавад. Самтҳои иқтисодии баланд бардоштани сатҳу сифати

ҳаётгузаронӣ бояд бо чораҳои иҷтимоӣ дастгирӣ ёбанд. Яке аз самтҳои асосӣ - ин сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, махсусан дар деҳот ба шумор меравад ва барои таъмини бахши кишоварзӣ бо мутахассисони баландихтисос ва сифати баланди ҳаётгузаронӣ пешбинӣ шудааст.

Сиёсати нави иҷтимоӣ бояд ба таъмини субот ва рушди босуръати сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва дар даҳсолаи наздик – рушди аввалиндараҷаи некуаҳволии қишрҳои ҷомеа, ки осебпазиранд, нигаронида шавад. Босуръат баланд шудани сатҳи зиндагии ин қишри алоҳидаи аҳолӣ, ҳалли масъалаҳои қашшоқӣ аз нуқтаи назари адолати иҷтимоӣ зарур аст. Он шарти муҳимтарини афзоиши истеҳсолоти ватанӣ низ ба шумор меравад, зеро маҳз ҳамин қисмат, ки аксарияти аҳолии кишварро ташкил медиҳад, метавонад дар сурати зиёд шудани даромад талаботро ба молҳои истеъмолии дохилӣ афзун гардонад. Зарурати эҷоди заминаҳои рушди дарозмуддати некуаҳволӣ бояд чун воситаи маҳдудкунандаи афзоиши он баромад намояд. Танҳо дар чунин шароит метавон дар бораи сиёсати иҷтимоӣ чун воситаи бадастории ризоияти иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ сухан гуфт.

Вазифаҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи маҳал бояд ба чунин мақсадҳо равона шавад:

- баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ;

- бартарафсозии камбизоатии мутлақ;

- кам кардани фарқияти аз ҳад зиёди даромади аҳолӣ;

-фаъолияти пурраи ниҳодҳои иҷтимоӣ;

- тадриҷан бартараф кардани фарқияти байни маоши кам, нафақа ва ҳадди ақалли ҳаётгузаронӣ;

- тадриҷан ба баҳодиҳии воқеии ҳадди ақалли ҳаётгузаронӣ наздик шудан.

Ноил шудан ба мақсадҳои дар пеш гузошташуда имконпазир аст, агар низоми маҷмуи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа дар сатҳи ҷумҳурӣ дар шакли маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ роҳандозӣ шавад Фарқияти асосии сармояи инсонӣ аз сармояи ҷисмонӣ ё молиявӣ дар он аст, ки дониш, малака, тандурустӣ ва дигар арзишҳо аз худи инсон ҷудонашавандаанд.

Танҳо оқилона истифода бурдани имкониятҳои баррасишуда барои сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ метавонад боиси баланд шудани сифати зиндагии аҳолӣ гардад.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини паст будани сифати зиндагӣ ин бо манзили шахсӣ ба таври кофӣ таъмин набудани аҳолӣ мебошад. Сохтмони манзил метавонад ба пешрафти иқтисодиёти минтақа такони ҷиддӣ расонад. Ҳамчунин, он асоси рушди иҷтимоии минтақа маҳсуб меёбад.

Ҳалли масъалаҳои зикршуда бояд маҷмуӣ бошад. Масъалаҳои иҷтимоии деҳот роҳи ҳалли тиҷоратӣ надоранд. Ҳар як сармоягузор ба он ҷо бо умеди ба даст овардани ҳадди ақалли фоида дар фурсатҳои наздиктарин меравад, чунки сармоягузорӣ намудан барои рушди инфрасохтор ба зудӣ ба даромади ғайримустақим табдил ёфта метавонад.

Аз ин лиҳоз, сиёсати ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ барои ба макони мусоиди зиндагӣ табдил додани деҳа лозим аст.

Яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои демографӣ ва манзили зист дар деҳот дастгирии мутахассисони ҷавон ба ҳисоб меравад. Ҷавонони деҳот, ки барои таҳсил ба шаҳр мераванд, на ҳамеша ба деҳа баргаштан мехоҳанд. Дар натиҷа аҳолии деҳот на танҳо пир мешавад, балки шуморааш хеле кам мегардад. Илова ба ин, истеҳсолоти кишоварзӣ кадрҳои эҳтимолиро аз даст дода истодаанд.

Барои ҳалли ин масъала бояд барномаи дастгирии мутахассисони ҷавон дар деҳот таҳия шуда, дар таълими ройгони ҷавонон аз рӯйи ихтисосҳои кишоварзӣ зоҳир шавад. Хоҷагиҳое, ки довталабонро ба таҳсил фиристодаанд, баъди муҳлати муайян мутахассисони кордон мегиранд. Хароҷот барои таҳсил, тайёрии касбӣ, такмили ихтисос бояд ҳамчун сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳисоб карда шавад.

Бидуни татбиқи тадбирҳои тараққиёти минбаъдаи соҳаҳои иҷтимоӣ баландбардории сатҳи зиндагонии аҳолӣ имконнопазир аст.

Самтҳои асосии соҳаи маориф бояд баэътидолдарории сохтор ва тобеияти идоравии муассисаҳои таълимӣ, инчунин, гузариши онҳо ба шартҳои нави маблағгузорӣ равона шуда бошанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва

таҳсилоти умумӣ тамоюли афзоиши тағйирпазирии раванди таълим бояд муттаҳид карда шавад, дар заминаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, мактабҳои омӯзиши амиқи фанҳо бояд таъсис дода шаванд. Инчунин, бояд сифати таълиму тарбия дар соҳаи маориф беҳтар гардаду ба қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба хизмати маишӣ мусоидати лозима расонда шавад.

Муҳим аст, ки ба ҳифзи тандурустӣ аҳаммияти якуминдараҷа дода мешавад. Дар вилоят барномаҳои мухталифе татбиқ мегарданд, ки ба ин ҳадафҳо нигаронида шудаанд. Дар ин радиф, ҳар сол беморхонаҳо кушода шуда, таҷҳизоти ҳозиразамон бояд харида шавад.

Ба ташкили истироҳат ва солимгардонии бачагон, наврасон ва ҷавонон диққати махсус дода шавад.

Ҳамин тавр, сиёсати нави иҷтимоӣ бояд, қабл аз ҳама, ба зиёд кардани даромади қишри камбизоати аҳолӣ дар баробари коҳиш додани фарқияти иҷтимоии даромадҳои аксарияти мутлақ ва ақаллияти ками аҳолӣ нигаронида шавад. Иҷрои чораҳои дар боло баррасишуда маблағгузориҳои буҷетро барои соҳаи иҷтимоӣ хеле зиёд мекунад. Дар натиҷаи ба амал баровардани чораҳои пешбинишуда музди миёнаи меҳнат дар соҳаҳои иҷтимоӣ қариб ду маротиба зиёд мешавад ва ҳаҷми миёнаи нафақаҳоро низ ду баробар зиёд кардан мумкин аст.

**Хулосаи зербоби 3.3.**

Зарур аст, ки минбаъд низ дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар деҳот тадбирҳои зерин андешида шаванд:

- ислоҳоти институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, махсусан дар деҳот;
- ташаккул ва рушди механизмҳои тақвияти суроғавӣ ва баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ;
- беҳтар намудани низоми мониторинг ва арзёбии чорабиниҳо барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ (аз рӯйи нишондиҳандаҳои некуаҳволӣ) дар сатҳи маҳалҳо;
- рушди усулҳои пешниҳоди хизматрасониҳо ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар тақсимоти шаҳрҳо ва ноҳияҳо (деҳаҳо)-и вилоят;

- ташаккул додани тартиби дараҷаи кафолатҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ бо назардошти принсипҳои мусоҳибаи иҷтимоӣ;

- коркарди меъёрҳои стандартҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ аз рӯйи хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи иҷтимоӣ ба аҳолӣ, аз он ҷумла, дар самти хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ;

- коркарди барномаҳои давлатӣ оид ба масъалаҳои пиршавӣ ва стандартҳои ҳадди ақалли кумаки унвонии иҷтимоӣ ба камбизоатон ва нафақахӯрон;

- мусоидат дар шуғлнокии аҳолии калонсол ва бозомӯзонии онҳо;

- таъсис додани шабакаи марказҳои барқарорсозӣ барои шахсони дорои маъюбӣ дар сатҳи маҳал;

- дигар тадбирҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавии сатҳи миллӣ ва минтақавӣ дарҷ карда шудаанд.

Ҳарчанд дар даҳсолаи охир ҳукумат соҳаи ҳифзи иҷтимоиро васеъ намуда бошад ҳам, низоми мавҷудаи таъминоти иҷтимоӣ барои камбизоатон маҳдуд боқӣ мемонад. Шабакаҳо ва технологияҳо барои ошкор намудани гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва расонидани кумак ба онҳо мавҷуданд. Ин механизмҳоро барои ошкор ва расонидани кумаки иқтисодӣ ба табақаҳои осебпазир, бахусус дар деҳот бо назардошти оқибатҳои ба иқтисодиёт расонидаи пандемияи COVID-19 рушд додан зарур аст.

Дар робита ба ин, дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои вилоят барои фаъолнокии соҳибкорӣ маҳдудиятҳои инфрасохторӣ таъсир мерасонанд. Мутаносибан, дар давраи миёнамуҳлати минбаъдаи рушд якҷо бо таъмини ҷалб ва афзоиши боздеҳ аз инфрасохторҳои сармоягузоришаванда, тақвияти таъкид ба ташаккули тиҷорат – омилҳо дар шаҳрҳои хурд ва маҳаллаҳои ноҳияҳо зарур мегардад.

Афзалият – ин рушди маҷмуии деҳот мебошад. Дар маҳаллаҳои деҳот давомнокии афзоиши шумораи аҳолӣ барои таъмин намудан ба шароити зиндагӣ, кор ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ идома меёбад.

Дар маҷмуъ, дар барномаи миёнамуҳлати давраи минбаъда гузоштани масъалаҳо вобаста ба равандҳои шаҳрнишинишавӣ якҷо бо сохтмони манзилҳо новобаста аз механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди саноатикунонӣ –

инноватсионии шаҳрҳо бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, таъсиси ҷойҳои кории пурмаҳсул, мушаххаскунии барномаҳои сармоягузорӣ дар миқёси категорияи алоҳидаи шаҳрҳо бояд бо ҳам алоқаманд бошанд.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки хулосаву пешниҳодҳои зеринро таҳия намоем:

1. Дар асоси омӯзиши масъалаҳои назариявии роҳҳои баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар минтақа хулоса намудан мумкин аст, ки гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ва бӯҳрони молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки бе рушди муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ноил шудан ба суботи иқтисодӣ ва тараққии минбаъдаи он имконнопазир аст. Дар даврони ислоҳот вазъе ба вуқӯъ омад, ки бо паст шудани сифати зиндагии аҳолӣ ва ба қишрҳо ҷудо шудани аҳолӣ хос аст. Суръати баланди афзоиши нархҳои истеъмолӣ дар муқоиса бо суръати афзоиши музди меҳнат шумораи одамонеро зиёд кард, ки даромадашон аз ҳадди аққали ҳаётгузаронӣ паст аст. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии рушди иқтидори меҳнатии комплекси агросаноатӣ аз он иборат аст, ки самараи механизми идоракунии сифати зиндагии аҳолӣ зиёд карда шавад. Татбқсозии ислоҳоти иқтисодӣ бидуни ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ имконнопазир аст [4-М].

2.Ҳангоми омӯхтани асосҳои методологӣ маълум шуд, ки нишондиҳандаҳое, ки барои баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ истифода мешаванд, ҳаматарафа ва умумӣ нестанд. Сифати зиндагиро аз мавқеъҳои мухталиф, яъне аз ҷиҳати меҳнатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ мебояд таҳлил кард. Аз ҷониби муаллиф бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот низоми маҷмӯи нишондиҳандаҳои сифати ҳаёт пешниҳод мегардад. Ин низом гурӯҳҳои зерини нишондиҳандаҳоро муттаҳид менамояд: сатҳи ҳаётгузаронӣ; бозори меҳнат; сифати фаъолияти меҳнатӣ; вазъи демографии аҳолӣ; шароити истироҳат ва манзили зист; экология ва бехатарии ҷамъиятӣ. Ҳар кадоми ин гурӯҳҳо дар таҳлили сифати зиндагии аҳолии ин ё он минтақа аҳамияти калон доранд [6-М].

3. Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда маълум сохт, ки яке аз меъёрҳои калидии сифати ҳаётгузаронӣ сатҳи зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад. Муаллиф дар асоси муқоисаи буҷетҳои ҳадди аққали истеъмолӣ ва даромади аҳолӣ низоми нишондиҳандаҳоеро муқаррар намуд, ки сатҳи зиндагониро тавсиф медиҳад. Таҳлили

